**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

САЛИМИЁН ОЗАР САИДЗОД

# МАФҲУМИ «ҒАМ» ВА ОМИЛҲОИ ҒАМБАРАНГЕЗ ДАР МАСНАВИЁТИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

Диссертатсия барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик

**Роҳбари илмӣ:** Тағоймуродов Р.Ҳ.,

доктори илмҳои филологӣ, профессор

**ДУШАНБЕ - 2021**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА ..................................................................................3**

**БОБИ I. БАРРАСИИ ҶОЙГОҲИ ҒАМ ДАР АДЁН, АСОТИР ВА ИЛМУ АДАБ..............................................................................................13**

**1.1. Ҷойгоҳи ғам дар адён ва асотир ..........................................................13**

**1.2. Назари файласуфон ва ҳакимон ба мафҳуми ғам ...............................21**

**1.3. Масоили ғам ва муодили он дар коргоҳи эҷодии шоирон ...............30**

**БОБИ II. МАВЗӮИ ҒАМ ДАР МАСНАВИҲОИ БЕДИЛ ...........................48**

**2.1. Назари иҷмолӣ ба муҳтавиёти маснавиҳои Бедил..............................50**

**2.2. Ғамҳои раво ва нораво дар маснавиҳои Абулмаонӣ ....................... 52**

**2.3. Ностальжӣ ё ҳасрати гузашта дар маснавиҳои Бедил .......................66**

**2.4. Ғамҳои гурезпазир ва гурезнопазир дар маснавиҳои Бедил.......... 80**

**БОБИ III. ОМИЛҲОИ ҒАМБАРАНГЕЗ ВА ҒОЯТШИНОСИИ ОНҲО ДАР МАСНАВИҲОИ БЕДИЛ.......................................................................91**

**3.1. Ноадолатиҳои иҷтимоӣ ба ҳайси авомили ғамбарангез ..................... 91**

**3.2. Ҳирсу тамаъ ва сарватпарастӣ чун омилҳои ғамзо .............................99**

**3.3. Кирдори ношоиста ҳамчун асбоби ғам ..................................................107**

**3.4. Имтиҳонот ва нақши онҳо дар падидоии ғам .......................................132**

**3.5. Нодонӣ ва ғафлат ба ҳайси ду абзори ғамсоз .....................................138**

**3.6. Ишқ ва ғамҳои мансуб ба он...................................................................145**

**3.7. Вобастагии ғам ба қисмат ......................................................................148**

**3.8. Ғамофаринии аҷз........................................................................................154**

**ХУЛОСА .......................................................................................................156**

**КИТОБНОМА...............................................................................................160**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамият ва зарурати мавзӯи таҳқиқот.** Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил (1644 – 1721) аз бузургтарин намояндагони сабки ҳиндии адабиёти форс-тоҷик ба шумор меравад. Масъалаи омӯзиши рӯзгору осори Мирзо Абдулқодири Бедил дар Тоҷикистон ва ҳавзаи форсизабонони ҷаҳон то андозае таҳқиқи худро ёфта бошад ҳам, то ҳол дар осори ӯ масъалаҳои дастнохӯрда хеле зиёданд, ки баррасии мавзӯи ғам ва авомили барангезандаи онро метавон яке аз онҳо қаламдод кард.

Дар нигоҳи нахуст чунин ба назар мерасад, ки мавзӯи ғаму андуҳ бастагӣ ба равоншиносӣ дорад ва онро бо адабиётшиносӣ рабт додан шояд хилофи дастур бошад. Аммо ковишҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки домани таҳқиқи адабиётшиносӣ васеъ аст ва ҷанбаи равоншиносӣ низ ба худ касб кардааст. Барои тақвияти ин иддао намунаи зиёде аз мақолоти олимони Русияву Эрон, аз ҷумла, Тоҳира Мирзоӣ ва Мустафо Гурҷӣ [88][1], Маҳдии Шарифиён [147], доктор Ғафурӣ [70], Мустафо Гурҷӣ, Фотима Кӯпо, Муҳаммадризо Куҳандонӣ [67], Алиризо Араб [52], Степанова М.А. [185], Перевезентсев С.В. [178], Зорин К. [217], Николаева Е.Г. [230] ва дигаронро овардан мумкин аст, ки самти корашон марбут ба ковиши мавзӯи ғам дар адабиёт аст.

Пажӯҳишгари эронӣ Маъсума Худododи Меҳобод чунин менависад: «Равоншиносӣ ва адабиёт, бешак, иртиботи танготанге бо якдигар доранд. Яке аз ин ҷиҳат, ки ҳар матни адабӣ зодаи як зеҳни халлоқ ва ба навъе як офариниш аст, ки аз дарун ва зеҳни офаринандааш баромадааст, пас метавонад бозгӯи ҳолати равонии нависанда ё шоираш бошад. Дигар он ки ҳар матни адабӣ, ба вижа достон, муташаккил аз қаҳрамон ва дигар шахсиятҳо мебошад ва бисёре аз мунтақидон ва ҳатто сабкшиносон муътақиданд, ки қаҳрамони аслии достон инъикос ва бароянде аз зиндагии худи нависанда аст. Пас, дар бисёре аз осори адабӣ метавон аз тариқи асар нақбе ба зиндагӣ ва равони адиб зад» [226, 8].

---

[1] Рақами дохили қавсайн ишора ба китобномаи диссертатсия ва саҳифаи адабиёти истифодашуда аст.

Тафсири адабиёт ба маънои илме, ки дар бораи фазилатҳои ахлоқӣ ё парҳез аз бадиҳо баҳс мекунад, аз қадим маълум аст ва доманаи таҳқиқи он дар шинохти тафовути назму наср, равияҳои адабӣ, вазни аруз ва сохтори танпӯшаҳо мунҳасир намешавад. Яке аз вижагиҳои он бозтоби ҷаҳони ботинии инсон, баёни ғаму ҳасрат, шаклгирии андеша, маниш ва вокуниши фард ба воқеаҳои талху ширини рӯзгор аст. Шинохти ботини инсон аз дидгоҳи адабиёт, ки нақши илми инсонпажӯҳиро ба дӯш дорад, дар ин раванд бо ковишҳои илми равоншиносӣ тобишҳои ҳамгун пайдо мекунад.

Масоили дигаре, ки пайванди адабиётро бо равоншиносӣ таъмин мегардонад, омӯзиши рафтор, ҳисси шодиву ғам, тахайюл, таҳайюҷ ва заъфу тавонмандиҳои инсон аст. На танҳо ҳолати ботинии қаҳрамонони ин ё он асари бадеӣ, ки дар раванди густаришёбии ҳодисот майл ба такомулу таҳаввул дорад, балки тахайюл ва таҳайюҷи офаринандаи асар низ ба донишҳои равоншиносӣ берабт нестанд. Ба гунаи мисол, шинохти илмии мафҳуми “илоҳа”, “илҳом” ё худ “шайтони шеър”, ки аз он шоирони Юнони қадим ва араби аҳди ҷоҳилия дар ашъори худ ёд мекарданд, метавонад барои равоншиносӣ ва адабиёт заминаи муштараки таҳқиқ фароҳам биёрад.

Равоншинохтии ҳолатҳои дарду ғам, иштиёқ, ҳасрат ва дигар авотифи инсонӣ ба хотири ошноии бештар бо замири қаҳрамонони асар, ки бароянде аз ҷаҳони ботинии худи нависанда ё шоир доранд, дар қарни нуздаҳум ба илми равоншиносии адабӣ поя гузошт ва Зигмунд Фрейд-равоншиноси австриягӣ бунёдгузори он шинохта мешавад. Дар ин шеваи таҳқиқ ҳолати ботинии адиб, ранҷу андуҳи нуҳуфта ва тахайюли ӯ мавриди омӯзиш қарор мегирад, чаро ки асар ё матни навишташуда инъикоси айнии он ба шумор меравад.

Муаллифи мақолаи «Чеҳраи равоншиносии адабиёт», муҳаққиқи рус Степанова М.А. се воҳиди равоншиносиро дар адабиёт зикр менамояд, ки онҳо нигарониҳо, аъмол ва маниш (характер) мебошанд. Степанова М.А. ранҷҳои нигарониро дар ҷойи аввал гузошта, андешаи Л.С. Виготскийро меорад, ки бо дарназардошти он нигаронӣ воҳиди содатарини омӯзиши

шахсият ва муҳити иҳотакардаи ӯ мебошад. Муҳаққиқ барои исботи комилтари муддао ҷумлаеро аз қиссаи «Зигмунд Фрейд» -и нависанда С. Свейг пешорӯи хонанда мегузорад: «Шахсияти як фард на бо кумаки формулаҳои яхзада, балки тариқи омӯзиши нақши пои нигарониҳо, ки қисмат барояш фиристодааст, дарк мешавад» [185, 112].

Таҳқиқи дарду ранҷ ё ғаму ҳасрати инсонӣ, ки забони нависанда ва шоир онро шакл мебахшад, дар илми равоншинохтии адабӣ ҷойгоҳи хос дорад ва масоили мазкур аз ҷониби пажӯҳишгарони ин риштаи таҳқиқ дар Ғарб мавриди ковишҳои доманадор қарор гирифтаанд. Шояд бо ҳамин далел бошад, ки аввалин касони дар ҳавзаи илмии форсизабонҳо ба равоншинохтии адабӣ дастзада рӯ ба осори афроде овардаанд, ки дар ҳолати душвор ва мураккаби рӯҳӣ умр ба сар мебурданд. Чунончи, мавриди таҳқиқи Сируси Шамисо ва Ҳусайни Поянда дар самти зикршуда асарҳои нависанда Содиқ Ҳидоят буданд.

Пажӯҳишҳо дар мавзӯи ғаму дард аз он шаҳодат медиҳанд, ки мафҳумҳои зикрёфта аз оғози тамаддуни башарӣ нақши намоён дар осори хаттӣ доранд ва ба ҷуз асарҳои бадеӣ, фалсафӣ ва шифоҳии фарогири ҳаёти дунявӣ, дар кутуби илоҳиву мазҳабӣ низ ҳузури густардаеро соҳиб мебошанд. Шеър, хусусан шеъри форсӣ, даст дар дасти олиҳаи ғам по ба арсаи вуҷуд гузоштааст ва агар касе бихоҳад, ки ғамҳои ишқӣ ва ирфониро аз он бардорад, латма ба азамати он ворид гардида, кам чизе барои мутолиа боқӣ мемонад. Ғаму дарди дар ашъори шоирон бозтобгаштаро муҳаққиқон ба ҷараёнҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ишқи заминиву ирфонӣ, эътиқодӣ, фалсафиву ҳикамӣ ва дур мондан аз ормонҳои фардиву миллӣ побаст намудаанд.

Умуман, мавзӯи ғам дар осори адибон, бо вуҷуди он ки дар адабиётшиносии ҷаҳон аз таҳқиқи зиёд бархӯрдор аст, дар кишвари мо ҳанӯз пажӯҳиши чашмгир надорад ва адабиётшинос Худоӣ Шарифзода дар мақолае бо унвони «Ҳасратномаи шоирон» ба ин масъала ишорат намуда, изҳор кардааст: «Таманно дорем, ки дари баҳсу таҳқиқи ин мавзӯъ дар

адабиёти тоҷик боз гардад ва арзиши адабию бадеии онро барои хонандаи имрӯза ва эҷодкорони оянда равшан намоянд» [146, 187].

Дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил, ки аз бузургтарин шоирони адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад, мафҳуми ғам аз ҳар мафҳум ва мавзӯи дигар ҷилваи бештар дорад. Ба хусус, дар маснавиёти Бедил ин мафҳум дар хилоли мазмунсозиҳои шоир бо тобишҳои гуногун ба назар мерасад.

Дар диссертатсияи худ мо кӯшиш ба харҷ додаем, ки дари баҳсу таҳқиқи мавзӯи ҳасрату ғамро боз намоем ва ба қадри тавони худ атрофи паҳлуҳои мухталифи ин мавзӯъ дар маснавиҳои Мирзо Абдулқодири Бедил нуктаи назари худро баён созем.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Дар бораи рӯзгор ва эҷодиёти Бедил тазкираҳои соли таълифашон ба замони зиндагии шоир наздик, ба монанди «Тазкираи Насрободӣ»-и Мирзотоҳири Насрободӣ, «Миръот-ул-хаёл»-и Шералихони Лудӣ, «Калимот-уш-шуаро»-и Муҳаммадафзали Сархуш, «Ҳамешабаҳор»-и Кшанчандни Ихлос, «Миръоти воридот»-и Муҳаммадшафеъ Вориди Теҳронӣ, «Сафинаи Хушгӯ»-и Биндрабандоси Хушгӯ, «Сарви озод» ва «Хизонаи омира» - и Мир Ғуломалии Озод, «Риёз-уш-шуаро»-и Алиқулихони Вола ва «Маҷмаъ-ун-нафоис»-и Сироҷиддин Алихони Орзу маълумот додаанд. Муҳаққиқони рӯзгори Бедил дар ковишҳои худ бештар ба ҳамин тазкираҳо такя менамоянд. Тазкираҳои дигаре, ки баъдтар таълиф шудаанд, ба мисли «Тазкираи беназир»-и Абдулваҳҳоби Ифтихор, «Суҳуфи Иброҳим»-и Алӣ Иброҳимхони Халил, «Хулосат-ул-афкор»-и Абӯтолибхони Исфаҳонӣ, «Наштари ишқ»-и Ҳусайнқулихони Азимободӣ, «Натоиҷ-ул-афкор»-и Қудратуллои Гупомӯй ва «Шамъи анҷуман»-и Муҳаммадсидиқи Ҳасанхон аз он ҷиҳат дар бедилшиносӣ аҳаммияти дувумдараҷа доранд, ки бештар маълумоти тазкираҳои қаблан иншошударо такроран дарҷ намудаанд.

Халилуллоҳи Халилӣ дар рисолаи «Файзи қудс» доир ба рӯзгор ва осори Бедил маълумоти муфассал дода, баъзе аз маълумоти зикркардаи

тазкиранависони пешинро зимни муқоиса бо «Чаҳор унсур», ки нигорандаи он худи Абулмаонист, зери шубҳа қарор медиҳад. Асари навиштаи ӯро метавон хидмати шоёне дар баррасии осор ва рӯзгори Бедил донист. Лозим ба қайд аст, ки Халилӣ ба ҷуз рисолаҳои дар боло зикргардида аз «Мураққаи Деҳлӣ» ном рисола, ки ба қалами Зулқадр Даргоҳқулихон Солорҷанги Хонидаврон тааллуқ дорад, ёд мекунад ва соли итмомашро 1151-и ҳиҷрӣ медонад. Ин муаллиф нахустин касест, ки аз баргузории урси Бедил дар сари қабри шоир ёд кардааст [134, 76]. Аммо Халилуллоҳи Халилӣ ягона касе нест, ки ба дурустии баъзе маълумоти овардаи тазкираҳо шак оварда бошад. Донишманди тоҷик Бобобек Раҳимӣ дар китоби арзишманди худ «Ошноӣ бо Бедил» бо чандин далели муътамад дуруст будани қисмате аз маълумоти тазкираҳоро рад менамояд.

Шарҳи ҳаёт ва эҷодиёти Бедил дар адабиётшиносии тоҷик бо кӯшиши устод Садриддин Айнӣ [50] оғоз гардида, баъдан як зумра шоирону пажӯҳишгарон, аз ҷумла Раҳимӣ Б.А. [108], Д. Тоҳирӣ [130], Ҳ. Иброҳимов ва М. Муҳиддинов [78], Мирзо Одина [106], Бахтиёр Ҳамдамов [138] ва Нуралии Нурзод [103]  навиштаҳои худро пиромуни осору рӯзгори Абулмаонӣ дар шакли китоб ба нашр расонидаанд. Ҳамчунин, дар матбуоти даврӣ мақолаҳои А. Сатторзода [121], О. Бухорӣ [60], Ш. Ҳусейнзода [142], Н. Нурзод [104],  Б. Раҳимӣ [110], З. Ғаффорова [67], Т. Нозимов [102], М. Аҷамӣ [55] ба табъ расидаанд, ки фарогири ҳамин мавзӯъ мебошанд. Дар ин миён аз таҳқиқоти донишманди узбекистонӣ Ш. Шукуров низ бояд ёд кард, ки дар баробари чандин мақолаи илмӣ-таҳқиқотӣ рисолаи доктории худро  ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни рӯзгор ва осори Мирзо Бедил бахшидааст [192].

Муҳаққиқони афғонистонӣ ба мисли Салоҳиддини Салчуқӣ  [116], Нурулҳасани Ансорӣ [54], Ғулом Сарвар [118], Халилуллоҳи Халилӣ [134], Муҳаммадиброҳими Халил [133] ва Абдулғафури Орзу [107] низ дар мавзӯи бедилшиносӣ  таҳқиқоти арзишманде ба дасти чоп додаанд. Саҳми бедилшиносони покистонӣ  Хоҷа Абдуррашид [45],  доктор Абулғанӣ [71] ва аз муҳаққиқони Ҳиндустон  Шиблии Нуъмонӣ [105]  дар муаррифии рӯзгору

осори Абулмаонӣ қобили зикр аст. Аз пажӯҳишгарони эронӣ дар самти бедилшиносӣ метавон аз таълифоти Шафеии Кадканӣ [79], Аҳмад Гулчини Маонӣ [84], Абдулҳусайни Зарринкӯб [74], Ҳасани Ҳусайнӣ [141], Муҳаммадтақӣ Баҳор [59], Забеҳулло Сафо [122], Муҳаммадҳусайни Баёт [56] ва Вораси Кирмонӣ [61] ёдовар шуд.

Дар баробари осори таҳқиқии номбаршуда, ки аксаран ба қалами адабиётшиносони ҳирфаӣ тааллуқ доранд, масъалаи ҷаҳонбинии фалсафии Бедил файласуфони зиёдеро чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвари мо ба худ машғул доштааст. Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ андешаҳои фалсафии Бедил аввалин бор аз ҷониби академик И. Муминов [175] мавриди таҳқиқоти алоҳида қарор гирифтааст. Донишманди мазкур дар баробари таҳлилу баррасии назари фалсафӣ ва ақоиди сиёсиву иҷтимоии Бедил мухтасар дар бораи таъсири ӯ ба адабиёти бадеии тоҷику узбек андешаҳояшро баён кардааст. Минбаъд файласуфони тоҷик Баҳоуддинов А. [160], Содиқова Н. [182] ва дигарон осори гуногуни Бедилро аз нуқтаи назари фалсафӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Азбаски мавзӯи кори илмии мо ба фалсафа низ робитаи қавӣ дорад, мо дар ҷараёни таҳқиқ аз андешаву афкори ин донишмандон истифода кардаем.

Бо вуҷуди таваҷҷуҳи зиёд ба ҷанбаҳои гуногуни эҷодиёти Бедил, ҳанӯз барои омӯзиши мавзӯи ғам ва омилҳои он дар осори ӯ ковиши чашмгире сурат нагирифтааст. Умуман, баррасии ғаму ранҷ дар осори шоирону нависандагон аз мавзӯъҳои камтаҳқиқи адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад, аммо дар ҳавзаи форсизабонон навиштаҳои зиёдеро вобаста ба самти мавриди назар пайдо кардан имкон дорад, ки мо намунаи онҳоро болотар зикр намудем.

Дар ҳавзаи илмии русзабонҳо низ дар самти равоншиносии адабии ғаму ранҷ теъдоди зиёди донишмандон ба ковишҳои илмӣ даст задаанд ва дар раванди таҳқиқ корҳои илмии донишмандон И.Вертолева [210], И.Волостних [211], Д. Колесова [222], К. Зорин [217], С. Перевезентсев [178],

Е. Николаева [230], А. Недува [177], М. Степанова [185], Г. Горланов [212], Л.Чеснокова [190] ва Ч. Найюе [229] мавриди мутолеаи мо қарор доштанд.

Аз махсусиятҳои таҳқиқоти пажӯҳишгарони рус дар мавзӯи ғаму андуҳ метавон бар ин нукта ишора кард, ки онҳо аз асарҳои нависандагону шоирони худ ба ҷустуҷӯи «падидаи ғами русӣ» падохтаанд ва барои он ҳувиятро қойил шудаанд. Чунончи, муҳаққиқ Перевезентсев Сергей Вячеславович дар мақолаи худ «Падидаи ғами русӣ» менависад: «Маълум аст, ки ҳолати ғамро ҳар як инсон, новобаста аз нажоду мазҳаби худ, аз сар мегузаронад. Бо вуҷуди ин ҳисси ғам нишонаҳои миллӣ ҳам дорад» [178, 3].

Ба ҳамин тартиб, бо вуҷуди дар адабиётшиносии тоҷик мавқеъ надоштанаш, таҳқиқи мавзӯи ғам намунаҳои зиёде дар адабиётшиносии ҷаҳон дошта, қисмате аз ин таҳқиқот барои мо ба сифати манобеи назарӣ хизмат кардаанд.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ.** Ҳадафи асосии кори илмии мазкур таҳқиқу баррасии мафҳуми ғам ва авомили ғамбарангез дар маснавиҳои Мирзо Абдулқодири Бедил мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди пажӯҳиш қарор гирифтанд:

- баррасии ҷойгоҳи ғам дар адён ва асотир;
- муайян намудани назари донишмандон ба мафҳуми ғам;
- таҳқиқи мафҳуми ғам дар осори адибони форсигӯ;
- таҳлилу баррасии мавзӯи ғам дар маснавиҳои Бедил ва ғоятшиносии онҳо;
- маснавиҳои Бедил ва дастабандии ғам дар онҳо: ғамҳои раво ва нораво, ғамҳои гурезпазир ва гурезнопазир;
- мавқеи ностalжӣ ё ғаму ҳасрати гузашта дар маснавиҳои Бедил.
- баррасии омилҳои ғамбарангез дар маснавиҳои Бедил ва ғоятшиносии онҳо.

**Равиши таҳқиқ ва заминаи назарии он.** Асоси назарӣ ва методологии таҳқиқоти мазкурро усулҳои таҳқиқи муқоисавию таърихӣ, татбиқӣ, қиёсӣ ва дигар усулу равишҳои таҳлили матни адабӣ ташкил додаанд. Ҳангоми

навиштани диссертатсия афкори назарӣ ва таҳқиқоти донишмандони ватанию хориҷӣ, аз қабили Абдулҳусайни Замринкӯб [73,74,75,76], Маликушшуаро Баҳор [59], Бадеуззамони Фурӯзонфар [132], Забеҳуллоҳи Сафо [122, 123,124], Қосими Ғанӣ [63], Шафеии Кадканӣ [79,80], Ҳасани Ҳусайнӣ [141], Халилуллоҳи Халилӣ [134], Рейнолд Николсон [101], Евгений Эдуардович Бертелс [158,159], Садриддин Айнӣ [50], Шарифҷон Ҳусейнзода [142], Худоӣ Шарифзода [146], Абдунабӣ Сатторзода [121], Абдулманнони Насриддин [95,96,97,98] ва дигарон ба назар гирифта шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мафҳуми ғам дар маснавиҳои Мирзо Абдулқодири Бедил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор мегирад. Бо вуҷуди он ки мафҳуми ғам аз серистеъмолтарин истилоҳоти шеъри форсист, то ба имрӯз барои таҳқиқу баррасии густардаи ин мавзӯъ дар осори адибон аз тарафи адабиётшиносони тоҷик кӯшиши ҷиддие ба назар намерасад. Диссертатсияи мазкур чун нахустиқдом саҳифаи наверо дар адабиётшиносии тоҷик боз карда, ғановати онро таҳким хоҳад бахшид.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Диссертатсия дар заминаи осори Бедил, ба вижа маснавиҳои «Тилисми ҳайрат» [11], «Тӯри маърифат» [11], «Муҳити аъзам» [11] ва «Ирфон» [12] таълиф гардидааст. Зимнан осори илмӣ, таҳқиқотӣ ва фалсафиву адабие, ки дар бахши китобномаи диссертатсия зикр шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтанд. Осори адабии шоирони ҳамаср ва ҳамсабки Бедил низ муҳимтарин манбаъҳои истифодашуда мебошанд.

**Аҳамияти илмӣ-назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада ҳангоми таҳқиқу баррасии масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ, аз ҷумла зимни омӯзиши масоили равоншинохтии осори адабӣ, мусоидат хоҳанд кард. Диссертатсия барои муҳаққиқоне, ки минбаъд ба пажӯҳиши ҳамин гуна масъалаҳои асарҳои бадеӣ иқдом менамоянд, маводи фаровони назарӣ дода метавонад. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқ барои пур кардани ҷои холие, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик мавҷуд аст,

мусоидат намуда, барои таҳқиқи минбаъдаи масоили равоншиносии адабиёти бадеӣ роҳ ҳамвор мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** дар он аст, ки маводи онро метавон ҳангоми таълифи фаслҳои гуногуни китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, инчунин мақолаву рисолаҳои илмӣ ҳамчун манбаъ истифода бурд. Инчунин натиҷаҳои бадастомада барои донишҷӯёни риштаи филологӣ зимни таълими курсу семинарҳои тахассусӣ ҳамчун маводи лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ хидмат карда метавонанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ғам ҳамчун ҳолати равонии инсон ҳанӯз аз даврони қадим мавриди таҳқиқу омӯзиш ва баҳсу мунозираи намояндагони улуми диниву дунявӣ қарор дошта, дар устураву ривоёти бостонии мардуми ҷаҳон низ ба сифати мавзӯи меҳварӣ хидмат кардааст.

2. Шеъри форсӣ-тоҷикиро ҷудо аз ғам тасаввур кардан номумкин аст ва ҳузури он дар осори ҳар як шоири пешин ва ё имрӯз мушоҳида мегардад.

3. Дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил, аз ҷумла дар маснавиёти ӯ, мавзӯи ғам аз мавзӯоти асосӣ ва меҳварист.

4. Аз нигоҳи фалсафаи ирфонӣ дар маснавиҳои Бедил дарду ғами инсон ба ду гурӯҳ: раво ва нораво ва ё мамдӯҳу мазмум ҷудо мегардад. Ба гурӯҳи аввал ғамҳое дохил мешаванд, ки инсон ба хотири заъфу нотавонии худ дар корҳои хайр ба он рӯ ба рӯ мегардад ва ғамҳои нораво ғамҳоеянд, ки инсон ба хотири рифоҳи дунявии беш аз ҳадди кифоят ба он гирифтор мешавад.

5. Дар коргоҳи эҷодии Бедил ғамҳои гуногуни инсониро метавон вобаста ба иродаву ихтиёри инсон ду навъ: гурезпазир ва гурезнопазир ба қалам дод. Ғамҳои марбут ба сарнавишт, ғами таъмини маишати рӯзгор, моҷароҳои бархоста аз ихтилофи ақоид ҷузъе аз ғамҳои зиндагӣ ҳастанд, ки гурез аз онҳо имкон надорад. Аммо аз ғамҳои гурезпазир, ки ғами набудани сармоя, заъфи бадан, коҳилӣ, нодорӣ ва надоштани ҷойи муносиб дар ҷомеа намунаи онҳоянд, метавон бо талошу ҳаракат ва гоҳе дигар кардани масири зиндагӣ раҳоӣ ёфт.

6. Аз мутолиаи маснавиҳои Бедил бармеояд, ки омилҳои гуногуне инсонро ба ғам мувоҷеҳ месозанд. Ноадолатиҳои иҷтимоӣ, нодорӣ ва дармондагӣ, ҳирсу тамаъ, тақлидкорӣ, ишқ, аҷзу нотавонӣ ва кирдорҳои ношоиста аз ҷумлаи онҳоянд.

**Коркард ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (қарори №4 аз 30.11. 2019) ва ҷаласаи сексияи адабиётшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (протоколи № 29 аз 22. 04. 2020) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Мазмуни асосии диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ баён гардидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 4 мақола дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР нашр гардидаанд. Ҳамчунин масъалаҳо ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (2016-2019) дар шакли гузоришҳо баён карда шудаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз 180 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, муқаддима, се боб, хулоса ва китобномаро дар бар мегирад.

# БОБИ I. БАРРАСИИ ҶОЙГОҲИ ҒАМ ДАР АДЁН, АСОТИР ВА ИЛМУ АДАБ

## 1.1.Ҷойгоҳи ғам дар адён ва асотир

Таҳқиқи донишмандон нишон медиҳад, ки мавзӯи ғаму ранҷ аз оғози тамаддун нақши намоён дар осори хаттӣ дорад ва ба ҷуз асарҳои бадеӣ, фалсафӣ ва шифоҳии фарогири ҳаёти дунявӣ, дар кутуби Илоҳиву мазҳабӣ низ аз ҳузури густардае бархӯрдор аст.

Ғам ҷузъи ҷудонашавандаи рӯзгори инсон аст ва аз ин рӯ тамоми динҳо кӯшидаанд, ки дар таълимоти худ роҳи раҳоӣ аз онро барои пайравони худ нишон диҳанд. Масалан, Буддои мулаққаб ба Сидҳартҳа бунёдгузори қадимтарин мактаби динӣ-фалсафист ва Муҳаммад Рашод - донишманди маъруфи Эрон дар ҷилди аввали китоби худ – «Фалсафа аз оғози таърих» менависад, ки мувофиқи таълимоти Буддо «…дар ин ҷаҳон фақат он кас тавонад осуда зист, ки сарочаи вуҷудашро аз ҳубби Зот ва ҳирси мол ва шаҳват ва тамоми омолу орзуҳои моддӣ пок сохта бошад» [111, 37]. Дар миёни суханони Буддо, ки ҳамчун дастури ахлоқӣ ба бисёре аз забонҳо тарҷима шудаанд, бо чунин ҷумла рӯ ба рӯ мешавем: «Ашкҳое, ки аз ҳасрат ба хотири ин зиндагӣ аз дидаҳо ҷорӣ шудааст, агар қатароташ ҷамъоварӣ мешуд, тамоми дарёҳоро пур мекард, маазолик, инсони бечора то зинда аст, боз ҳам бояд ашк бирезад» [111, 38].

Чизи ҷолибе, ки дар равияҳои дигари динӣ-фалсафии Ҳинди қадим, масалан  санкҳя, ба назар мерасад, ин аст, ки ғаму андуҳро муштамил бар се навъ донистаанд ва навъи аввали он бо номи адҳятмика фарогири дарду нокомиҳоест, ки онҳо аз табъи худи одам бармехезанд [111, 45]. Ҳамин ғоя, яъне аз ботини худ ҷустани иллати дарду ғам дар асрҳои баъдӣ, бахусус дар асри муосир, ривоҷи чашмгир пайдо кардааст, ки мо баъдан дар атрофи он муфассал сухан хоҳем ронд.

Аммо дар маъхазҳои исломӣ мавзӯи ғам он қадар таърихи қадимӣ дорад, ки барои дарёфти он ночор бояд сайре ба офариниш дошта бошем.

Мувофиқи оёти «Қуръон» чун аз ҷониби Худо ба фариштагон амр мешавад, ки ба Одам саҷда кунанд, ҳама аз ин амр итоат мекунанд, магар Иблис, ки худро мавҷуди олитар аз инсон ҳисоб мекард ва ин саркашӣ боис мешавад, ки ба гарданаш тавқи лаънат афтад ва аз ҷумлаи рондашудагон бошад: «Гуфт: Эй Иблис, чӣ чиз туро аз саҷда кардан дар баробари он чи ман офаридам, манъ кард? Оё бузургӣ намудӣ ва ё мақоми арҷманд доштӣ? Гуфт: Ман аз (Одам) беҳтарам. Маро аз оташ офаридаӣ ва ӯро аз гил. Гуфт: Аз ин ҷо берун шав, ки ту рондашудаӣ» (20/ 38 /75-77). Яъне, нахустин касе, ки гирифтори дард ва нокомӣ гардид, Иблис аст, ки ба дониш ва тооти зиёди худ мағрур шуда буд. Агар сари ин мавзӯъ андеша кунем, дармеёбем, ки саркашӣ ва манманӣ дар фарҳанги тоисломиву исломии мо ҳамеша хислати нописандида будааст ва саранҷоми он дар адабиёти бадеии порсӣ ва ғолибан ҷаҳонӣ, чизе ҷуз нокомӣ нест. Масалан, дар «Шоҳнома» он ҷо, ки аз анҷоми подшоҳии Ҷамшед сухан меравад, ин мисраъҳоро мехонем:

Манӣ чун бипайваст бо Кирдгор,
Шикаст андар оварду баргашт кор.
Чӣ гуфт он сухангӯйи бо фарру ҳуш:
Чу хусрав шавӣ, бандагиро бикӯш [42, 66].

Аз биҳишт ронда шудани Одамро бар асари гуноҳ, ки дар динҳои гуногун зикраш меравад, метавон марҳилаи оғози ғам барои банӣ башар донист. Аммо аз дидгоҳи баъзе ҳакимони мусулмон ғам таърихи қадиматаре аз замони ронда шудани Иблис аз боргоҳи Илоҳӣ ва аз биҳишт берун шудани Абулбашар дорад. Абӯбакр Атиқи Нишопурӣ, ки муфассири «Қуръон» дар асри панҷуми ҳиҷрии қамарӣ ба забони форсӣ аст ва асараш бо номҳои «Тафсири Абӯбакри Атиқ» ва «Тафсири Суободӣ» шуҳрат дорад, зимни шарҳи хилқати Одам мегӯяд: «Он гоҳ Худои таъоло бар он гили Одам чиҳил рӯз бороні андуҳон борид, то оғушта гашт ва он гоҳ як соат борони шодӣ бар он борид» [209, 6].

Дар асари даҳҷилдаи «Кашф-ул-асрор», ки қадимтарин тафсири «Қуръон» ва ирфони форсист, муаллиф Абулфазл Рашидуддини Майбудӣ бар асоси омӯхтаҳояш аз таълимоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳузури ғамро муҳимтарин ҳисси қалбӣ донista, менависад: «Дар фироқи дӯст чандон гиристан бояд, то ваҳмат чунон афтад, ки бо ашк омехта аст ва бо қатароти ашк дар канорат хоҳад афтод» [209, 6].

Дар ирфони исломӣ ҳузн ва ҳазан вожаҳоеянд, ки мақоми истилоҳро касб кардаанд. Маънои луғавии ҳузн замини сахту ноҳамвор ва дуруштиву хушунат аст [221,5]. Дар такя ба маънохои фавқ орифон аз истифодаи вожаи мазкур андуҳу дарду ғами шадидро дар нафс бо сабаби вуқӯи амре дар назар доштанд. Аз назари Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳузн ҳолати қабзест, ки соликро аз пароканда шудани қалб дар водиҳои ғафлат боз медорад. Ҳамчунин гуфта мешавад, ки ҳузн ин андуҳ ва таассуфи қалб барои чизест, ки аз даст рафта бувад ва ё ба даст омаданаш номумкин аст. «Дар тариқат ҳузн таассуфи банда барои аз даст додани камолот ва асбобу муқаддимоти камол аст» [221, 6].

Дар «Қуръони карим» ҳузн дар якчанд сура ҷойгоҳ дорад. Ҷамъи ҳузн бо муштақоташ 43 маротиба истифода шудааст. Намуна:

1) «Эй пайғамбар, андуҳгин накунад туро касоне, ки шитоб мекунанд дар куфр варзидан…» [20/ 5 / 41].

2) «Ҳаройина шахсоне, ки мусулмонанд ва онҳое, ки яҳудиянд ва мардуми аздинбаргашта ва насрониҳо ва ҳар касе, ки имон биёрад ва ба Худо ва ба рӯзи қиёмат ва амали нек анҷом диҳад, на бар ӯ хавф асту на ғаму андуҳ» [20/ 5 / 69].

3) «Медонем, ки суханашон туро андуҳгин месозад, вале инҳо на танҳо туро дурӯғ мебароранд, балки ин ситамкорон сухани Худоро инкор мекунанд» [20/ 6 / 33].

4) «Пас ҳар кас, ки имон овард ва кори шоистае кард, бимнок ва ғамгин намешавад» [20/ 6 / 48].

5) « Эй фарзандони Одам, ҳар гоҳ паёмбароне аз худи шумо биёянд ва оятҳои Моро бар шумо бихонанд, касоне, ки парҳезгорӣ кунанд ва ба салоҳ оянд, биме бар онҳо нест ва худ ғамгин намешаванд» [20/ 7 / 35].

6) «Ва нест гуноҳ бар шахсоне, ки чун биоянд назди ту, то маркабе бидиҳӣ эшонро, бигӯйӣ, намеёбам чизеро, ки савор кунам эшонро бар он, боз гарданд дар ҳоле, ки аз чашмҳои эшон ҷорӣ бошад ашк аз рӯи ғам, зеро намеёбанд чизеро, ки нафақа кунанд» [20/ 9 / 92].

7) «Мо сабъулмасонӣ ва «Қуръон»-и бузургро ба ту додем. Агар баъзе аз марду занонашонро ба чизе баҳравар сохтаем, ту ба он нигоҳ накун. Ва ғами онҳоро нахӯр. Ва дар баробари муъминон фурӯтан (хоксор) бош» [20/ 15 / 87-88].

Мувофиқи ақидаи уламо ин оятҳоро метавон ду қисмат кард. Ба қисмати якум оятҳое мансуб мешаванд, ки дар онҳо Худо ба расули худ хитоб мекунад, то бар сабаби такзиб ва инкори қавм ғамгин нагардад ва қисмати дувум оятҳоеянд, ки дар онҳо Худо ба муъминону дӯстони хеш (авлиёуллоҳ) ваъда медиҳад, ки дар дунё ва охират ғаму андухро аз дилҳои онҳо хоҳад зудуд. Худованд дар ҳар ду қисмати оятҳо муъминон ва расули худро аз ғам хӯрдан барои чизҳое, ки ба даст наомадаанд, ё аз даст рафтаанд, манъ медорад.

Дар «Қуръон» ба мазмунҳои латифтари ҳузн ҳам ишора шудааст ва дар онҳо сухан аз муъминоне меравад, ки ҳангоми ҷиҳод дар канори паямбар чизе барои инфоқ надоштанд.

Дар ривоёти исломӣ ҳам ҳузн гоҳе раво дониста мешавад. Чунончи аз қавли Алӣ ибни Абутолиб дар «Наҳҷ-ул-балоға» омадааст, ки порсоён бо хондани «Қуръон» дили худро маҳзун мекунанд [206].

Бар хилофи файласуфон, ки ҳузнро маризии қалбӣ медонанд, он дар назди урафо мақоми шоистае дорад ва аз асбоби лозими сайру сулук аст. Абӯсаиди Абулхайр мегӯяд:

Ишқи ту балои дили дарвеши ман аст,
Бегона намешавад, магар хеши ман аст.
Хоҳам сафаре кунам, зи ғам бигрезам,
Манзил-манзил ғами ту дар пеши ман аст. [5, 250].

Мувофиқ ба нақли қавл аз китоби «Мисбоҳ-ул-шариат ва мифтоҳ-ул-ҳақиқат», ки ба Ҷаъфар Ибни Муҳаммади Содиқ нисбат дода мешавад, ҳузн шаъни сулукӣ дорад ва аз нишонаҳои аҳли маърифат мебошад. Дар ин китоб ҳузн ҳосили касрати воридоти ғайбӣ бар замири орифон донista шудааст [221,7].

Дар ирфон ҳузн вобаста ба хусусиёти худ ба ду даста тақсимбандӣ мешавад: Ҳузни мамдӯҳ (писандида) ва ҳузни мазмум (накуҳишшуда). Аз ориф ва сӯфии машҳури Бағдод Абулҳасан Сиррӣ бини Муғласи Сақатӣ, ки бо номи Сиррии Сақатӣ маъруф мебошад, нақл аст, ки «ҳузни дунё мазмум ва ҳузни охират мамдӯҳ бошад» [221,7]. Ҳузни ҳаром ва ё ҳузни мазмум ғамгин шудан барои аз даст додани умури дунявӣ аст. Худованд низ ҳузни мазмумро ба муъминон манъ мефармояд ва дар «Қуръон» мегӯяд, ки бар он чи аз дастатон меравад, андуҳгин мабошед. Аммо ҳузни мамдӯҳ, ки бар сабаби кӯтоҳӣ дар анҷом додани амри Илоҳист, раво ва писандида аст.

Бо огоҳии андаке, ки аз гуфтаҳои орифон дар бораи ҳузн ҳосил кардем, маълум мешавад, ки онҳо ҳузни мамдӯҳро гуле аз баҳори эмон медонанд ва ҳатто нишонае аз манзили ақл қаламдод мекунанд. Тибқи фармудаи эшон дар ирфон ҳузн се зина дорад:

1) Ҳузни омма, ки бар сабаби кӯтоҳӣ дар тоат аст.

2) Ҳузни муридон ва мутавасситон, ки он бар сабаби тафриқаи муридон дар пайи ҷамъият ва Ҳақ бошад.

3) Ҳузни хос, ки он мутааллиқ бар хосон аст. Ҳузни хосонро набояд ҳузни худи онҳо донист. Хосон барои дигарон ғам мехӯранд ва ё худро ба ҳузн водор мекунанд [221,6].

Дар «Тазкират-ул-авлиё» Фаридаддини Аттор оид ба рӯзгори машоихи аҳли тасаввуф ҳикоятҳо овардааст, ки дар онҳо ба ҳузни доштаи эшон ишорат меравад. Аз ҷумла, дар бораи Ҳасани Басрӣ мегӯяд, ки «ҳеҷ кас лаби ӯро хандон надид, магар ҳангоми ҷон додан, ки латофате аз сӯи Худо дида буд» [4, 18]. Дар бораи Фузайл ибни Айёз менависад, ки ҳамеша ғамгин буд, то он ҳад, ки вақти аз дунё рафтанаш гуфтанд: «Андуҳ аз замин рафт» [4, 56].

Ин муқаддимаи кӯтоҳ, ки бо шарҳи ғам дар фалсафаи Ҳинд, «Қуръон» ва тасаввуфи исломӣ шурӯъ гардид, боз кардани даричае ба сӯи ғамшиносӣ буд, вагарна ба андешаи муҳаққиқон мавзӯи мазкур дар тамоми динҳо, аз ҷумла дини масеҳӣ ва дини зардуштӣ низ ба мушоҳида мерасад.

Ҳар гоҳ моҳият ва натиҷагирии ғамҳоро аз кешҳои гуногун бихоҳем, ки ба ҳам пайванд диҳем ва чорчӯбае дуруст кунем, ки зарфияти гунҷоиши хулосаи ҳамаи онҳоро дошта бошад, фарҳанге бо номи интизорӣ падид меояд. Барои он ки бифаҳмем, фарҳанги интизорӣ бо кешҳои гуногун чӣ рабте дорад, иҷмолан ба моҳият ва асли бурузи ғаму дард дар онҳо назар меафканем.

Ба гунаи мисол, дар дини масеҳӣ ранҷу машаққат ва шаҳодат яке аз василаҳоест, ки рӯҳониён дар мавъизаи худ пайваста аз он истифода мекунанд ва худи Масеҳи дар салиб овезон барои пайравонаш дар самти мутазаккира намунаи ибрату пайравист. Профессор Александр Гелевич Дугин дар яке аз мусоҳибаҳои худ мегӯяд, ки «Калисои рус ба таҷрибаи шаҳидон ва онҳое, ки мағлуб шудаанд (ин ки Худои мо маслуб шуда буд, далел аст), такя мекунад. Ва ғам хӯрдан барои Худо ва худ қисмате аз фарҳанги динии мост» [219,7].

Дар шохаи шиаи дини ислом, вобаста ба фоҷиаи қатли имомон, бахусус шаҳодати имом Ҳусайн дар дашти Карбало, ғам меҳварест, ки тамоми фарҳанги ташайюъ дар атрофи он чарх мезанад. Дар Ҷумҳурии исломии Эрон, ки исноашария мазҳаби расмияш мебошад, барои ифодаи дарду андуҳ маросимҳои хосе баргузор мегарданд. Намунаи барҷастаи чунин маросимҳо Ошӯро мебошад, ки ҳар сол бо азову сӯгворӣ сипарӣ мешавад. Аз ин ҷост, ки

ҳузури ғам дар осори шоирону нависандагонаш хеле густарда ба назар мерасад ва як навъ мусобиқоти адабиро ба хотир меорад.

А. Дугин дар қисмати дигари мусоҳибаи зикргардидааш мегӯяд, ки фарҳанги эронӣ ҳич гоҳ асолати худро, на пеш аз ислом ва на баъд аз ислом, гум накардааст. Ин фарҳанг дар худ ғояи бартарии қуввaҳои осмонро ба неруҳои зишти аз замин бархоста ифода мекунад. «Шииён дар ин масъала (ғам хӯрдан – О. С.) ба мо хеле наздиканд. Ин фарҳанги интизорӣ аст…Ранги сиёҳ дар мазҳаби шиа ва рӯҳонияти масеҳӣ ин фарҳанги ҳамдардӣ ва азият аст, ки аз он қаҳрамонию худфидоӣ бармехезад ва ҳамчунин садоқатро ба онҳое нишон медиҳад, ки мағлуб шуданд ва ин шева бунёдист [219,7].

Фарҳанги интизорӣ бо мазҳаби исноашария ва мазҳаби православии дини масеҳӣ хулоса намешавад. Решаҳои онро ҳатто дар устураву ривоёти кеши Зарвонӣ дидан мумкин аст. Бар асоси ривоёти ин дин Зарвон дар оғоз танҳо буд ва баъд аз ҳазор соли қурбониҳои пай дар пай, ки мехост тавассути он соҳиби фарзанд гардад, ба андеша меравад, ки оё ба мақсад мерасида бошад ё на? Аз қурбониҳои кардааш Аҳурамаздо ва аз шакку тардидаш Аҳриман дар заҳдон пайдо мешаванд. Чун Зарвон аз ин огаҳ мегардад, бо худ аҳд мебандад, ки ҳар кадоме пештар назди ман дарояд, ӯро подшоҳ хоҳам кард. Аҳурамаздо аз аҳд бохабар шуда, онро ба бародараш Аҳриман мерасонад ва ӯ зуд заҳдонро дарида назди падар меояд. Зарвон мепурсад: «Ту кистӣ?» Аҳриман посух медиҳад, ки «Фарзанди ту ҳастам». Зарвон нохушнуд мешавад ва мегӯяд, ки «Фарзанди ман нуронӣ ва дорои бӯи хуш аст, аммо ту зишт ва бадбӯйӣ». Дар ин гуфтугӯянд, ки Аҳурамаздо ба ҳангом зода мешавад ва наздашон медарояд. Зарвон хитоб мекунад: «Ин аст писари ман, равшан ва хушбӯй» ва шохаҳоеро ки бо онҳо қурбонӣ мекард, ба Аҳурамаздо дода таъкид мекунад: «То ҳол ман барои ту қурбонӣ мекардам, акнун ту барои ман қурбонӣ хоҳӣ кард». Аҳриман аҳди кардаи ӯро ёдовар мешавад ва Зарвон ночор мефармояд: «Нуҳ ҳазор сол подшоҳӣ ба дасти туст, аммо Аҳурамаздо мақоми сарварӣ дорад. Баъд аз он подшоҳӣ аз они Аҳурамаздост ва ҳар чӣ, ки ӯ мехоҳад, бояд рӯй диҳад» [233].

Табиист, ки Аҳриман таҷассуми бадиву зиштист ва дар тӯли салтанати ӯ бояд одамон барои қурбониву худфидоӣ омода бошанд. Аз ривояте, ки овардем, маълум мегардад, ки фарҳанги интизорӣ-интизории замони адолат ва тантанаи ҳақиқат ҳанӯз аз замони зуҳури кеши Зарвония ба мушоҳида мерасад. Таъкиди Зарвонро, ки мегӯяд «… баъд аз ин ту бояд барои ман қурбонӣ кунӣ» бояд ба маънии шаҳодату қатли нобаҳаққи одамони росткору хайрхоҳ то замони пирӯзии адолат дар ҷаҳон фаҳмид.

Дар фарҳанги бостонии Эрон ба ҷуз устураҳои мазҳабӣ, дар ривоёти мардумӣ низ ҳамеша аз дастболо гардидани некӣ бар бадӣ башорат додаанд. Ба гунаи мисол, зулму бедодии Заҳҳок ва дар ниҳояти кор ба банд афтодани ӯ намунаи боризе аз ҳамин гуна устураҳост[42].

Ҷилва ё ҳузури ошкорои фарҳанги интизорӣ ва расидан ба саодатро инчунин, дар устура ва ривоёте, ки ба худоёни Юнони қадим бахшида шудаанд, мушоҳида мекунем, хусусан, дар шарҳи ҳоли Прометей, бародарзодаи Зевс (дар тасаввури юнониҳо Худои раъду барқ), ки оташро ба одамон туҳфа карда буд. Зевс Прометейро ба ивази гуноҳаш, ки дилсӯзӣ ба ҳоли банӣ Одам буд, ба кӯҳ занҷирбанд мекунад ва уқобе ҳам мувazzaф бар он мегардад, ки пайваста бар ҷигараш минқор занад. Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо Прометей муддати сӣ ҳазор сол пойбанди машаққат буд ва ниҳоят Геракл, қаҳрамони дигари устураҳои Юнони қадим, бо тире уқобро ба ҳалокат расонида, ӯро аз занҷир раҳо мегардонад. Тамоми муддати дар шиканҷаи Зевс қарор доштан Прометей бовар дошт, ки қаҳрамоне аз насли Одам пайи наҷоташ хоҳад омад [167, 67].

Дар устураҳои қадимии Ҳинд низ фарҳанги интизорӣ ҳангоми гирифтории баҳодурону нимхудоён ба нокомӣ ва гузаштан аз имтиҳоноти сангин ба назар мерасад. Дар яке аз чунин ривоятҳо шоҳзодаи ҷавон Рам ба хотири амнияту оромӣ тарки мансаб намуда, ба ҷангал паноҳ мебарад. Дар ин сафар шаҳзодаро занаш Ситаи соҳибҷамол ҳамроҳӣ мекунад, то шавҳараш ранҷи танҳоиро эҳсос насозад. Аммо ӯ аз ҷониби Рован, ки гирифтори ҳусну ҷамолаш гардида буд, дуздида мешавад. Баъд аз ҷустуҷӯи зиёд Рам макони

асорати ӯро маълум менамояд ва дар муҳорибаи хунин рақибашро шикаст дода, завҷаи худро наҷот мебахшад. Нақши Рам ва ҳамсари вафодораш Сита дар адабиёти ҳиндӣ корбурди фаровон доранд ва рамзи пирӯзии қувваҳои некро дар мубориза бо бадӣ ифода мекунанд [235].

Дар ривоёти исломӣ, махсусан дар қиссаҳои китоби «Қасас-ул-анбиё», мо фарҳанги сабр ва интизориро метавонем дар зиндагиномаи ҳар як паямбар бубинем.

Фарҳанги интизорӣ, ки мо иҷмолан аз он бо овардани чанд мисол сухан кардем, шояд шарҳу тафсири зиёдеро талаб намояд, аммо бо ин ҳама мухтасаргӯӣ мешавад аз он чунин натиҷа бардошт, ки фарҳанги мазкур ба сони як хизонаи ғаму андуҳ ва дар айни ҳол мубашшири ояндаи нек аз ҳамони оғози таърих дар зиндагии башар ҳузури намоён доштааст. Ин фарҳанг ба назари мо, давоми мантиқии муборизаи кувваҳои неку бад аст, ки дар ниҳояти кор бояд ба пирӯзии адлу ҳақиқат анҷом бипазирад.

### 1.2. Назари файласуфон ва ҳакимон ба мафҳуми ғам

Файласуфон ва ҳакимон дар мавриди ғам назари худро доранд, ки мо ба қадри тавон сайре дар олами андешаҳои онҳо хоҳем дошт. Зимнан, кӯшиш мекунем, ки бо баррасии ин назариёт ба навъҳои ғам, қудрати фавқулодаи онҳо дар тасхири рӯҳи инсон ва суду зиёнашон дар зиндагии ҳар фард огоҳӣ ҳосил намоем.

Аввалин намояндагони фалсафа ба монанди Суқрот, Пифагор ва Афлотун шодиву саодати инсонро ба парваридани фазилатҳое чун ҳикмат, шуҷоат,иффат ва адолат рабт дода, маҳрум будан аз онҳоро муҷиби тираурӯзӣ донистаанд. [241,8]. Аммо Арасту қадам фаротар ниҳода тандурустӣ, дороиву дӯстон, шуҳрат, муваффақият дар аҳдоф тибқи хостаҳои ақлонӣ ва дарёфти воқеият ҳангоми ройзаниро ҷойгузини онҳо қарор додааст. Мувофиқи таълимоти ӯ ашхоси ба ин мартабаҳо даст ёфта аз ҷумлаи саъидон ва афроди вомонда мансуб ба шақиёнанд [241,9].

Дар олами ислом ҳакимоне аз қабили Абулқосим Яъқуб ибни Исҳоқи Киндӣ ва Аҳмад бинни Муҳаммади Мускуя (дар арабӣ Мускавейҳ) зимни пайдо кардани дастрасӣ ба таълимоти олимони Юнони қадим бори аввал дар бораи ҳузн сухан гуфтаанд. Онҳо ғамро амрози равонӣ қаламдод намуда, кӯшиш намудаанд, ки роҳи раҳидан аз онро пайдо намоянд [241,9].

Ҷолиб аст, ки файласуфони ҷаҳони ислом аз таҳқиқи ғаму шодии дунявӣ фаротар қадам гузошта, дар бораи аҳли саодату шақовати олами рӯҳонӣ низ сухан гуфтаанд. Чунончи Ибни Сино дар рисолаи «Ал ишорот вал танбеҳот» дар меодгоҳи рӯҳонӣ саодатро натиҷаи камолёбии илмии нафс мешуморад. Вобаста ба дараҷоти ҷисм ва мартабаи нафс Ибни Сино инсонҳоро аз ҷиҳати ҷисмонӣ ба се даста, ки аз камолёфта, мутавассит ва ноқисон иборатанд, ҷудо кардааст. Дар олами рӯҳонӣ низ барои нафсҳо се дараҷаро қойил шудааст, ки иборатанд аз нафсҳои дастёфта ба камолоти фазлу ахлоқ, нафсҳои дорои фазлу ахлоқи мутавассит ва нафсҳои бебаҳра аз фазл ва ахлоқи нек. Ӯ дастаи савумро гирифтори ғам ва азоби ҳамешагӣ дониста аст. [240,85].

Дар ин асар шодиву ғам, ки бо истилоҳоти фалсафии саодату шақоват ёд мегарданд, аз лиҳози дарк низ се навъ мебошанд ва ин се навъ аз идрокоти ҳиссӣ, хаёлӣ-ваҳмӣ ва ақлонӣ муртакиб шудаанд. Ҳар ғаму шодие, ки пурзӯртар ва омилаш пояндатар аст, табиист, ки дар қиёс бо дигар навъи ғаму шодӣ таъсири шадидтаре дорад. Бо такя ба ин, ройи ӯ чунин аст, ки лаззат ва ранҷи ақлонӣ дар муқоиса ба ду навъи дигар қавитар мебошанд.

Насриддини Тӯсӣ дар “Ахлоқи Носирӣ” камоли саодату шақовати инсониро дар он мебинад, ки шахс то кадом ҳад ақлро роҳанамои худ медонад. Ниҳояти назароти ӯ дар мавриди растан аз ғаму ҳасрат дар тобеият ба ҳукумати ақл хулоса мешаванд[241,4].

Бо таамул дар ин андеша, ки ғаму шодӣ заминаи моддӣ доранд ё маънавӣ , Имом Ғаззолӣ дар “Кимиёи саодат” назари хоси худро дорад. Муҳаққиқ Шаҳин Аъвонӣ пас аз мутолиаи “Кимиёи саодат” чунин бардоште ҳосил менамояд, ки Имом Ғаззолӣ саодат ва шақоватро натиҷаи хулқи инсон ба қалам додааст. Аз нигоҳи ин мутафаккир хулқи неку саодатест, ки се сабаб

дорад: Яке асли фитрат, ки азалист ва саховату тавозӯъ ва дигар хислатҳоро бо худ дорад. Дигаре вобастаи იродаи шахс , яъне инсон худро мувазaф гардонад, ки афъоли нек анҷом бидиҳад. Сеюм ҳамнишинӣ бо ашхосе, ки рафтор ва ахлоқи нек доранд.

Аз дидгоҳи Имом Ғаззолӣ саодат на танҳо атияи азалӣ, балки падидаи иктисобӣ низ ҳаст. Кӯдак аз нигоҳи ӯ дар назди падару модар амонатест, ки қалбаш саҳифаи холӣ аз ҳар гуна нақшу сурат мебошад. Падару модар ва устодонанд, ки ин сафҳаро бо тарҳи зишт ё нек мунаққаш мегардонанд ва дар охират ба шодии савобу ғами гуноҳаш шарик мешаванд[244,7].

Ҳаким Умари Хайём дар масъалаи вобаста будани саодату шақоват ба хулқи инсон бо Имом Ғаззолӣ ҳамақида аст:

Роз аз ҳама мардумон ниҳон бояд дошт,
В-асрор ниҳон зи нокасон бояд дошт.
Бингар, ки чӣ мекунӣ ту бо халқи Худой,
Чашм аз ҳама мардумон ҳамон бояд дошт [5.191].

Дур будан аз ғами гузашта, парҳез аз нигарониҳои фардо ва шод будан аз фурсати муяссаршуда равшантарин нишонаҳои фалсафаи Хайёманд:

Хуш он, ки дар ин замона озода бизист,
Хурсанд ба ҳар чияш Худо дода, бизист.
В-ин як дами умрро ғанимат бишумурд,
Озодаву бо содаву бо бо бода бизист[5.191].

Ғаму ранҷҳои инсон дар осори файласуфони Ғарб бар хилофи ҳакимони Шарқ бидуни истилоҳоти мураккаби илмӣ баён гардида, дарки маънои онҳо барои хонанда хеле осон аст. Чунончи, нависанда ва файласуфи фаронсавӣ Мишел де Монтен (1533-1592) - муаллифи китоби «Таҷрибаҳо» яке аз омилҳои ғаму ғуссаро дар оқибатандешии инсонҳо дида, чунин мулоҳиза

меронад: «Инсон он қадар, ки аз фикри рӯйдодҳои оянда ғамгин мешавад, аз худи рӯйдодҳо ғамгин намешавад. Ва бадбахтона, фикри ин ки фардо чӣ ҳодисае рӯй медиҳад, ҳамеша бар мо ғалаба дорад» [228, 41].

Монтен барои оромии қалб тавсия медиҳад, ки инсон набояд сари ҳар масъалае то ба ҳадди номумкин таваҷҷуҳ кунад, зеро таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд таваҷҷуҳи носолим буда, сабабгори нохушӣ ва афсурдагии қалб хоҳад шуд. Ӯ худмеҳвариро дар маркази фаъолияти инсон қарор дода, андеша дорад, ки агар шахс ғаму андуҳи дигаронро ҳамчун ғаму андуҳи худ қабул намояд, хушбахтӣ барояш дастнорас хоҳад шуд.

Оё ахлоқи ормонӣ (идеалӣ) инсонҳоро хушбахт мегардонад? Ба андешаи Монтен ахлоқи ормонӣ ба суди инсон нест. Шахс дар ҳама кор, аз ҷумла дар ахлоқ бояд эътидолро риоя намояд, зеро ахлоқи аз эътидол убуркарда чизе ҷуз кӯшиши ботил нест.

Монтен ғаму ғуссаро мувофиқи таълимоти Афлотун ба ду навъ: ҷисмонӣ (зиштрӯӣ, нобиноӣ, марги дӯстону шахсони наздик) ва зеҳнӣ (шуҳратхоҳӣ, орзуи сарват ва…) ҷудо намуда, инсонро талқин менамояд, ки бо ҳар ду навъи он мубориза барад. Усули мубориза бо ғамҳои ҷисмониро, аз қабили нобиноӣ, ӯ дар пурзӯр намудани узви дигар ва усули мубориза бо ғамҳои зеҳниро дар файласуфона назар кардан ба онҳо медонад. Ба ақидаи ӯ, чунин навъи муносибат бо бадбахтӣ таъсири онҳоро ба равони инсон коҳиш медиҳад.

Барои хушбахтии инсонҳо, аз нигоҳи Монтен, яке аз шартҳои муҳим риояи адолат аст. Ӯ адолатро зимни муносибат ба ҳамсар (ҳангоми набудани муҳаббат) дар арҷгузорӣ, зимни муносибат ба фарзандон дар ғамхорӣ ва ҳангоми муносибат ба давлат дар эҳтироми тартиботи мавҷуда мебинад. Албатта, инсон метавонад бо баъзе нуқсонҳои тартиботи давлатдорӣ розӣ набошад, аммо кӣ кафолат дода метавонад, ки тартиботи нав назар ба қаблӣ беҳтар хоҳад буд?

Андешаҳои Монтен пас аз печутоби зиёд ба худ чунин шакл мегиранд: «Тақдир ба мо некӣ ва бадиро раво намебинад, балки ашёи хом медиҳад. Аз

ин ашёи хом бадбахтӣ ва ё хушбахтӣ офаридан ба ҳунари худи мо вобаста аст» [228, 44]. Моҳияти суханҳои ӯро бо як сухан, ки «инсон меъмори сарнавишти худ аст» - хулоса кардан мумкин аст.

Файласуф ва нависандаи англис Ҷеймс Аллен (1864-1912) дар китоби «Ба унвони як шахс фикр кардан» пиромуни ғаму ғусса ва мушкилоти инсонҳо овардааст, ки инсон чун андешаашро ба муҳит ва инсонҳо дигар мекунад, таъсири муҳит ва инсонҳо низ ба ӯ тағйир мепазирад. Аз нигоҳи ӯ дастоварди инсон дар ҳама ҳол натиҷаи андешаҳои ӯст. Тавассути андешаи пок инсон ба сарнавишти хуб ва дар натиҷаи андешаҳои зишт ба қисмати бад сазовор мешавад. Тавоноӣ ва нотавонии мо на ба қисмату сарнавишт, балки ба худи мо вобаста аст: «Зеҳнро аз беҳадафӣ ва заъф пок кардан ва рӯи мақсаде тамаркуз гирифтан маънои онро дорад, ки шумо бо афроди қудратманд пайвастед, афроде, ки ғаму нокомиро марҳилаи кӯчаке миёни хеш то аҳдоф медонанд» [207, 8].

Педагог ва нависандаи машҳури амрикоӣ Дейл Брекенриҷ Корнеги дар китоби маъруфи «Чӣ тавр ташвишу ҳаяҷонро пушти сар кунем, то ҳаётамон орому шод гузарад?» ба чунин хулоса меояд, ки ҳисҳои баду манфӣ ба мисли кина, ҳасад, ғам ва ғусса чунон бо қудрати ғайриодилона роҳи худро дар афкори одамӣ боз мекунанд, ки ба ночор афкори хуб ва хушоянд маҷбур ба ақибнишинӣ мешаванд. Барои раҳидан аз фишори рӯҳӣ Дейл Корнеги ба хонанда маслиҳатҳои зиёд медиҳад, ки мо барои намуна мазмуни чанде аз онҳоро иқтибос мекунем:

1. «Зеҳни худро бо андешаҳои сулҳомез, солим ва умедворкунанда пур кунед ва бидонед, ки зиндагӣ маҷмӯи андешаҳои шумост.

2. Ҳаргиз саъй накунед, ки ба душманон ҳисобро баробар намоед, зеро ин боис мешавад, то осеби бештаре бубинед.

3. Ҳаргиз ба афроде, ки дӯсташон намедоред, фикр накунед.

4. Агар ба шумо дар ивази некӣ ташаккур нагуфтанд, ба ёд дошта бошед, ки Исо дар як рӯз даҳ нафар беморро шифо бахшид, аммо танҳо аз якеи онҳо

ташаккур шунид. Оё шумо нисбат ба Масеҳ  қадрдонии бештар дарёфт мекунед?

5. Вақте сарнавишт ба шумо лимӯ медиҳад, саъй кунед, то аз лимӯ лимонад ба даст оварда бошед» [82, 160-161].

Дейл Корнеги барои мушавваш нагаштан ва ба ғам напечидан хонандаро ҳидоят мекунад, ки: «Ҳаёт бисёр кӯтоҳ аст ва онро мо набояд сарфи ҳар майда-чуйда намоем…Онҳоро (майда-чуйдаҳоро - О. С) на танҳо мо, балки тамоми гирду атроф фаромӯш мекунанд. Биёед, ҳаёти худро чун инсони арзанда сарф кунем, бигзор андешаҳои бузург, дилбастагиҳои воқеӣ ва омилҳои ҷовидона моро ба илҳом биёранд» [82, 67].

Баъзе аз ғамҳо хусусияти синнусолӣ доранд ва бо гузашти айём аз байн мераванд. Чунончи, Бертронд Росул, файласуфи англис дар мусоҳибааш мегӯяд: «Ман муътақидам, ки хеле ҷавонон рӯзгори тирае доранд. Ман низ дар он замон бе дӯст ва танҳо будам, ҳич кас надоштам, ки бо ӯ дарди дил кунам. Ағлаб фикри худкушӣ ба сарам мезад…Вале ҳақиқат он буд, ки бадбахтии ман ҷанбаи асосӣ надошт. Ва ин ҳақиқат аз баракати хобе, ки дидам, бароям рӯшан гашт. Хоб дидам, ки мехоҳам бимирам. Аҷиб аст, ки профессор Ҷовеф-мутарҷими осори Афлотун, ки бо мо дӯстии хонаводагӣ дошт, канори тахти ман нишаста буд. Ман ба ӯ мегуфтам: «Лоақал барои ман як тасаллӣ вуҷуд дорад ва он ҳам ин аст, ки аз ҳамаи инҳо халос хоҳам шуд». Ӯ ҳам ба лаҳни баланди худ ҷавоб дод: «Зиндагиро мегӯӣ?»  Гуфтам: «Оре, зиндагӣ». Профессор гуфт: «Вақте бузургтар шудӣ, аз ин муҳмалот нахоҳӣ бофт». Дар ҳамин мавқеъ аз хоб бедор шудам ва дар ҳақиқат аз он ба баъд дигар аз ин қабил муҳмалот набофтам» [112, 41].

Мавзӯи ғам дар тамаддуни қадимаи Чин низ шояд мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта бошад, аммо бо сабаби ошноии ками мо бо он наметавонем дар ин бора муфассал баёни андеша намоем. Чизе, ки дар ин мавзӯъ ба даст омад, суханони Конфутсий аст, ки мегӯяд: «Зиён ва дард он қадар бароямон муҳим нестанд, он чи муҷиби нороҳатӣ аст, ёд овардани онҳост» [236].  Ҳамчунин, дар зарбулмасали чинӣ омадааст: «Наметавонем

коре кунем, ки мурғони ғам болои сари мо парвоз надошта бошанд, аммо метавонем нагузорем, ки онҳо болои сарамон ошёна кунанд» [236].

Ғам ва андуҳ дар сарнавишти инсон чӣ нақше доранд? Чаро инсон ҳамеша мубталои ғам аст ва агар он барои мо муҳим набуд, иллати ин қадар мақоми густардаашро дар ҳаёти одамон чӣ тавр метавон маънидод кард? Нависанда Ҷон Максвелл дар китоби худ «Ё баранда шавед, ё биёмӯзед», ки ба омӯзиши сабабҳои хушбахтиву бадбахтиҳои инсонҳо бахшида шудааст, дар бораи нақши мусбати ғаму дард чунин мегӯяд: «Дар зиндагӣ ҳич чиз ба андозаи сахтӣ ва нокомӣ инсонро беҳбудпазир намегардонад» [224, 89].

Аз андешаҳои боло маълум мегардад, ки ҳузури ғам ва андуҳ бо ҳама нохушоянд будани хеш санги маҳакеро мемонад, ки инсон тавассути он ҷавҳари худро озмоиш мекунад. Аз ин лиҳоз, орзу кардани зиндагии дур аз ғаму дард агарчи дар нигоҳи аввал бисёр ҷозиб ва дилкаш намояд ҳам, дар асл шахси ба чунин зиндагӣ дастёфта сахт бадбахт аст. Инсон танҳо тавассути таҷриба кардани ранҷҳо ва нораҳатиҳо фикр, ирода ва рӯҳи худро обутоб медиҳад. Сонияи, агар жарфтар биандешем, оё мешавад хушбахтиро бидуни бадбахтӣ тасаввур кард? Албатта, на, зеро яке аз далелҳои аслии ҳузури ҳамешагии андуҳ кӯшиши ба даст овардани шодию нишот аст.

Илова ба он чи гуфта шуд, аз рӯи таълимоти фалсафаи машшоия ҳар он чи ҳаст, иллати вуҷуди худро дорад, ба ҷуз Воҷибулвуҷуд. Чун ғаму дард Воҷибулвуҷуд нестанд, пас сабабҳои пайдоиши худро доранд ва ҳамчун имконулвуҷуд бояд таҳқиқ анҷом дода шавад, ки чи чизе боис ба рух додани онҳо мегардад ва муносибати инсон бо онҳо бояд ба кадом навъ сурат бигирад?

Дар фалсафаи машшоия панҷ асл шинохта шуда, асли панҷум нафсу тан ном дорад ва он ба мавзӯи мо беиртибот нест. Тибқи он нафс ба се навъ ҷудо мешавад, ки навъи якум нафси наботӣ буда, марбут ба қобилияти ғизогирӣ ва афзоиш аст. Навъи дувум нафси ҳайвонист ва он қобилияти ҳаракати иродавӣ ва ҳиссиро дар бар мегирад. Навъи севуми он нафси инсонӣ буда, нутқу тафаккур ва олами ботиниро ифода мекунад. Маълум аст, ки инсону

ҳайвон қобилияти эҳсоси дардро доранд, аммо таҳқиқоти олимони муосир исбот намудааст, ки дар наботот низ ҳолати равонии шабеҳ ба ранҷ ҳангоми шунидани садоҳои дурушт мушоҳида мегардад. Ба ақидаи инҷониб, инсон, ки хусусиятҳои нафси набототу ҳайвонотро бар хусусиятҳои нафси худ илова кардааст ва бар замми он дорои тафаккуру дидгоҳи хоси худ аст, хоҳу ноҳоҳ маҳкуми ғам хоҳад буд ва он чи метавонад ӯро аз ин мусибат раҳо намояд, дуруст хулоса бароварданаш аз машаққату сахтиҳост.

Пажӯҳишгарони эронӣ Тоҳира Мирзоӣ ва Мустафо Гурҷӣ доир ба ин ки дар фалсафаи дард ва ранҷ кадом масъалаҳо бояд меҳварӣ бошанд, чунин мегӯянд: «Чаҳор масълаи асосӣ дар ҳавзаи равоншиносӣ ва фалсафаи дарду ранҷ вуҷуд дорад, ки таваҷҷуҳ ба онҳо ба эзоҳи мафҳуми дард ва ранҷ кумаки фаровон хоҳад кард. Нахустин масъала моҳияти дард ва ранҷ аст. Ин ки ба чӣ чизе дард ва ранҷ гуфта мешавад… Дувум, масъалаи иллат ва ё илали дард ва ранҷ аст… ва ин аз печидатарин мубоҳис дар ҳавзаи дард ва ранҷ аст. Савумин, масъалаи осор ва натоиҷи мусбату манфии дарду ранҷ ва чаҳорумин ин аст, ки инсон дар мувоҷаҳа бо падидаи дард ва ранҷ дар зиндагии хеш ва дигарон чӣ рӯкарди ахлоқӣ бояд итихоз кунад» [88, 12].

Вожаи «дард» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-и соли 1969 ба маънои беморию азият ва маҷозан ба мазмуни азоби рӯҳӣ, ғаму ғусса, фикри аламноки касе ё чизе омадааст [203,329]. Аз ин маълумот равшан мегардад, ки вожаи «дард» дар бисёр маврид метавонад ҳаммаънои «ҳузн» бошад, ки мо онро қаблан шарҳ додем ва дар маҷмӯъ вожаҳои ғаму андуҳ ва сахтиву ранҷу нокомӣ низ ҳамин ҳисро ифода мекунанд ва баёнгари ҳолатҳои нохуши рӯҳиянд.

Дар масъалаи ин ки кадом омилҳо сабабгори ангехтани дарду ранҷ мешаванд, муаллифон дуруст қайд мекунанд, ки баҳси печида аст, аммо мо ба сифати намуна дардҳои фалсафӣ, ишқӣ, фардӣ ва иҷтимоиро ёдовар мешавем. Дар масъалаи савум, ки осори натиҷаҳои мусбату манфии дарду ранҷро дар бар мегирад, мешавад боз ҳам баҳси тӯлонӣ дошт, аммо хулоса ин аст, ки натиҷаи дарду ғам ба чигунагии муносибати фард ба онҳо вобаста

хоҳад буд. Мишел Монтен - муаллифи китоби «Таҷрибаҳо» менависад, ки Демокрит ва Гераклит аз файлсуфони Юнони қадиманд, ки яке миёни мардум ҳамеша механдид ва дигаре мегирист, агарчи сабаби ханда ва гиряашон як чиз буд - нотавонии инсон [228, 208].

Дар масъалаи чаҳорум, ки бояд инсон бо падидаи ранҷ ва дард кадом рӯйкарди ахлоқие дошта бошад, андешаи соҳибназарон чунин аст: Агар имкон бошад, ки аз ғам ва ранҷ ба навъе гурехта шавад, пас бояд аз ҳамон роҳ истифода кард ва агар не, пас чора сабр аст. Сабр ба мо имкон медиҳад, ки ба он дарду ранҷ биандешем ва дар қадри тавони худ аз он ҳикмат ва дигар фавоиди ахлоқӣ ҳосил намоем.

Ҳамчунин ғаму ранҷро ба навъҳо тақсим кардаанд: Ғамҳои гурезпазир ва ғамҳои гурезнопазир. Тоҳира Мирзоӣ ва Мустафо Гурҷӣ дар ҳамон мақолаи ишоратшуда менависанд: «Дар як нигоҳи куллӣ ва дар як тақсимбандии умумӣ метавон дарду ранҷҳоро ба дардҳои гурезнопазир ва дардҳои гурезпазир табақабандӣ кард. Дастае аз дардҳо ҳастанд, ки гурез аз онҳо нест ва ҷузъи трожики зиндагӣ ҳастанд. Барои намуна ҳама инсонҳо дучори бемрӣ, гумномӣ, эҳсоси танҳоӣ ва марг мешаванд. Дастаи дигар дардҳои гурезпазиранд ва метавон бо талошу ҳаракат ва гоҳе тағйири масири зиндагӣ аз онҳо раҳоӣ ёфт» [88, 15].

Ҳамин тариқ аз назари ҳакимону файласуфон ба мафҳуми ғам маълум мегардад, ки он аз замонҳои хеле пеш зеҳнҳоро ба худ машғул доштааст ва дар замони муосир низ мавриди пажӯҳиши амиқ қарор дорад.

Агар ғамҳое, ки аҳли ирфон онҳоро бо номҳои мамдуҳу мазмум ёд мекунанд бо ғамҳое, ки аҳли фалсафа онҳоро раво ва нораво медонанд, муқоиса гардад, маълум мегардад, ки мақсуди онҳо бо андак тафовут як аст. Ин монандӣ аз он ҷиҳат аст, ки ҳар ду даста дарёфти роҳи раҳидан аз ғаму дардро мақсади худ қарор додаанд ва чизе, ки миёни онҳо девори тафовут бино менамояд, аз ҷониби файласуфон ба коргирии истидлол ва аз тарафи орифон такя кардан ба таҷоруб ва мушоҳидоти ботинист. Инро ҳам бояд илова кунем, ки мақсуди ниҳоии файласуфони олами ислом на дарёфти

шодӣ, балки тавассути он фатҳи зинаи ниҳоии камоли инсон аст, дар ҳоле, ки матлаби файласуфони Ғарб аз дарёфти худи шодӣ фаротар намеравад.

### 1. 3. Масоили ғам ва муодили он дар коргоҳи эҷодии шоирон

Агар сари мавзӯи ғам тааммули жарфтар намоем, маълум мегардад, ки ҳеҷ матлабе холӣ аз он нест ва хусусан шеъри шоирон, ки дили нозуктар доранд, гули парвардаи мазрааи андуҳро мемонад. Муҳаммад Ҳиҷозӣ бо дарназардошти ҳамин хусусияти ашъори шоирон мефармояд: «Шоир созе аст, ки устоди табиат сохта ва пардохта ва ба дасти худ гӯшмоле додааст ва ба ҳар насиме, ки бар ӯ бивазад, ба наво меояд. Мо чун аз ҳеҷ бод ба садо намеоем, гӯяндагонро шӯрида тасаввур мекунем» [236].

Ғам аз ҳамон оғози даврони адаби форсӣ ҳамдаму ҳамрози шоирон буд ва навъе ҳувияту асолати шеъри форсиро фароҳам меовард. Дар сабки хуросониву ироқӣ, ки чанд садсола дар адабиёти мо ҳукмрон буданд, тақрибан адиберо пайдо кардан мумкин нест, ки дар баёни он сухане нагуфта бошад. Ҳанӯз дар даврони тулӯи шеъри форсӣ Рӯдакӣ мегуфт:

Шод будаст аз ин ҷаҳон, ҳаргиз
Ҳич кас, то аз ӯ ту бошӣ шод [34, 37].

Шаҳиди Балхӣ мефармояд:

Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,
Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.
Дар ин дунё саросар гар бигардӣ,
Хирадманде наёбӣ шодмона [6, 60].

Ба назари аввал чунин менамояд, ки шакли шеърии муносибтарин барои ифодаи ғаму дард марсия бошад ва марсия, тавре ки аз номаш бармеояд, дар рисои касе ё чизе гуфта мешавад. Аммо доираи мавзӯи марсия маҳдуд буда, бо вуҷуди таъсиргузор буданаш ба рӯҳияи хонанда, ҷанбаи инфиродӣ дорад ва на ҳама вақт шахси мутолиакунанда онро ҳамчун ғами худ қабул мекунад.

Аз ин рӯ, марсия бештар ҷанбаи ҳасбиҳолӣ касб мекунад ва як навъ муносибати суханварро бо шахси азизи аздастдодааш муайян месозад. Бо каме ошноӣ ба адабиёти беш аз ҳазорсолаи форсӣ метавон дид, ки дар ҳама гуна жанрҳои адабӣ, аз қабили қасидаву ғазал, рубоиву дубайтӣ ва маснавӣ ғам ҳузур дорад ва ҳатто агар ҷое шоирон дар ситоиши нишоту сурур ба муболиға ҷой дода бошанд ҳам, чизе беш аз шӯридан алайҳи ғаму ғусса нест. Масалан, ба назар чунин менамояд, ки Хайём шоири тарабсарост, вале бубинед, чӣ мегӯяд:

Гардун зи замин ҳеҷ гуле бар н-орад,
К-аш нашканаду ҳам ба замин наспорад.
Гар абр чу об хокро бардорад,
То ҳашр ҳама хуни ғарибон борад. [44, 89].

Дар бораи он ки шахси рубоисарое бо номи Хайём будааст ё на, баҳсҳое дар миёни аҳли адаб вуҷуд доранд, вале ин ки сабки хайёмия дар муқобили дарду ғам қиём кардааст, ҳеҷ ҷои шакке нест. [209,3]

Дар миёни суханварони дигар шояд Мавлоно бо сурудани ашъори ваҷдомези худ фарқ кунад, аммо шеъри ӯ низ ҷуз ғамситезӣ намебошад ва мо бояд зимни ҷустани рози хушҳолии ин шоири шӯрида Шамси Табрезиро ба хотир биёварем, ки афкораш болои Мавлоно таъсири амиқ доштанд. Доктор Баҳромиён оид ба ин мавзӯъ андешаронӣ намуда, се порча аз суханони Шамсро меорад, ки ба ақидаи ӯ, зербинои андешаҳои Мавлоноро дигар карда, ӯро то поёни зиндагӣ масту саргашта гардонидаанд. Инак, он суханҳо, ки мо бо нақли қавл аз ӯ дар ин навишта ҷой додем:

«Шамс ҷиҳати нури Худост, фалсафияк монда болои ҳафт фалак, миёни фазо ва хало, фалсафияк гӯяд, уқул ашара аст ва ҳама мумкинотро маҳсур карда. Олами фарохи Худоро чӣ гуна дар ҳуққае карда?

Илм бузург ва фарох аст, ту дар ҳуққае кардаӣ, ки ҳамин аст, ки ақли ман идрок мекунад. Дар олами асрор андарун офтобҳост, моҳ аст, ситора

ҳаст. Дар андаруни ман башорате ҳаст. Маро аҷаб аз ин мардумон аст, ки бе он башорат шоданд. Агар ҳар якеро тоҷи заррин бар сар ниҳоданді, боисті, ки розі нашуданді, ки мо онро чі кунем? Моро кушоде андарун мебояд.

Дилеро, ки аз осмону доираи афлок фарохтар аст ва латифтар ва равшантар аст, ба он андеша ва васваса чаро бояд танг доштан ва олами хешро бар худ зиндон кардан?» [209, 4].

Дар миёни пайравони сабки ҳинді сифати ғам, баёни дарду андуҳи ошиқона, ҳирмон ва нотавонии ошиқ дар муқобили маъшуқ, ҷилваҳои назаррабои худро доранд, ки обишхӯри онҳоро бояд дар заминаҳои мухталифи иҷтимоиву фалсафі ва ҷараёнҳои тасаввуфи ҳукмрони вақт ҷустуҷӯ кард. Доктор Фарида Довуді – пажӯҳишгари эроні дар мақолаи худ «Бозтоби ғаму ранҷ ва ноумеді дар дар сабки ҳинді (бо такя бар ғазалиёти Калими Кошоні)» доир ба ин масъала чунин мегӯяд: «Бо тааммул дар шеъри сабки ҳинді, ба вижа ғазалсароёни ин сабк, дармеёбем, ки ғаму ноумеді ва ранҷ яке аз пурбасомадтарин вожагоне дар сабки ҳинді мебошанд, ки иллати онро дар авомили гуногуне чун ҷараёноти иҷтимоі ва масоили иқтисоді, фарҳангі ва сиёсии асри Сафавия ва ба дунболи он фардгароии шадиди шеърҳои ин давра ва муҳоҷират ва андуҳ ва ғами ноші аз фироқ ва дурі аз ватан, бозтоби ситам ва бедод бар мардуми рӯзгори худ ва таъсири андешаҳои ғаму ранҷҳои сегона дар макотиби фалсафаи ҳинду ва…метавон ҷустуҷӯ кард» [214, 14].

Фарида Довуді дар мақолаи мазкур яке аз омилҳои дигари зиёд будани ғаму андуҳро дар шеъри шоирони ин давра дур гардидан аз ормонҳои миллі медонад ва ба андешаи ӯ, чун шоир аз баровардани аҳдоф ва омоли худ боз мемонад, онҳоро дар хаёли худ бозтоб медиҳад.

Агар мо омилҳои зикрнамудаи ин пажӯҳишгарро сабаби аслии бозтоби дарду андуҳ дар шеъри шоирони сабки ҳинді бидонем, пас сабаби инъикос гардидани ҳамин ҳолатҳо дар шеъри шоирони сабки хуросоні ва ироқі дар чист? Давлати Сомониён эҳёи давлатдории эронинажодон буд, мардум дар қиёс бо замони забткории арабҳо осудатар мезистанд, ормонҳои миллі ҷомаи

амал мепӯшиданд, вале шоирони ин аср, ба монанди Шаҳиди Балхӣ ва бахусус Рӯдакӣ, бо он ҳама ҷоҳу ҳашам шеърҳои ғамангезе ҳам доранд, ки намунаашро болотар овардем. Бар хилофи ин назария дар замони Султон Маҳмуди Ғазанавӣ, ки шоҳи бедодгаре буд, шоирони маъруфи он замон ба монанди Унсурӣ, Дақиқӣ ва Манучеҳрӣ камтар аз ин мавзӯъ ҳарф задаанд.

Гоҳе омили ғами шоирони сабки хуросонӣ ва ироқиро бо мафҳуми «носталжӣ» ифода кардан мумкин аст. Дар векипедиёи русӣ мафҳуми «носталжӣ» ба маънои иштиёқ ба ватан ва хонаи падар омадааст. Аммо таъкид шудааст, ки он метавонад мазмуни васеътаре касб намояд ва ба ҳар чизи аздастдода рабт пайдо намояд. Тартибдиҳандагони ин векипедиё бар онанд, ки намунаҳои аввалини носталжӣ дар достони «Одисей»-и Ҳомер мушоҳида мешавад.

Доктор Маҳдӣ Шарифиён дар мақолаи «Равоншиносии дард дар шеъри Нодири Нодирпур» чунин менависад: «Ба таври куллӣ, ҳар гоҳ фард дар зеҳн ва хотираи худ ба гузашта баргардад ва бо мурури он дучори навъе ҳолати ғам ва андуҳи ҳамроҳ бо лаззати сукровар шавад, ин ҳамон носталжӣ аст, ки дар забони форсӣ онро «ғами ғурбат» ва «ҳасрати гузашта» тарҷима карданд» [147, 2].

Оид ба мафҳуми носталжӣ баъзе ишоротро дар адабиётшиносии тоҷик дарёфт кардан мумкин аст. Чунончи, Рустам Тағоймуродов доир ба сарчашмаи пайдоиши адаби ғиноӣ андеша ронда, менависад: «Маълум аст, ки шаҳрнишинӣ инсонҳоро аз зиндагӣ дар табиати озод як дараҷа дур, қонунҳо, тартибу низомот онҳоро дар маҳдудаи худ мунҳасир ва нобаробариҳои иҷтимоиву иқтисодӣ орзуву омоли онҳоро ба андозае саркӯб месозад. Бинобар ҳамин сабабҳо, адибон маъмулан дар ашъори худ ба тараннуму таҷассуми дунёи орзуву ормонҳо пардохта, ба ин васила аз рӯзгорони гузашта, ки гӯё аз даврони зиндагии онҳо беҳтару хубтар буд, бо ҳасрат ёдовар мешаванд ва гоҳо ба ёди рафтагони пешин навҳа мекунанд» [129, 43].

Намунаи носталжиро дар ашъори Мавлоно чунин дучор меоем:

З - ин ҳамраҳони сустаносир дилам гирифт,
Шери Худову Рустами Дастонам орзуст [8,441].

Дар «Шоҳнома» низ ностальжӣ ба мушоҳида мерасад ва шояд ҳеҷ як асари дигар мисли он саршор аз ин навъи эҳсос набошад. Аз ҷиҳати равоншиносӣ ностальжӣ метавонад ду натиҷаро дар бар бигирад. Яке, натиҷаи афсурдакунанда, ки носталжии манфӣ мебошад ва дигаре, ғурурбахшу ифтихорзо, ки носталжии мусбат аст. Дар такя бо ин гуфта «Шоҳнома»-ро бояд асаре бо носталжии дорои натиҷаи мусбат номид. Носталжӣ ё худ рӯ овардани Фирдавсӣ ба гузашта суроғи асолат ва ҳувиятест, ки дар ниҳоди мардуми ориёӣ пас аз шикаст хӯрданашон аз ҷониби арабҳо камранг гардида буд.

Пажӯҳишгари эронӣ доктор Фотима Ғафурӣ дар мақолаи худ бо номи «Баррасии падидаи носталжӣ дар «Шоҳнома» ва осори Шаҳриёр» носталжиро чунин дастабандӣ кардааст:

«Ғами ғурбати айнӣ – шоир ба ёди ватан ва зодгоҳаш, ки хоста ва нохоста аз он дур шудааст, шеъре ё сухане мегӯяд, монанди Носири Хусрав ва Масъуди Саъди Салмон.

Ғами ғурбати зеҳнӣ – шоир ба ёди асл ва ҷавҳари худ месарояд ва дар ин ҷаҳони хокӣ эҳсоси ғурбат менамояд, монанди «Найнома»-и Мавлоно.

Ҳасрати гузаштаи айнӣ  – шоир ба ёди рӯзгори ҷавонӣ ва низ кӯдакӣ месарояд.

Ҳасрати гузаштаи зеҳнӣ – шоир ба ёди рӯзгорони аздастрафта, ки дар он оромиш ва роҳате дошта ва дар рифоҳ ба сар мебурдааст, месарояд, монанди шиквоияҳо ва марсияҳо» [70, 105].

Ин донишманд намунаи аввалини носталжиро дар марсияҳои шоирони араби замони ҷоҳилия ва адабиёти Аврупо натиҷагирӣ карда, ба ин хулоса расидаст, ки носталжиро набояд ба макон ва замон муайян намуд, зеро он дар

зот ва сиришти инсонист ва инсон ҳамеша ба дунболи «биҳишти гумшуда» - и хеш мегардад [70, 108].

Бо ин ҳама, имкон надорад, ки тамоми ғамҳои шоирони сабки хуросонӣ ва ироқиро бо мафҳуми «ностальжӣ» ифода кунем. Муҳаммади Даргоҳӣ дар бораи ашъори ғамангези шоирони он замон андеша ронда,  ба чунин натиҷа расидааст, ки «Чун сулуки зоҳидонаи ин гуна шоирон (Носири Хусрав, Саноӣ, Хоқонӣ ва…)  ҳамвора тавъам бо сахтӣ, андуҳ ва ранҷу дард будааст, пайваста зиндагиро дар риёзат ва хештандории сиррӣ мекарданд ва ҳатто бештар дар чунин лаҳаззоте буд, ки ба тавоноиҳои шоирӣ даст ёфтанд. Ин гуна шоирон дарду андуҳро дар теъдоди авомили шеърангез ном бурдаанд ва бар хилофи ғазалгӯёни шодхотир онон хотири ҳазин ва ғамолудро зояндаи шеър хондаанд» [151, 10].

Се омили дигар низ аз назари пажӯҳишгарони мавзӯи дард дар ашъори шоирон пинҳон намондааст. Ин се омил дар нигоҳи аввал фардӣ намоянд ҳам, танҳо ба шоирон маҳдуд намешаванд ва чӣ бисёр иттифоқ меафтад, ки намояндагони касбу кори гуногун монанд ба он ҳолатҳоро таҷриба намоянд. Барои тавзеҳ мегӯем, ки дар Қуръон сурае бо номи «Шуаро» аст ва дар оятҳои 221-226-и он мехонем: «Оё шуморо хабар диҳам, ки шаётин бар чӣ касе фуруд меоянд? Ба ҳар дурӯғгӯйи гунаҳкоре фуруд меоянд. Дуздона гӯш фаро медоранд ва бештарашон дурӯғгӯёнанд. Ва шоиронро гумроҳон пайравӣ мекунанд. Оё надидаӣ, ки онон дар водие саргардонанд. Ва онон чизҳое мегӯянд, ки анҷом намедиҳанд» [20/26/221-226].

Бо тааммул дар мазмуни ин оятҳои қуръонӣ маълум мегардад, ки мақсуд аз шуаро танҳо ҳамин мардуми шеъргӯй нестанд, балки бо ёдкарди шуаро тамоми мардуми ҳунарманд ва онҳое, ки ба бурдани мардум аз паси худ қобилият доранд, дар назар гирифта шудааст ва моҳияти оятҳо боздоштани чунин шахсон аз гумроҳӣ мебошад. Ин се омил, ки мо шартан ба шоирон нисбаташон медиҳем, метавонанд мутааллиқи дигар пешаҳо низ бошанд:

**Худи пешаи шоирӣ**: Агар аз як ҷониб, шоирон ва нависандагон барои офаридани асари мондагор ранҷҳои фикриро пушти сар кунанд, ки худаш бар

сари худаш заҳмати ҷонкоҳ мебошад, аз ҷониби дигар, беэътибории мардум ба асари офаридашуда ва баровара нашудани интизории шахси эҷодкор ба рӯҳияаш зарбаи шадидтаре ворид менамояд. Масалан, Ҳофиз мегӯяд:

Сухандониву хушхонӣ намеварзанд дар Шероз,
Биё, Ҳофиз, ки мо худро ба мулки дигар андозем [46, 275].

**Муносибати носолими эҷодӣ**: Чӣ бисёр рух медиҳад, ки шоире бар асари рақобати носолими эҷодӣ дар пайи озори рӯҳии шоири дигаре бармехезад ва бо ҳар роҳу восита рақиби худро бадном карда, ба ин роҳ кӯшиш менамояд, ки нуфузи худро бештар гардонад. Намунаи ин гуна ҳасодат дар адабиёти форс-тоҷик хеле зиёд аст ва ба гунаи мисол метавон аз устод Рӯдакӣ ёдовар шуд, зеро маълум аст, ки устодро ҳасудонаш тавонистанд, ки ҳангоми пиронсолӣ бо хориву зиллат аз дарбори Сомониён дур гардонанд.

**Сирқати адабӣ**: Сирқати адабӣ низ дар рӯҳияи шоир бетаъсир нест. Аҳмад Карамӣ дар пешгуфтори девони Ғании Кашмирӣ чунин нуктаи ҷолибе меоварад: «Ғанӣ аз муташоирони сухандузди рӯзгори хеш ҳамвора дар бим будааст. Зоҳиран мазмунрабоёни бемоя ончунон ба осори вай дастандозӣ кардаанд, ки ҳанӯз фарёди шоир аз ситами онон ба гӯш мерасад:

Ёрон бурданд шеъри моро,
Афсӯс, ки номи мо набурданд. [17, 108].

Ба базми нуктасанҷон сурхрӯӣ аз сухан дорам,
Парад рангам, агар дузде барад маънии рангинам» [17, 135].

Ба андешаи мо, вазъи иҷтимоӣ ва сахтиҳои рӯзгори адибон, ки Фарида Довудӣ онҳоро омили зиёд гардидани ғаму андуҳ дар шеъри сабки ҳиндӣ медонад, дуруст аст, аммо бо ин маҳдуд намешавад. Шоирони Мовароуннаҳру Эрон ба хотири зиндагии хуб ва рӯзгори осуда ба Ҳинд

мерафтанд ва агар чунин намебуд, муҳоҷирати онҳо то ин андоза вусъат пайдо намекард. Обу ҳавои Ҳинд беҳтарин истеъдодҳоро аз манотиқи форсигӯён ба худ ҷалб намудааст ва дар асрҳои понздаҳ то ҳаждаҳ ҳар истеъдоди рахшоне, ки мебинем, рӯ ба ин сарзамин оварда буд ё хаёли онро дар сар дошт. Баҳромиён низ зимни тааммул дар зиндагӣ ва маишати онҳо менависад: «Бархе аз шоирони ин сабк бинобар он чи дар тазкираҳо омадааст, аз зиндагии ором, шод ва мураффаҳе бархурдор буданд, бо ин ҳама, изҳори яъс ва ноумедӣ ба шакли комилу ошкор дар шеърашон намуд дорад» [209, 4].

Дар масъалаи фавқ мо бар ин назарем, ки гирифторӣ ба дарду ғам хусусияти фардӣ дошта, дар ҳама гуна ҷомеа ва шароит метавонад аз дили шоир рӯ занад ё пинҳон бимонад. Ба тариқи мисол, Бедил аз обрӯи хоса дар назди ҳукронони вақти худ бархӯрдор буд, аммо дар «Ирфон» вақте ҳоли мардуми барзгарро тасвир мекунад, беихтиёр чашми кас пур аз об мегардад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дарди шоир танҳо дарди дили ӯ набуда, шоирони бузург дар ҳама вақт дарди мардуми заҳматкаш ва бенаворо мисли дарди худ пазируфтаву онро дар шеъри худ ҷой додаанд.

Ғаме, ки шоирони сабки ҳиндӣ месароянд, дар аксари мавридҳо ғами ишқ аст. Маълум аст, ки шоирони сабки ҳиндӣ ба мисли шоирони қарнҳои муқаддам то андозае пойбанди тасаввуф буданд ва ҳамин аст, ки ғами маъшуқи дастнорас ҳамеша дили онҳоро ба худ машғул медоштааст. Соиб мегӯяд:

Ба дарди ишқ агар мубтало намегаштам,
Чӣ дилхушӣ ман аз ин рӯзгор доштаме [40, 444].

Илова бар он, гӯшанишинӣ ва дунёбезорӣ, ки тасаввуф онҳоро талқин мекард, намегузошт, ки шоирон дар банди тааллуқоти дунявӣ бошанд ва агар ин имкон надошт, ҳадди ақал баёни онро барои худ нанг медонистанд. Қонеъ будани худро Бедил чунин ба қалам медиҳад:

Ҳирс қонеъ нест, Бедил, в-арна аз сози маош
Он чи мо дар кор дорем, аксаре даркор нест [9,755].

Мусаллам аст, ки дар шеър танҳо вожаи «ғам» нест, ки ифодагари ҳамин мавзӯъ бошад. Суханварон гоҳе аз вожаҳои «андуҳ», «яъс», «бенавоӣ», «бекасӣ», «танҳоӣ», «аҷз», «фироқ», «мусибат» ва амсоли инҳо истифода мекунанд, ки ҳадаф аз онҳо асолат ва ҳувият бахшидан ба ғам аст. Ба гунаи мисол чанд байт аз Абулмаонӣ:

Зи ороиш дилаш **андуҳ**ҳосил,
Чу шамъаш гул ба сар торикии дил [11, 56].

Ба ҳукми он, ки мавҷи ҳар тапидан
Ба ҷайби **яъс** дорад орамидан [11, 42].

Ба гардун бурд шавқи **ҳасрат**эҷод
Зи дасту домани кӯтоҳ фарёд [11, 44].

Ба **танҳоӣ** мапурс аҳволи ӯ чист?
Чу ашк аз дида резад, ҳоли ӯ чист? [11, 102].

Агар муътақиди ин андеша бошем, ки ғами обу нон ва рӯзгузаронӣ на ҳамеша он ғамест, ки шоирони бузурги мо муддати беш аз ҳазор сол онро дар ашъори хеш тавонмандонаву зебо мавзун мекунанд, пас кадом ормонҳо ва орзуҳо рафта-рафта дар ашъори шоирон ба ғами амиқ табдил шудаанд? Бо зикри чанд авомиле, ки ҳузурашон дар шеъри шоирон ошкор аст, метавонем посуххое барои ин суол пайдо намоем:

**Бедории фикрӣ ва қалбӣ:**

Ҳар кӣ ӯ бедортар, пурдардтар,

Он ки ӯ огоҳтар, рухзардтар [ 7, 33] .

**Ишқӣ** :

Гуфтӣ, ки фалон зи ёди мо хомӯш аст,

Аз бодаи ишқи дигаре мадҳӯш аст.

Шармат бодо, ҳанӯз хоки дари ту

Аз гармии хуни дили ман дар ҷӯш аст [5,248].

**Эътиқодӣ:**

Бо ҷону равони Бӯалӣ меҳри Алӣ

Чун ширу шакар ба ҳам даромехтаанд [5, 21].

**Фалсафӣ:**

Аз омаданам набуд гардунро суд

В -аз рафтани ман ҷалолу ҷоҳаш нафузуд.

В -аз ҳеч касе низ ду гӯшам нашунуд,

К –ин омадану рафтанам аз баҳри чи буд? [44,65]

**Ҳакамӣ**:

Ку дил, ки бидонад нафасе асрораш?

Ку гӯш, ки бишнавад даме гуфтораш?

Маъшуқ ҷамол менамояд шабу рӯз,

Ку дида, ки то бархӯрад аз дидораш? [ 5, 23]

**Муҳаббат ба ватан ва ранҷи ғарибӣ**:

Ғурбат написандед, ки афтед ба зиндон,

Берун зи ватан по нагузоред, ки чоҳ аст [40, 12].

**Танҳоӣ**:

Сина моломоли дард аст, эй дареғо, марҳаме,

Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, Худоро, ҳамдаме [46, 407].

**Иҷтимоӣ:**

Ғами замона хӯрам, ё фироқи ёр кашам,

Ба тоқате, ки надорам, кадом бор кашам? [38,273]

Баъзе аз истилоҳоти дар боло зикршуда, ки ба мавзӯи рисолаи мо як андоза рабт доранд, шарҳу тафсири ҷудогона талаб менамоянд, бинобар ин лозим донистем, ки онҳоро иҷмолан шарҳ диҳем.

**Бедорӣ.** Бедорӣ дар «Луғати Деҳхудо» чунин шарҳ ёфтааст: «Ҳиссе аст, ки рӯҳи нафсонӣ андар он ҳол ҳис ва ҳаракатро кор фармояд, то мардум бар қасд ва ихтиёри хеш ҳаракат кунад ва аз маҳсусот хабар ёбад» [197,424]. Дар матнҳои ирфонӣ ин вожа ба маънои бедорӣ аз хоби ғафлат аст, ки ба дунболи он маърифат ва таҷаллии анвори Илоҳӣ дар қалбҳо ҳосил мешавад ва муродифи арабии он вожаи «яқза» аст.

Дар мақолае бо номи «Яқза» чӣ маънӣ дорад?», муаллифон маънои онро «бедорӣ» дониста, дар идома чунин овардаанд: «Ба таъбири Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ «яқза» аввалзуҳури нури ҳаёти ҳақиқӣ дар дили бандаи ниёзманд аст, ба ҷиҳати мушоҳидаи партави нури Илоҳӣ» [245].

Бар ин гуфтаҳо илова менамоем, ки «яқза» ба шакли «яқзон» низ вомехӯрад ва Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино асаре дорад бо номи «Ҳай ибни Яқзон». Дар ин асари фалсафӣ зиндаи ҳақиқӣ шахсе хонда мешавад, ки дил ва тафаккури бедор дошта бошад. Худи номи асар низ дар тарҷимаи форсӣ маънои «Зинда писари Бедор»-ро дорад.

**Ишқ.** Ишқ мувофиқи ирфони исломӣ аз аносири умдаву асосии биниш дар ҳаракати ирфонӣ аст. Муҳйиддин ибни Арабӣ дар бораи он мегӯяд: «Ҳар кас, ки ишқро таъриф кунад, аз ҷоми ӯ ҷуръае начашида бошад ва касе гӯяд, ки ман аз он ҷом сероб шудам, онро нашинохта, ки ишқ шаробест, ки касеро сероб накунад» [242].

Тазаккур бояд дод, ки ишқ на танҳо дар ирфон, балки дар назди файласуфон низ муҳтарам аст ва файласуфи амрикоӣ Вил Дуронт менависад: «Ин ишқи рӯҳонӣ болотарин чизе аст, ки инсон бад-он даст ёфтааст ва ҳатто аз муваффақиятҳои олами тафаккур ва футуҳоти қудрат болотар аст» [72, 322].

**Эътиқод.** Ин вожа дар «Фарҳанги Муин» ба маънои «бовар доштан, ба дурусти чизе эмон доштан» аст ва Деҳхудо онро ба гунаи «чизеро бовар

доштан, ақида, рой, назар» шарҳ медиҳад. Аз нигоҳи мо, маҷмӯи он чиро, ки дар ин ду манбаи муътабар оид ба вожаи «эътиқод» меояд, бо калимаи форсии «бовар» ифода кардан мумкин аст.

Пажӯҳишгари эронӣ доктор Ҳабиб Ғаффорӣ дар мақолаи «Эътиқод чист? - Майкадаи фариштагон» чунин нигоштаи ҷолиб дорад: «Эътиқод аз «ақд» ба маънии гиреҳ хӯрдан аст ва бастан ва вобаста шудан ба чизе ва тамоюл пайдо кардан ба чизе… Дар ин ҷо ногузир суоле ба вуҷуд меояд, ки агар ду инсони гуногунэътиқод як амалро иҷро намоянд, оё эътиқоди онҳо ба ҳам пайванд мехӯрад? Масалан, агар ду нафар ба гадо чизеро хайр кунанд, оё онҳо бар сари як ақидаанд? Дар чунин маврид аз дидгоҳи аҳли назар бояд на ба сурати амал, балки ба нияти соҳиби амал назар кард. Яъне, амали шахсе, ки ба гадо ҳадяро аз рӯи дилсӯзӣ медиҳад, аз амали шахсе, ки мехоҳад ба ин восита кушодадастии худро ба намоиш бигузорад, ба куллӣ тафовут дорад ва ин бармегардад ба ҳамин фаҳмиш, ки эътиқоди мо шахсияти моро фароҳам месозад [213, 4].

**Фалсафа.** Дар мақолаи «Мақсад, вазифа ва нақши фалсафа дар ҷомеа» шарҳи мафҳуми фалсафа чунин аст: «Фалсафа калимаи юнонӣ буда, аз ду таркиб филео – дӯст доштан ва софия – ҳикмат иборат аст». Назар ба қавли муаллифони мақола, фалсафаро ҳакимони Юнони қадим Суқрот ва Афлотун «дониш дар бораи ҳақиқат, ё ҷустуҷӯи ҳақиқат» шуморида, Арасту онро «илм дар бораи сабабҳо ва оғозҳо» донистааст. Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ онро «илм бар ҳақоиқи ашё ба андозаи тавоноии инсон», ё «донистани чизҳо чунонки ҳаст ва қиём намудан ба корҳо чунонки бояд, ба қадри тавоноӣ, то нафси инсонӣ ба камоле, ки майл дорад, бирасад», тавсиф кардаанд [240].

Бертронд Росул таърифи фалсафаро чунин матраҳ мекунад: «Бино ба ақидаи шахсии ман, фалсафа иборат аз татабӯъ ва таҳқиқ дар мавриди масоилест, ки ҳанӯз шиносоии дақиқ ва саҳеҳи онҳо имконпазир нест» [112, 4].

Ҷойгоҳи фалсафа дар шеъри шоирони асри миёна хеле намоён аст ва далели равшани он шеъри Хайём ва Мавлоност. Дар ашъори Бедили Деҳлавӣ низ таъсири фалсафаи ҳакимони эронӣ ва ҳиндӣ ба хубӣ мушоҳида мегардад. Бояд қайд кард, ки ин гуфтаи мо баҳсбарангез аст, зеро на ҳама чиро, ки фалсафа мегӯянд, донишмандон бар он ризоят додаанд ва дар идомаи навиштаамон, ки «ҳикмат» ном дорад, сари ин мавзӯъ гуфторе хоҳем дошт.

**Ҳикмат**. Истилоҳи «ҳикмат» ба маънои илми боарзиш аст, ки ҳамроҳ бо амал бошад. Муодили форсии он «фарзонагӣ» аст ва ба шахси ҳаким «фарзона» мегуфтанд.

Ҳарчанд дар фаҳмиши умумӣ миёни фалсафа ва ҳикмат баъзе муҳаққиқон тафовут намегузоранд, ба андешаи гурӯҳе аз донишмандон миёни ҳаким ва файласуф тафовут дида мешавад. Ба гунаи мисол, Мавлоно, ки ашъораш ойинаи тамомнамои масъалаҳои зиндагист, худро файласуф намеҳисобад ва дар ҳаққи истидлолиён, яъне, файласуфон мегӯяд:

Сад ҳазорон з-аҳли тақлиду нишон
Афканадшон ним ваҳме дар гумон.
Ки ба занн тақлиду истидлолашон
Қоим асту ҷумла парру болашон.
Шубҳае ангезад он шайтони дун,
Дарфитанд ин ҷумла кӯрон сарнагун.
Пойи истидлолиён чӯбин бувад,
Пойи чӯбин сахт бетамкин бувад [7, 70].

Сабабҳои гоҳе ба як маъно омадани «файласуф» ва «ҳаким» аз нигоҳи муҳаққиқон дар он аст, ки дар тӯли таърих ба ҳама навъи низоми фикрӣ фалсафа гуфта мешуд ва ҳикмат низ ба унвони фалсафа муаррифӣ гардидааст. Аммо боризтарин хусусияти фарққунандаи ҳикмат аз фалсафа дар ҷанбаи худошиносӣ аст ва онро навъе аз атияи Илоҳӣ донистаанд. Ба гунаи мисол, Шайх Шаҳобиддини Суҳравардӣ дар таърифи «ҳаким» чунин

мегӯяд: «Исми ҳаким танҳо барои касе содиқ аст, ки дорои мақоми мушоҳидаи улвӣ ва завқ…бошад» [237].

Донишманди тоҷик Зафар Мирзоён зимни пажӯҳиши хеш пиромуни «Шоҳнома» он ҷо, ки сухан сари унвони «ҳаким» меравад, дар бораи ба чӣ касе муносиб будани ин унвон чунин менависад: «Яке аз донишмандон ва сиёсатмадорони бузурги асри сездаҳ - Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар китоби «Ахлоқи Носирӣ» навиштааст: «Ҳикмат мунқасим шавад ба ду қисм: яке илм, дигаре амал. Илмӣ - тасаввури ҳақоиқи мавҷудот бувад ва инро ҳикмати назарӣ низ гӯянд ва амалӣ - муморасати (таҷрибаи доимӣ кардани) ҳаракот ва мувозалати саноот (расидагӣ ба корҳо) бошад ва инро ҳикмати амалӣ хонанд» ва дар идома меафзояд: «Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ҳикмати назарӣ ва амалиро дар навбати худ ба бахшҳо фасл намуда, ба хулосае омадааст: «Ҳар гаҳ ин ду маънӣ дар ӯ ҳосил шавад, ҳакиме комил ва инсоне фозил бувад ва мартабаи ӯ баландтарин маротиби навъи инсонӣ бошад» [87, 67].

Аз ин тафсири кӯтоҳ маълум мегардад, ки асли тафовути ҳикмат аз фалсафа чунин аст: Файласуф аз роҳи ақл ба дарёфти ҳақиқати ашё кӯшиш менамояд ва барои дарёфтҳои ақлии худ аз истидлол истифода мекунад, аммо ҳикмат он аст, ки аз роҳи ҳидоят ва кашфу шуҳуд ҳосил шуда, ҳаким ё худ ориф онро бо тамоми вуҷудаш таҷриба карда, сипас аз тариқи ирфони назарӣ онро бозгӯ менамояд.

Истилоҳоти «ватан» ва «иҷтимоъ» ва «танҳоӣ», ки ғолибан дар ҳама давру замонҳо ба ҳамин маънои имрӯзии худ истифода мешуданд, ниёзманди шарҳ нестанд ва сабаби шарҳи истилоҳоти боло он буд, ки маънии васеътаре дар ирфон ва адаби порсӣ доранд.

**Асомии ифодагари ғам ва андуҳ.** Дар адабиёти бадеӣ гоҳе номҳо низ намоди ғам мегарданд ва бо дидани онҳо шахс зуд пай мебарад, ки нависанда аз чӣ бобе ҳарф хоҳад зад. Агар дар фарҳанги аврупоӣ номи қаҳрамонони устураҳои Юнони қадим бештар ёд шаванд, ин гуна нақшро дар адабиёти мардуми эронинажод қаҳрамонони устураҳои диниву мардумӣ доштанд. Аз сӯе, мардонагиву шуҷоати Рустами Дастон, Соми Наримон,

Коваи Оҳангар, Исфандиёри Рӯйинтан барои тасвири шуҷоату далерӣ ба кор раванд, аз сӯи дигар мазлумию бегуноҳии Сиёвуш, номуродии Суҳроби ҷавонмарг ва гоҳе хорию зиллати Манижа - духтари Афросиёб, ки ошиқи Бежани эронӣ буд, аз абзорҳои ифодаи ҳолати ҷонсӯзи шоирон зимни баёни зулму бедодӣ ва номуродӣ қарор дошт ва дорад.

Агар Фирдавсиро, ки бо назми худ ба ин номҳо мақоми ҷовидона бахшидааст, ба назар нагирем, адибони дигари классик низ барои ҷаззобияти ирсоли масал дар ашъори худ ба талхкомӣ ва дигар паҳлуҳои зиндагии онҳо ишорат доранд.

Сайидои Насафӣ зимни изҳори таассуф аз гум шудани муҳаббат миёни инсонҳо дар як ғазали хеш гуфтааст:

Аз ҷаҳон гум шуда меҳри падару фарзандӣ,
В - арна Рустам ба чӣ ойин сари Суҳроб хӯрад? [23, 189].

Ҳофиз  дар байти мазкур ба достони Бежану Манижа ишора дорад:

Сӯхтам дар чоҳи сабр аз баҳри он шамъи Чигил,
Шоҳи туркон фориғ аст аз ҳоли мо, ку Рустаме? [46, 344].

Абулмаонӣ  низ аз ин миён истисно нест ва ӯ ҳамеша зимни ёдкарди онҳо  хонандаро ба ахлоқи наку, тавозуъ ва ягонагии сурату сират даъват менамояд:

Рубоӣ:

Ҳарчанд сари Рустаму Бежан шиканӣ,
В - аз ҳамла ҳазор дасту гардан шиканӣ.
Бе озодӣ зафар дар ин арса куҷост?
Доман шиканӣ, то сафи душман шиканӣ [13, 772].

Фарҳод ва ноком шуданаш дар роҳи мақсуд қиссаи дилгудозест, ки шоирон зимни баёни номуродӣ худро ҳамқисмати ӯ медонанд. Ин ақида ҳам ҷой дорад, ки Фарҳод шахси воқеии таърихист ва Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ дар асари худ «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ» менависад, ки шохаҳое аз қабоили курд худро аз нажоди ӯ медонистаанд [198, 573].

Ёдкарди ғам ва самимияти бемисли Фарҳод дар адабиёти классику муосир фаровон ба назар мерасад, чунончи:

Аз камар берун наояд тешаи Фарҳоди мо,
Кӯҳро бардошт аз ҷо нолаву фарёди мо [40, 51].

Ғарқи хун буду намемурд зи ҳасрат Фарҳод,
Хондам афсонаи Ширину ба хобаш кардам [148, 64].

Баъд аз пазириши ислом дар Эронзамин ва ошноӣ бо адабиёти араб, ба ҷуз аз қаҳрамонони ҳамосавӣ-миллӣ, ки номашон дар ашъори шоирон ба чашм мерасад, дар осори адабии ин ҳавза исмҳои тозае рӯнамо шуданд. Аз ҷумла, исми Лайливу Маҷнун ба андозае ёдкарди фаровон доранд, ки шояд ҳеҷ девоне бе ҳузурашон комил нагаштааст. Дуруст аст, ки замони зиндагии Лайливу Маҷнун пеш аз зуҳури ислом буд, аммо тасаввуфи ба адабиёт роҳёфта ишқро сахт ба номашон гиреҳ задааст.

Дар адабиёти муосири порсӣ достонсароӣ барои Лайлию Маҷнун хатм шуда бошад ҳам, истифода аз номи онҳо дар дигар анвои шеърӣ, бахусус ғазал, ба чашм мерасад.

Фаррухии Яздӣ:

Фарқи шаҳру дашт аз нуқси ҷунун кай мегузашт,
Ростӣ, Маҷнун агар монанди ман девона буд [148, 395].

Шаҳриёр:

Хоки Лайлои ватанро ҷони ширин бар сар афшон,
Хусравони ишқ дарси ибрат аз Маҷнун гирифтанд [148, 65].

Пӯшида нест, ки маконҳои бо ҳодисаву ривоёти ҷонсӯз рабтдошта низ дар адабиёт мазҳари ғаму андуҳ мешаванд. Масалан, Замзам, ки чоҳи муқаддасу муборак дар роҳи расидан ба Макка мебошад, бо Исмоилу модараш Ҳоҷар пайванд мехӯрад ва «Замзам гиристан» маънои бардавом сиришк афшонданро медиҳад, зеро тибқи нақли паямбар агар Ҳоҷар гирди чашмаро бо хок банд намекард, тамоми соҳати биёбонро об мегирифт. Обе бо чунин покию муқаддасӣ ва бо доштани чунин таърихи ҷолибу барёдсупурданӣ оё метавонист ба адабиёти бадеии ҷаҳони ислом, бахусус форсӣ, ки бунёдаш ишқ ва эътиқоду ҳузн аст, роҳ наёбад? Бедил мегӯяд:

Суроғи Каъба берангии дилам хун кард,
Ки дар гудози ду олам зулоли Замзами ӯст [9, 451].

Ба ҷуз аз Замзам, исми дигаре, ки мазҳари шикастадилӣ ва дар айни ҳол тавонбахшу таскиндиҳандаи қалби ушшоқ аст, Карбало мебошад. Карбало дар луғат маънои зиёд дорад, ки ҳама ҷолибанд. Яке онро ба маънои нармӣ ва сустӣ донистааст, чун хоки он ҷо нарм ва аз сангу рег холист. Дигаре онро шакли тағйирхӯрдаи «Кори боло» донистааст, ба ин далел, ки дар замони Сосониён мардуми Найнаво он ҷо ҳараме бунёд кардаву ба тоати Худованд машғул буданд. Дар шарҳи дигаре «Кур Бобул» гуфта шудааст ва ин аз он сабаб, ки дар қадим ҷузъе аз Бобулистон ба ҳисоб мерафт. Писандитарин шарҳи он дар назди ошиқони аҳли байт «Карб» ва «Бало» аст, ба ин маъно, ки тибқи ривояти исломӣ Ҷабраил назди пайғамбар фуруд омад ва ба сӯи наберааш Ҳусайн ишорат карду гуфт: «Ӯ бо ҷамъе аз аҳли байт ва асҳоби гиромӣ дар сарзамини Карбало кушта хоҳад шуд ва ҳузну андуҳи он то қиёмат ба ҷо хоҳад монд». Ва Карб Бало ба маънои замини мусибат ва андуҳу ҳузн аст [220].

Байт аз Воқифи Лоҳурӣ:

Чӣ пурсӣ саргузашти водии хунини ҳиҷронро,

Ки ман дар домани ин дашт чандин Карбало дидам [14, 499].

Мавриди корбурд қарор додани чунин номҳо, ба ҷуз барҷаста баромадани байт ва халқи мазомини тоза, шояд сабабҳои дигаре ҳам дошта бошад. Яке аз сабабҳо ин аст, ки номҳои фавқ миёни хосу ом шуҳрат ёфтаанд ва шунаванда ё хонанда аз ҳолномаи шахси мавриди назари гӯянда ба хубӣ огоҳ аст ва ҳам дар мавриди маконе, ки зикраш меравад, тасаввурот дорад. Доштани огоҳӣ онҳоро ба шунидани шеър моил мегардонад. Сабаби дувум метавонад ин бошад, ки дар такя ба дониши хонанда шоир имкон пайдо мекунад бо истифода аз саноеи шеърӣ, масалан талмеҳ, суханашро бо пирояи ҳунар оро бидиҳад.

Ковиши иҷмолӣ дар мавриди номи одамон ва маконҳое, ки ифодагари бегуноҳӣ, ранҷ ва сабру умедвориянд, ба он далолат мекунад, ки мавзӯи мазкур омӯзиши бештареро дар адабиётшиносии тоҷик тақозо дорад. Он чи мо дар ин бора гуфтем, такя ба навиштаҳои пажӯҳишгарони хориҷ аз кишвар дорад, ки зимнан назароти худро ҳам бар ин ҷабҳаи таҳқиқ илова намудем.

## БОБИ II. МАВЗӮИ ҒАМ ДАР МАСНАВИҲОИ БЕДИЛ

### 2.1. Назари иҷмолӣ ба муҳтавиёти маснавиҳои Бедил

Қабл аз оғози ҷустуҷӯи мавзӯи ғам дар маснавиҳои Мирзо Абдулқодири Бедил муносиб менамояд, ки иҷмолан дар бораи худи маснавиҳо ибрози назар шавад. Агар маснавиҳои Бедил аз рӯйи ҳаҷм ва фарогирии шумораи абёт барчида шаванд, тартиби онҳо ба тариқи зайл сурат хоҳад гирифт:

1). «Ирфон» - наздик ба ёздаҳ ҳазор байт.

2). «Муҳити аъзам» - бештар аз шаш ҳазор байт.

3). «Тилисми ҳайрат»- се ҳазору чорсаду ҳаштоду чор байт.

4). «Тӯри маърифат»- ҳазору дусаду бисту шаш байт.

Ба ҷуз ин чор асар, ки зикр кардем, Бедил боз маснавиҳои хурди тавсифии «Сифати асб» (390 байт), «Сифати фил» (100 байт), «Сифати шамшер» (45 байт), «Сифати даҳон» (7 байт) ва як маснавии дигар бо номи «Танбеҳ-ул-муҳаввисин» (210 байт) дар мазаммати кимиё ва кимиёгарон дорад. Аммо бо сабаби хурдҳаҷм ва мунҳасир ба як мавзӯъ буданашон зимни таҳқиқ  аз онҳо истифода накардем.

Асарҳои назмии Бедил, ба истисноси «Тилисми ҳайрат», дорои сужети ягона нестанд ва танҳо андешаҳои муназзами муаллиф ба масобаи ресмони ба ҳам пайвасткунандаи фаслҳои асар хидмат менамоянд. Дар адабиётшиносӣ чунин асарҳоро адабиёти таълимӣ мегӯянд ва доктор Рустам Тағоймуродов пас аз мулоҳизаҳои хеш дар атрофи жанрҳои адабӣ менависад: «Адабиёти таълимиро гоҳе ба унвонҳои дигаре чун «адабиёти омӯзишӣ», «адабиёти омӯзанда», «адабиёти пандомӯз» ва ғайраҳо ном мебаранд, ки ин ифодаҳо низ муодили адабиёти таълимиянд. Адабиёти таълимӣ жанрҳои хоссаву вижаи худро надорад, он чун адаби ғиноӣ қариб тамоми анвои роиҷи назму насри адабиёти форсӣ-тоҷикиро барои баррасии матолиби хеш мавриди корбурду баҳрагирӣ қарор додаст» [129, 40].

Бо такя бар ин нукта, метавон гуфт, ки ҳадафи таълифи асарҳои таълимӣ раҳнамоии хонанда ба роҳи дуруст ва ҳамзамон таъкиди бархӯрди

хирадмандона бо авомили ғамзо мебошад. Донишманди мазбур мефармояд: «Адабиёти таълимӣ навъе аз адабиёт аст, ки таълиму омӯзиши донишҳои назариву амалиро дар ҳар замина барои хонандагон ироа медорад. Бинобар ин, доираву доманаи адабиёти таълимӣ фароху густурда буда, шомили ҳар навъе аз улум аст, вале он чи, ки дар ин навъи адабӣ маъмулу матраҳ аст, бештар масоилест, ки дар ҳавзаи динӣ, мазҳабӣ, ахлоқӣ, ҳикамӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фунун, касбу пешаҳо ва амсоли инҳо суруда шуда, бо вижагиҳои тахайюливу адабии хеш аз дигар навъҳои адабӣ ба андозае тафовут дорад. Навиштани адаби таълимӣ собиқаи пешина дошта, аз қадим адабиёти моро ҳамроҳӣ мекунад. Дар адабиёти гузашта ба ин навъи осор ваъз, таҳқиқ, зуҳд, ҳикмат ва ғайраҳо унвон додаанд» [129, 41].

Дар бораи маснавии «Ирфон» донишманди афғонистонӣ Доктор Ҳайатуллоҳ дар мақолае бо унвонии «Мухтасаре аз зиндагинома ва шарҳи аҳволи Бедили Деҳлавӣ» чунин менигорад: «Маснавии «Ирфон», ки ба мурур дар тайи сӣ сол аз умри шоир суруда шудааст, дарбаргирандаи як давраи камол аз ҷаҳоншиносӣ, инсоншиносӣ ва худшиносии ирфонии Бедил аст. Ин маснавӣ аз осори арҷманди шеъри ирфонии забони форсӣ аст, ки дар он нури ҳикмати илоҳӣ бо забони шефтаи шоирона яке шудааст ва бе ҳич таассубе метавон онро ба лиҳози умқ ва жарфои андеша ва забони пардохта ва навоинаш ҳамвазн ва ҳамсанги осоре чун «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ ва «Ҳадиқат-ул- ҳақоиқ»-и Саноӣ ба ҳисоб овард» [216, 7].

«Ирфон», ба ҷуз он ки бо фарогирии андешаҳои жарфу печидаи ҳикамӣ ва фалсафӣ душворие пеши роҳи хонанда матраҳ менамояд, боз бо вижагиҳои забонии худ низ фарқ мекунад. Ба чоп омодакунандаи маснавии «Ирфон» бо ҳарфи кириллӣ – Бобобек Раҳимӣ дар муқаддимаи асар қайд мекунад, ки «Яке аз хусусиёти забони осори Бедил корбурди калимаҳои мураккаби серҷузъа мебошад. Ин навъи калимаҳо калимаҳое ҳастанд, ки аз 3-4 ва 5-6 калимаи сода таркиб ёфтаанд… Ин навъи калимаҳо, хусусан дар маснавии «Ирфон» бештар ба назар мерасанд». [12, 14].

Нуктаи дигар, ки бар он ишорат кардан мехоҳем, дархости сабру таҳаммул аз хонанда аст, зеро хонанда одат кардааст, ки дар асарҳои манзуму мансур ба осонӣ хатти сужетро муайян намояд ва равиши ҳодисаҳоро думболагир шавад, аммо дар маснавии зикргардида ин кор саҳлу осон нест. Баъзе унсурҳои сужет танҳо дар қисмати савуми он ба назар мерасад, ки он низ ба иллати овардани ҳикояҳояву қиссаҳои зиёди тамсилӣ хонандаи камҳавсаларо хаста мегардонад.

Маснавии дигари аз лиҳози ҳаҷм бартарро Бедил «Муҳити аъзам» унвон додааст. Аслан, он чиро дар бораи «Ирфон» гуфтем, ба ин маснавӣ ҳам як андоза тааллуқ доранд. Илова бар он, дар маснавии мавриди назар хатти сужет умуман вуҷуд надорад. «Муҳити аъзам»-ро як «Соқинома»-и бузургҳаҷм бояд донист, ки назираш дар адабиёти форсӣ нест ва дар он шахси шоир бо муроҷиат ба соқӣ афкор ва назари худро ба масъалаҳои муҳими эътиқодиву тарбиявӣ баён мефармояд.

Дар асари мазкур, вобаста ба фаслҳо, ҳикоёти гоҳ хурд ва гоҳе давомдор дида мешавад. Пажӯҳишгарон Муҳаммад Саиди Мирзонабӣ ва Марями Солеҳиён дар мақолае бо номи «Таҳлили ривоии унсури замон дар ҳикояте аз маснавии «Муҳити аъзам» -и Бедили Деҳлавӣ» атрофи ин ҳикоёт чунин изҳори назар намудаанд: «Пажӯҳишҳо дар ҳавзаи бедилшиносӣ умдатан ба ду меҳвар устувор будааст. Яке маъношиносӣ ва баррасии ҷавониби андеша ва дастгоҳи фикрии Бедили Деҳлавӣ ва дигаре вижагиҳои забонӣ. Аммо то кунун дар ҳавзаи ривоятшиносии ҳикоятҳои Бедил пажӯҳиши илмӣ ва мустақил дар қолаби мақола ва ё ғайри он ироа нагардидааст. Таъйидкунандаи ин матлаб «Сайри интиқодии бедилпажӯҳӣ дар забони форсӣ» аст, ки дар он теъдоди дувисту ҳашт мақолаи илмӣ-пажӯҳишӣ ба ҳамроҳии як саду панҷоҳу як китоб бо мавзӯи Бедил баррасӣ шудааст» [89, 107].

Ба назари инҷониб, пажӯҳишгарони мазкур барҳақ мефармоянд, ки ҷусторҳои муносибе дар шинохти заминаҳои ривоёти Бедил сурат

нагирифтааст ва бо истиснои миқдоре аз онҳо, тахмин кардан душвор аст, ки ҳикоётро шоир аз адабиёти ҳиндӣ гирифтааст ва ё бофтаи хаёлоти худи ӯянд.

Дар миёни асарҳои назмии Бедил сужет ба таври истисноӣ дар маснавии «Тилисми ҳайрат» ба назар мерасад. Ин маснавӣ тамсилӣ буда, зимни сайри Рӯҳ дар пайкари инсон роҳпаймоӣ аз касрат ба ваҳдат мавриди тасвир қарор мегирад. Некуии Алиризо дар мақолаи «Тааммуле дар сохтори тамсилии «Тилисми ҳайрат»-и Бедили Деҳлавӣ» оид ба маснавии ишоратшуда менависад: «Бедил бо шеваи бадеъ, ба сабки синамоии фантузӣ, бо нигоҳе микроскупӣ ба бузургнамоии кайҳонии пайкари инсон мепардозад ва мухотабро дар ин сафари рӯҳонӣ, ки сайре дар колбади башарист, ба масобаи мусаннои ҷаҳони кабир бо худ ҳамроҳ мекунад, то ба ҳаракат аз ҷузъӣ ба куллӣ ва аз касрат ба ваҳдат ва фарорӯӣ аз тақобулҳои дугона вонамояд, ки: «Ба худшиносии мо хатм шуд худодонӣ» » [100, 541].

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқи мо ишорат кардан лозим меояд, ки дар «Тилисми ҳайрат» яке аз қаҳрамонони маснавӣ Ғам ном дорад ва дар қисматҳои баъдии диссертатсия атрофи он баҳс хоҳем кард.

«Тӯри маърифат» чаҳорумин маснавии Бедил мебошад, ки дар он бар хилофи се маснавии дигар андешаҳои ҳикамӣ ва фалсафӣ кам мушоҳида мегарданд ва шояд сабабаш тафреҳӣ будани он аст. Ҳарчанд, ба гумони мо, ин иддао чандон дуруст нест, зеро низоми андешаронии Абулмаонӣ ҳич гоҳе гусастагиро қабул надорад ва раванди бомароми он дар тамоми осораш мушоҳида мешавад. Аммо он чӣ бештар дар ин маснавӣ хонандаро ба худ мувоҷеҳ мегардонад, тасвири беназири манзараҳои табиат мебошад.

Зимни пажӯҳиши мавзӯъ мақолае бо унвонии «Бедил дар «Тӯри маърифат» аз муҳаққиқи афғонистонӣ Партав Нодирӣ дастрас гардид, ки дар он омадааст: «Медонем, ки бозтоби табиат дар шеър баҳси имрӯзӣ нест ва он гуна, ки гуфтаанд, инсонҳое, ки нахустин бор бар номгузории ашё пардохтанд ва бад ин гуна ба ашё навъи зуҳур ё вуҷуди сонавӣ бахшиданд, нахустин шоирони рӯи заминанд ва шояд ҳам нахустин шеърро, ки инсон сурудааст, шеъре будааст дар васфи табиат. Бедил дар ин арса ҳарчанд ягона

ва нахустин шоир нест, вале ба ҳич сурат газофа нахоҳад буд, ки бигӯем: Табиатситоии Бедил ва бозтоби ҷилваҳои ранг-ранги табиат дар шеъри Бедил аз чунон вижагиҳои тахайюл ва отифаи густурда бархӯрдор аст, ки дар таърихи адабиёти форсӣ-дарӣ наметавон ҳамсанге барояш ҷустуҷӯ кард» [231, 4].

Дар маҷмӯъ, тамоми маснавиёти Бедил фарогири андешаҳои жарф бо забони мутафовитанд ва доир ба махсусиятҳои онҳо сухан ронда, устод Халилуллоҳи Халилӣ аз Ронон Эрнест-муаррих ва файласуфи фаронсавӣ (1823-1892) чунин иқтибос меорад: «Ронон-донишманди маъруф гуфта: «Ҳунари баъзе нависандагон дар ин аст, ки фалсафае дошта бошад, вале онро пинҳон намояд. Мардум бояд ҷӯйҳоеро, ки аз биҳишт хориҷ мешаванд, бубинанд, аммо набояд ба сарчашмаҳои он пай баранд». Халилӣ пас аз овардани иқтибос чунин мегӯяд: «Фалсафаи Мирзо Абдулқодири Бедил низ дар хилоли назму насри вай пинҳон аст, ки наметавон ба осонӣ пай бурд» [134, 125].

Мукарраран таъкид менамоем, ки шоир дар ҳамаи асарҳои назмии худ гусастагиро дар муназзамии фикр роҳ надодааст. Ҳамин аст, ки асарҳояш бо вуҷуди мустақил будан, гоҳе аз лиҳози масъалагузорӣ ба ҳам хеле монанд мешаванд.

### 2.2. Ғамҳои раво ва нораво дар маснавиҳои Абулмаонӣ

Дар такя ба гуфтаҳои донишмандони соҳаи ирфон оид ба ғами мамдӯҳ (раво) ва мазмум (нораво) осори ин ду маризии қалбиро дар ҳикояҳои Бедил бидуни душворие пайдо менамоем. Абулмаонӣ, ки фарзанди замони худ ва пайрави тасаввуф буд, наметавонист аз канори масъалаҳои калидии ин ҷараён бетафовут бигзарад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки ҳузни раво ва ҳузни нораво дар ҳар гуна асаре вуҷуд доранд ва агар адиб мустақиман ба чигунагии ин ғамҳо ишорат насозад ҳам, хонанда бо бардоште, ки аз рафтори қаҳрамони асар ҳосил мекунад, дар ниҳоят ба дарки ин маъно мерасад. Масалан, Ахиллес аз

ривоятҳои Юнони қадим, Жюлен аз асари «Сурх ва сиёҳ»-и Стендал ва Исфандиёр аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ гирифтори ғами норавоянд. Дар ин асарҳо ғами шуҳрат саранҷом эшонро бо вуҷуди доштани тавоноии хос ба водии нокомӣ мебарад.

Ҳузни раво бештар хоси ривоятҳои диниву ахлоқист ва ба он маъное, ки қаблан шарҳ додем, бинобар кам гардидани таъсири дин дар ҷомеа шояд дар роману қиссаҳои замони мо мавқеи худро аз даст додааст. Дар замони муосир ғами писандидаро мешавад ҳасрате донист, ки ҳангоми таъхир кардан дар корҳои нек ба суроғи шахс меояд.

Дар ҳикоёте аз маснавии «Ирфон», ки Бедил аз онҳо барои фароҳам овардани фазои парвози андешаҳояш истифода мекунад, метавон ҷилваҳои равшани ҳузни мамдӯҳро тамошо кард. Чунончи, дар идомаи «Қиссаи орифу фарзандонаш» чунин байтҳоро мехонем:

Чист гулҳои маърифат чидан?
Ранг дидан, баҳор фаҳмидан.
Он дам аз ҳастият хабар бошад,
Ки адам низ дар назар бошад [12, 268].

Маълум аст, ки манзур аз «ҳастӣ» дунё ва ғараз аз адам «охират» мебошад ва машғул будан ба ғами охират, чунонки қаблан зикр шуд, дар миёни аҳли ирфон навъе аз ғами писандида ба шумор меояд. Бедил дар идомаи ҳикоя онҳоеро, ки ба хотири ин ҷаҳон аз ҷаҳони дигар ғофил мешаванд, чунин ҳушдор медиҳад:

То ба кай рӯй як тараф дорӣ,
Эй, ки султонию ду саф дорӣ.
Ҷону тан бин, ки одамат донанд,
Рӯзу шаб бин, ки оламат хонанд.
Одамият зи хеш бохабарист,

Мобакӣ ҳар чӣ ҳаст, гову харист [12, 272].

Чашм доштан ба ҷилваҳои назарфиреби дунё ва дурӣ наҷустан аз шодиву тараби барзиёд ҳамвора дар адабиёти ирфонӣ накӯҳиш ёфтааст. Донишманди эронӣ Умеди Пешагар дар мақолае бо унвони «Дунё чист ва ба он чӣ бояд кард?» менависад: «Имоми Саҷҷод мегӯяд: Дунё ду навъ аст - дунёе дар ҳадди кафоф ва дунёи лаънатшуда» ва тавзеҳ медиҳад: «Аз тақобуле, ки байни ин ду дунё афтодааст, ба даст меояд, ки мурод аз дунёи лаънатшуда дунёест, ки беш аз ҳадди кафоф ва ниёзи инсон бошад» [238].

Барои ҷомеаи имрӯз, ки раванди ҷаҳонишавӣ ҳама ҷоро зери тасарруфи худ дармеоварад, шояд андешаҳои аҳли ирфон чандон ҷолиб набошанд, аммо набояд нодида гирифт, ки муборизаи ғояҳо ҳамеша давом хоҳад кард. Вил Дуронт дар боби «Аз Конфутсий то Масеҳ»-и «Лаззати фалсафа» ном асари худ мазаммати дунёпарастиро аз қавли ҳакими ҳиндӣ чунин ба қалам медиҳад: «Шояд шумо дар Мағрибзамин даҳ ё бист сол пас ба ҳақиқати дин пай бибаред. Алъон намедонед, зеро ки ғарқ дар мошин ҳастед ва фикри шумо ҳамеша мутаваҷҷеҳи пул аст. Вале санъати худро дар натиҷаи ҷанг нобуд хоҳед сохт ва Урупо ва Амрико дар дарду ранҷ фурӯ хоҳад рафт. Дар он вақт аст, ки ифтихор ба ташхис ва сарват аз миён хоҳад рафт ва мардум дар миёни таб ва дард дубора ба ёди Худо хоҳанд афтод» [72, 408].

Аз вижагиҳои маснавиёти Бедил аст, ки дар ҳар мавриде барои таъсиргузор шудани баён ҳикояти тамсилӣ оварда мешавад. Дар «Ирфон» низ баъд аз хабари марги марди ориф ҳикояте бо унвони «Зикри он булбули ғафлатунвон, – Ки хиҷил шуд зи тамошои хазон» ба чашм мерасад. Булбуле, ки зикраш дар ҳикоя меравад, оқибатандеш нест ва маҳви зебоии чаман гардида, аз он фаромӯш мекунад, ки ҳар баҳоре хазон дар пай дорад:

Лола наззора карду доғ надид,
Сӯхтан, яъне аз чароғ надид.
Чашма фаҳмид чашми гирёнро,
Гул гумон кард захми хандонро [12, 281].

Аммо хазон меояд ва:

Наргис аз чашмаки тароват монд,
Нигаҳ аз дида рафту ҳайрат монд.
Май наҷӯшида, барги ток чакид,
Ҷабҳа пеш аз арақ ба хок чакид [12, 285].

Саранҷом булбул бо дидани хазон малул гардида, дарк мекунад, ки беҳуда ошиқи рангу бӯйи бебунёд гардидааст ва бо пай бурданаш аз ин фоҷиа бо доғу алам ҷон медиҳад. Қисса бо байтҳои зайл хулоса мешавад:

Эй ҷигарташнаи зулоли бақо,
Нашавӣ ғофил аз ҳузури фано.
Ки фано асли зиндагониҳост,
Хок тамҳиди гулфишониҳост.
Бе адам зиндагӣ парешонист,
Дурӣ аз ошён парафшонист [12, 291].

Дар маснавии «Муҳити аъзам» ҳангоми мутолиаи фасли «Шӯри сарҷӯши шароби беқусур» ҳикоятеро мехонем, ки мувофиқи он марде мудом ҳазин ва дилтанг буд, бад-ин ғоят, ки:

На афсуни субҳаш нишондӣ хурӯш,
На аз сурмаи шом гаштӣ хамӯш [11, 320].

Бад-ин минвол чанд муддате мегузарад ва:

Яке гуфташ: ин шӯру бедод чист?
Ҳусули ту аз машқи фарёд чист? [11, 320]

Баъд аз сарзаниши зиёди он марди ноогоҳ аз забони шахси гирякор чунин посух мешунавем:

Агар ман нахоҳам гули васл чид,
Бар он остон нола хоҳад расид.
Нигаҳ гар нашуд қобили рӯи дӯст,
Фиғон мерасонам ба ҷое, ки ӯст [11, 321].

Таъкиди ин нукта бамаврид аст, ки дар ашъори ирфонӣ ҳар калима ҷойгоҳи худро дорад ва метавонад мазмуни фаротаре аз тасаввури мо дошта бошад. Доктор Саидҷаъфар Саҷҷодӣ бо нақли қавл аз «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ мегӯяд: «Тардиде нест, ки ҳар синф аз олимонро алфозе хосе ҳаст ва аз ҷумла дар миёни сӯфиён низ алфоз ва истилоҳоте мутадовил аст, ки мақосиди худро бо он истилоҳот баён мекунанд. Ин истилоҳот ба гунае ҳаст, ки мафҳуми онҳо бар аҷониб пӯшида аст. Чаро ки сӯфиён бар пӯшида доштани афкор ва ақоид ва одоби тасаввуф сахт таассуб доранд ва мекӯшанд, ки ғайри аҳли Аллоҳ бар он огоҳ нашаванд. Онҳо бар онанд, ки ин истилоҳот ҳовии мафоҳим ва ҳақоиқе аст, ки Худованди мутаол сирфан дар дили авлиё ва аҳли Аллоҳ ба вадиат ниҳода ва номаҳрамон набояд бар он доно шаванд» [202, 11].

Дар бораи гиряҳои мардони ориф тахмин задан мумкин аст, ки сабаби зуҳури онҳо сӯзи дарун, хиҷолат аз надоштани фазоил ва авсофи ростин мебошад. Онҳо ба ин васила кӯшиш менамуданд, ки қалби худро соф намуда, хостаҳои ирфонии худро ба даст биёваранд ва аз ин нигоҳ андуҳи онҳо аз шумори ғамони мамдӯҳ аст.

Мавлоно низ сарфи назар аз ҳама шӯру мастии хеш аз чунин гиря истиқбол мекунад ва дар дафтари панҷуми маснавӣ мегӯяд:

То нагиряд тифл, кай ҷӯшад лабан?
То нагиряд абр, кай хандад чаман?...
Гиряи абр асту сӯзи офтоб,
Устуни дунё ҳамин ду ришта об.
Гар набудӣ сӯзи меҳру ашки абр,
Кай шудӣ ҷисму араз зафту ситабр? [7, 446]

Дар маснавии «Тилисми ҳайрат» ғами ишқ ҳамчун равотарин ғам ситоиш мешавад:

Хунук ҷое, ки доғолуди ишқ аст,
Хушо чашме, ки ғамфарсуди ишқ аст…
Шаҳидаш аз бақо дорад диятҳо,
Ба қурбони балояш офиятҳо…
Ғами ӯ ҳар ҷимодеро шавад қут,
Тарошад аз дили хунгашта ёқут…
Ҳамин Ишқ аст мағзу мобақӣ пӯст,
Ду олам ҳар чӣ бошад, муддао ӯст [11, 198].

Ҳамчунин, дар гуфтугӯе, ки миёни Шоҳ ва Ишқ сурат мегирад, Ишқ ранҷу дард ва ғамҳои кашидаи Шоҳро дар шинохти худ писандидаву лозим медонад, зеро бе онҳо ба сарманзили мақсуд расидан имкон надошт:

Забони Ишқ тартиби баён дод,
Зи хатми кори огоҳӣ нишон дод,
Ки, эй кайфияти асрори ҳастӣ,
Дилат хумхонаи сад ранг мастӣ…
Баҳорат то барояд аз хазонӣ,
Ба чандин ранг кардам боғбонӣ.
Нахуст афсуни ҳуснат дардамидам,
Дигар оина дар пешат кашидам.

Ба ҳар ҷо мунҳариф дидам инонат,
Ба сайри хеш овардам кашонат [11, 199].

Дар пораҳои интихобкардаи мо бо тааммул дар анҷоми кори булбули ғафлатунвон аз маснавии «Ирфон», шахси гирякор аз маснавии «Муҳита аъзам» ва гуфтугӯи Ишқу Шоҳ аз маснавиии «Тилисми ҳайрат» ба натиҷае мерасем, ки Бедил ба ҳайси як орифи ростин ранҷҳои соликро барои пас аз фано ба бақо пайвастан ранҷи писандида медонад ва ҳамин аст, ки қаҳрамонони ду асари бузургҳаҷми ӯ («Ирфон» ва «Тилисми ҳайрат») дар охир саршори чунин андуҳи зебо дунёи фониро падруд мегӯянд.

Дар маснавиҳои Бедил дар баробари ғами раво ва писандида ғами нораво низ тасвир гардидааст. Барои мисол, дар маснавии «Ирфон»» ғами нораво (гирифторӣ ба манманӣ ва ҳавову ҳавас)-ро ҳангоми мутолиаи ҳикояти «Масале ҳаст дар ин афсона, – Хомии фитрати он парвона» мушоҳида менамоем.

Дар ҳикоя шахсе парвонаро бо як боли сӯхта мебинад, ки дар ҳоли тапидану нолидан қарор дорад. Пас аз суолу ҷавоб маълум мешавад, ки сабаби нимасӯз мондани парвона дар худкомагии ӯ будааст, зеро мехостааст он қадар сӯзад, ки ҳар болаш мисли пари товус пур аз нақшҳои доғ бошад. Аммо чун ишкро бо ҳавас олуда карду ба балои манманӣ гирифтор гардид, он қадар болаш сӯхт, ки дигар маҷоли паҳлуи дигарашро дар оташ гузоштан надошт. Парвона баъд аз шарҳи ҳоли худ афсӯс мехӯрад, ки фурсатро аз даст дод, яъне ба ҷои шитоб кардан, бинобар гирифторӣ ба ғами норавои манманӣ, дар корҳо таъхирро муносиб дид:

Кас чу парвона дарднок насӯхт,
Ки ба оташ расиду пок насӯхт.
Ҳар куҷо муддаои ишқ фаност,
Ғайри таъҷил ҳар чӣ ҳаст, хатост [12, 295].

Ҳикояте, ки дар маснавии «Муҳити аъзам» бо мисраи: «Яке дид дар кунҷи вайронае» оғоз мешавад, агарчи тамсилист ва дар он аз ҳоли зори парвона дар вайрона сухан меравад, асли мақсад накуҳиши шахсонест, ки бо баҳонаҷӯӣ парвариши истеъдоди худро аз ёд мебаранд. Ҳикоят бо чунин тасвиркорӣ оғоз мешавад:

Яке дид дар кунҷи вайронае
Мазореву шамъеву парвонае,
Ки мегашт бетоб гирди сараш,
Парафшонтар аз дуд болу параш.
Зи бас пайкараш ҷо ба ҷо сӯхта,
Зи худ ҳам чароғоне афрӯхта [11, 358].

Он як, ки ҳоли парвонаро медид, аз ӯ суол мекунад, ки чаро дар вайрона мақом баргузидаӣ, ҷониби анҷуман аз чӣ сабаб намеоӣ, то шамъу лаган бидидаву ин шуълаи хурдро раҳо намоӣ?

Бад ӯ гуфт: эй хирманандӯзи доғ,
Бар ин шуъла то чанд сӯзӣ димоғ?
Наоӣ чаро ҷониби анҷуман,
Ки фарш аст сад рангу шамъу лаган.
Зи ҳар гӯша гул карда боғе дигар,
Зи ҳар ҷом тобон чароғе дигар.
Назар то кунӣ, арзи нуқл асту май,
Нафас то кашӣ, ҳарфи чанг асту най [11, 358].

Парвона дар посух мегӯяд:

Муҳол аст бетоқати сӯхтан,
Кунад фарқи вайрона аз анҷуман.

Ба вайрона гар муддао ҳосил аст,
Киро завқи ороиши маҳфил аст?
Чу парвонаам, з-ин бисоти сабаб
Ғараз рӯи шамъ асту боқӣ тааб [11, 359].

Аз гуфтори парвона маълум мешавад, ки барои сайқали истеъдод ва анҷоми рисолати ӯ, яъне сӯхтан, ҳеҷ гуна асбобу ороиши зиёд лозим намебошад. Маҷозан, Бедил ба он ишорат мекунад, ки барои ошиқи содиқ дарди ишқ кофист ва орзуи шуҳрату худнамоӣ дар ин роҳ ҷуз ғами нописандида нест.

Маснавии «Тилисми ҳайрат», агарчи бо мавзӯъ ва сохтори худ аз маснавии дигари Бедил бо номи «Муҳити аъзам» фарқи куллӣ дорад, монандие низ бо он дорад ва ин шабоҳат он аст, ки ҳар ду асар бо мурочиат ба соқӣ поён меёбанд.

Абулмаонӣ дар қисмати хотимавии маснавии мазкур бо вуҷуди офаридани як асари комилан шоҳкор, машғулияти худро пайи идомаи он амали нораво медонад ва худро танбеҳ додаву ба масти фарқи неку бадро аздастдода монанд менамояд. Яъне, аз ин ҷо чунин натиҷа ба даст меояд, ки шоир гуфтугӯи зиёдро дар мавриди коре ё чизе нораво дониста, лаҳзаи тафаккурро бар он афзалтар мешуморад. Аз ин чанд байти овардашуда маълум мегардад, ки саъю талоши бидуни андеша дар мавриди масъалаҳои фалсафӣ гирифтории бесуд ва ранҷи норавост:

Биё, соқӣ, ки мастиҳо зи ҳад рафт,
Шуур аз имтиёзи неку бад рафт.
Чӣ тӯфон рехт саҳбои ту дар ҷом,
Ки шуд як хатти ҷом оғозу анҷом.
Кунун даври нишоти фаҳмкӯшист,
Тааммул ташнаоғӯши хамӯшист.
Ҳақоиқ масту маънӣ шӯхиоҳанг,

Баён аз арсаи алфоз дилтанг.
Муҳитеро сиришкойина будан,
Ба ғайр аз нам чӣ дорад во намудан?
Забонро бо хамӯшӣ рӯ ба рӯ кун,
Дигар чандон, ки хоҳӣ, гуфтугӯ кун [11, 223].

Дар маснавии «Тӯри маърифат» ғами нораво гаравидан аз ваҳдат ба касрат аст, ки Бедил онро зимни баёни «Дар сифати суман» мазаммат менамояд. Дар қисмати зикршуда ҳангоми тамошои зебоиҳои Байрот нохост ба димоғи шоир бӯи ҷигари сӯхта мерасад:

Самуме зад зи ҷайби бехудӣ барқ,
Чаманро кард дар бӯи ҷигар ғарқ [11, 643].

Пас аз тааммул маълум мешавад, ки ин бӯй аз ҷониби гуле меояд, ки суман ном дорад:

Чароғи ҳайрати он анҷуман буд,
Ба сурат доғу дар маъно суман буд [11, 644].

Пас аз пурсуҷӯ маълум мешавад, ки сабаби ҳоли зори суман ғофил шудан аз худ ва мафтун шудан ба ҳусни дигарон будааст:

Қазо рӯзе, ки дар бунёди имкон
Зи шӯри лолаву гул рехт тӯфон.
Баҳори бенишонӣ ҷӯш бардошт,
Хумистони азал сарпӯш бардошт.
Зи ҳар ранге ба ранге ҷилвагар шуд,
Зи ҳар бӯе ба бӯе пардадар шуд.
Маро ҳам рангу бӯи дилбарӣ дод,
Ба раъноёни гулшан ҳамсарӣ дод.

Зи ҳар баргам ҳазор ойина дар пеш,
Вале ман бехабар аз ҷилваи хеш.
Гиребони мижа то пора кардам,
Ба хубони чаман наззора кардам.
Нагардидам зи ҳусни худ хабардор,
Ба ишқи дигарон гаштам гирифтор [11, 646].

Шефтаи дигарон шудан ва аз такмили хеш бозмондан ҳамчун омили аз ваҳдат дур шудану дар ғами норавои касрат печидан дар ниҳояти гуфтор аз забони суман чунин накуҳиш мешавад:

Агар бар хеш чашмам боз мешуд,
Саропоям тилисми ноз мешуд.
Кунун бо сӯхтан мебоядам сохт,
Сазои он, ки қадри хеш нашнохт.
Ба ҷурми ихтиёри ғайр доғам,
Вагарна ман ҳам аз хубони боғам [11, 647].

Баъзан дар миёни ғами писандида ва ғами нописандида фосилае ба мушоҳида мерасад, ки дар сурати надомат рӯнамо мегардад. Қаҳрамонони чунин қиссаҳо бо дарки иштибоҳ ба надомати худ пардохта, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки хатои худро ислоҳ намоянд. Дар чунин мавридҳо надоматро мешавад пуле дар миёни ғами мазмум ва ғами мамдӯҳ донист ва қаҳрамони қисса вобаста ба он, ки чиро дар тасаввури худ хуб ё бад меҳисобад, дар пайи тағйир додани масири зиндагии хеш мешавад.

Надомат дар луғат ба маънои «пушаймонӣ» ва «таассуф» мебошад ва ин марҳилаест, ки инсон бо дарки иштибоҳ гирифтори он мегардад.

Абулмаонӣ дар маснавии «Ирфон» зимни баёни қиссаи «Зикри он шахс, ки гар кор надошт, – Даст месуду надомат мекошт» аз надомате ҳарф мезанад, ки моил ба ғами писандида аст.

Тибқи ин ҳикоят шахсе бо анвои ҳунар ороста буд ва ҳар киро машғули коре медид, зуд ба ёрияш мешитофт:

Марде аз маҳрамони пардаи роз
Буд бо шуғли оламе анбоз.
Узв-узваш ба дастёрии ҷаҳд
Дошт чун мавҷ бо тапидан аҳд [12, 304].

Ва ин мард, ки ҳамеша дар хидмати уфтодагону ниёзмандон буд, барои хидмати худ аз касе музд намегирифт:

Бо ҳама илтизоми меҳнати ӯ
Хоҳиши музд нанги ҳиммати ӯ [12, 305].

Дар давоми ҳикоят марде аз рӯи ҳасодат, ба ҳукми ин ки: «Мешуморад агар яке ҳунарат, – айб воменамояд он дигарат» дунболагири ӯ мегардад, то бидонад, ки мақсудаш аз ин ҳама некукорӣ чист? Пас аз чанде мебинад, ки он мард дар кунҷе нишаста, дасти надомат ба ҳам месояд:

Дид, к-он нашъаи тараддудкеш
Дошт сози надомате дар пеш.
Яъне андар замони таътилаш
Судани даст буд таҳсилаш [12, 306].

Шахси ҳасуд гумон мекунад, ки мард аз некиҳои бидуни музди хеш таассуф мехӯрад ва бо ин гумон ба маломаташ мепардозад, ки:

Хешро шуҳра дар ғано кардӣ,
Дари зулме ба хеш во кардӣ.
Музди корат гар ин пушаймонист,
Зиндагонӣ ба мурдан арзонист [12, 307].

Марди ориф бо лабханд посухаш медиҳад:

К-эй тахайюлшикори ваҳмкаманд,
Боли Анқо ба тори ҳарф мабанд.
Ин ки дастам надоматизҳор аст,
Дасти андуҳи фурсати кор аст [12, 308].

Маълум мешавад, ки мақсуд аз ба ҳам судани дастҳо нишони надомат бошад ҳам, аммо на аз сари таассуф ба корҳои бемузд иҷрошуда буд, ки ҳасуд мепиндошт, балки аз ғояти пушаймонӣ баҳри беҳуда сарф шудани вақт будааст.

Дар поёни ҳикоят хонанда барои бекор нанишастану талош варзидан ҳидоят мешавад:

Чашми беашкро ғунуданҳост,
Дасти бекор вақфи суданҳост...
Пешае бояд ихтиёр кунем,
То даме чанд сарфи кор кунем [12, 309].

Дар ҳикояти боло надомат василае барои пайвастан ба ғами мамдӯҳ омадааст, аммо дар «Ирфон» боз ҳикоятеро дучор меоем, ки он ҷо надомат сабабгори рӯ задани ғами мазмум мегардад. Ин ҳикоят, ки мо онро дар қисмати мутааллиқ ба илми симиё мехонем, чунин мазмун дорад: Марде аз бекорӣ назди соҳил нишаставу ба рӯи об ҳар гуна хатҳо мекашид. Ногаҳон аз об махлуқе сар бароварда мепурсад, ки: «Чаро маро заҳмат медиҳӣ?». Мард тарсида мегӯяд: «Ҳич». Махлуқ ғайб мезанад ва мард ба гумони он ки ба назараш намудааст, дубора ба хат кашидан оғоз мекунад, аммо боз ҳамон махлуқ аз об падидор мегардад ва мард аз тарс рӯ ба гурез мениҳад. Пас аз чанд гоҳ пеши пире ин воқеаро нақл мекунад ва пир мазамматаш менамояд, ки он муваккили об буд ва ту бо хатҳои кашидаат, ки бегумон ҷодуӣ буданд,

ӯро тасхири хеш карда будӣ. Агар он ҳангом чизе мехостӣ, иҷро мешуд. Мард бо шунидани ин тафсир бар ҳамон соҳил бармегардад ва дубора ба хат кашидан мепардозад, аммо чун хаткашиҳои собиқаш на аз рӯи дониш, балки тасодуфӣ буд, дигар наметавонад онҳоро айнан тарсим намояд ва ба ин сабаб заҳмати беҳуда мекашад:

Аблаҳ аз огаҳӣ ба худ болид,
Боз хат бар канори шат гардид.
Муддате хома дар талош шикаст,
Дигар он нақш иттифоқ набаст.
Даст месуду ҳеч суд надошт.
Шуълаи ҷаста ранги дуд надошт.
Об шуд хушку баҳр монд зи нам,
Лафз гум гашту рафт маънӣ ҳам.
Ба хаёлот дошт машқи ҳавас,
Он қадарҳо, ки хат кашид нафас [12, 846].

Чунонки мебинем, қаҳрамони ин ҳикоят аз надомат роҳ ба сӯи ғами нораво гирифта, саранҷом дар андуҳи беҳуда ҷон аз даст медиҳад.

Дар даври робеъ (чорум)-и маснавии «Муҳити аъзам» ҳикояте омадааст, ки он ҷо аз надомат ёд мешавад:

Гузар кард Маҷнуни лайлихаёл
Ба обе, ки шӯяд ғубори малол.
Дар он об як мавҷ норафта пеш,
Нигаҳ шуд дучораш ба тимсоли хеш.
Аён гашт Лайлӣ ба чашми тараш,
Чу гирдоб дар гардиш омад сараш.
Зи обаш ҳамон барқи дил мавҷ зад,
Тапиш шуъла гардиду бар авҷ зад,

Ки эй офият, аз барам дур бош,
Зи ҷонам бишӯ дасту масрур бош…
Надомат шавад рафъи мушкил зи ман,
Ки ман ғофилам аз дилу дил зи ман [11, 318].

Дар ҳикояти мазкур Маҷнун худро барои он надомат мекунад, ки Лайлии дар дилаш будаbesро аз дигар ҷо ҷустуҷӯ дорад. Надомате, ки гиребонгири ӯ мешавад, василае пайвастан ба ғами писандида аст, зеро Маҷнунро барои шинохти худ раҳнамо мегардад.

Надомат дар маснавии «Тилисми ҳайрат» баъд аз замони ошкор шудани Ҳусн дида мешавад. Дар қисмати мавриди назар, ки «Ҷунуни ишқ» ном дорад, Ишқ мастиву парешонии шоҳро дида, ӯро аз ошӯби Ақл огоҳ менамояд ва маслиҳат медиҳад, ки ба ҳарфи ин надимаш гӯш наандозад. Шоҳ низ маслиҳатро мепазирад:

Надомат оташе дар сина афрӯхт,
Ки дил аз бехудӣ хун гашту хун сӯхт.
К-аз ин сурат агар дурӣ гузинам,
Мани ҳайрон дигар рӯи кӣ бинам? [11, 158].

Надомате, ки пас аз гуфтугӯи Ишқ бо шоҳ ҳосил мешавад, сабаб мегардад, ки Рӯҳро аз ғами норавои таносӣ монеъ шуда, ӯро дубора ба сӯи ғами писандида, яъне такомул, раҳнамо гардад.

Ба ҳамин тартиб, надомат дар намунаҳои овардашудаи маснавиёти Бедил маҷозан нақши пулро дар миёни ғами писандида ва нописандида иҷро менамояд.

### 2.3. Носталжӣ ё ҳасрати гузашта дар маснавиҳои Бедил

Мафҳуми «носталжӣ»-ро доктор Маҳдӣ Шарифиён чунин шарҳ додааст: «…ҳар гоҳ фард дар зеҳн ва хотираи худ ба гузашта баргардад ва бо мурури он дучори навъе ҳолати ғам ва андуҳи ҳамроҳ бо лаззати сукровар шавад, ин

ҳамон носталжӣ аст, ки дар забони форсӣ онро «ғами ғурбат» ва «ҳасрати гузашта» тарҷима кардаанд» [147, 2].

Муҳаққиқи рус Недува Александр Александрович дар мақолаи худ бо номи «Носталжӣ аз дидгоҳи иҷтимоӣ» менависад, ки истилоҳи носталжӣ аз вожаҳои юнонии «нотос» ба маънои «бозгашт» ва «алгесс» ба маънои «дард ва иштиёқ» сохта шудааст. Ҳамзамон, – таъкид мекунад ӯ, – дар луғати муосир ин истилоҳ бештар ба маънои «ҳасрати гузашта» меояд. Омилҳои носталжӣ, ба андешаи А.А. Недува, тағйирот дар ҳаёти ҷамъиятӣ, дигар шудани шеваи зиндагӣ, муқимӣ шудан аз як кишвар дар кишвари дигар, муҳоҷират ва ғайра буда метавонанд [177, 55].

Тибқи ҳамин манбаъ омӯзиши мавзӯи носталжиро дар асри 17 равоншиноси шведӣ Иоган Хофер асос гузоштааст. Баъдан муҳаққиқони зиёде дар ин бора таҳқиқот бурдаанд, ки осори онҳоро файласуф ва равоншинос Карл Ясперс дар асари бунёдии худ бо номи «Носталжӣ ва ҷиноёт» фароҳам овардааст. Муаллифи мақола маълумот медиҳад, ки нависандаи рус Василий Аксёнов муътақид бар ин аст, ки носталжӣ метавонад ҷанбаҳои ғиноӣ, равонӣ, ғоявӣ ва адабӣ дошта бошад [177, 56].

Пажӯҳишгари мавзӯи «Баррасии падидаи носталжӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва осори Шаҳриёр» доктор Фотима Ғафурӣ дар мақолааш мегӯяд: «Аз он ҷо, ки носталжӣ як вожаи лотинӣ ва аз истилоҳоти равоншиносӣ аст, муодили форсии он ғами ғурбат ва ҳасрати гузашта мебошад» [70, 104] .

Носталжӣ метавонад дар адабиёти бадеӣ ҳамчун усули офаридани сюжет хидмат намояд ва дар дасти нависандаву шоир абзоре барои пайванд додани воқеаҳо гардад. Истифода аз носталжӣ ба адиб имкон медиҳад, ки аз нақли якнавохт ва ривоятӣ парҳез намуда, ҳодисотро ба ҳам хеле ҷолиб пайванд диҳад. Романи «Палатаи кунҷакӣ»-и Фазлиддин Муҳаммадиев аз қабили ҳамин гуна асарҳост.

**М**аснавиёти Бедил низ холӣ аз носталжӣ нестанд, аммо ин носталжӣ мустақиман ба муаллиф рабт надошта, балки дар амалкарди қаҳрамонони ҳикояҳо ба назар мерасад. Вобаста ба он ки натиҷаҳои носталжӣ ба фоидаи

қаҳрамонони асар аст ё бар зарари онҳо, мо онҳоро ба ду навъ тақсим кардем ва бар онҳо носталжии мусбат ва носталжии манфӣ ном ниҳодем.

Намунаи носталжии мусбат дар маснавии «Муҳити аъзам» ҳикоятест, ки дар боби «Кайфияти дил» оварда шудааст. Мазмуни мухтасари ҳикоя чунин аст: Шоҳе дар иқлими Ҳиндустон бо камоли адл ҳукмронӣ мекард. Рӯзе дар базм шахсе ба подшоҳ асби чӯбин туҳфа карда мегӯяд, ки ин асби сунъӣ хусусиятҳои аҷиб дорад ва яке аз онҳо парвоз кардан аст. Шоҳ савори асб мешавад ва ногаҳон худро дар биёбони беобу гиёҳ ва тафсон дармеёбад. Дар он ҷо ба духтаре аз қабилаи канносҳо хонадор шуда, сарварии онҳоро ба дӯш мегирад. Пас аз қаҳтсоле, ки меояд, шоҳ бо зану фарзандонаш танҳо монда, барои раҳоӣ аз ғаму азоб мехоҳанд худро дар оташ сӯхта ҳалок кунанд. Аммо шоҳ баробари ба оташ ворид гардидан дубора худро дар базми тараб мебинад. Ӯ бо тааҷҷуб аз чунин ранггардонии қисмат баъд аз чанд муддат бо баҳонаи шикор сӯи биёбон меравад, то магар он ҷо хабаре ёбаду воқеият доштани моҷарои аз сар гузаштаашро таҳқиқ кунад. Ҳангоми шикор қабилаи канносҳоро вомехӯрад ва онҳо мегӯянд, ки моро муддати даҳ сол марди одиле сарварӣ мекард. Ногаҳон хушксол омаду мо ҳар ҷониб парешон шудем ва баъд аз муддате зану фарзандони сарварамонро дар биёбон ҳалокшуда дарёфтем, аммо худашро пайдо накардем ва ин ғамгинии мо барои ӯст.

Аз ин рози нокушода шоҳ ҳамеша дар фикру изтироб буд ва ниҳоят дар олами рӯъё аз пайғамбар асрори он воқеаро мепурсад. Пайғамбар ба ӯ мегӯяд, ки он чи дидӣ, кори найрангҳои дили туст, зеро бар сари одам ҳар он чи ояд, берун аз хостаҳои дили ӯ нест. Замоне, ки аз он марди бароят асби чӯбин оварда илми фиреби назар талаб кардӣ, дилат аз сари ғайрат ба ҷӯш омад ва бароят найрангҳои хешро намудор сохт. Аммо дар он ҳикматест ва ҳикмат ин аст, ки инсон чи подшоҳу чи каннос пойбанди тааллуқот бувад. Ва инсон вақте аз тааллуқот мераҳаду ба тахти ваҳдат менишинад, ки алоиқи худро бо дунё тарк гӯяд. Чун ту ҷамъияти худро пароканда ва зану фарзандонатро мурда дидӣ, меҳри дунё дар дилат сард шуд ва ин буд, ки пас

аз ба ҳуш омадан худро дубора бар сари тахт дарёфтӣ. Мазмуни ҳикоят дар байти зер хулоса мешавад:

Фанои ҷасад чун шавад ҳосилат,
Ҳамон тахти ваҳдат бувад манзилат [11, 462].

Дар чанд ҷои ин ҳикоят мо бо пораҳое дучор меоем, ки ба таърифи овардашудаи мафҳуми носталжӣ ё ҳасрати гузашта созгоранд. Масалан, шоҳ баъд аз дубора худро дар тахт дидан ба ёди зану фарзанд ва қабилаи канносҳо афтода, эҳсоси ғам ва ғурбат домангираш мешавад. Бедил дар ин пораи абёт носталжиро ҳиссе медонад, ки инсон хоҳу ноҳоҳ бо он рӯ ба рӯ хоҳад шуд:

Бувад хосаи тинати одамӣ,
К-аз улфат шарораш кунад шабнамӣ.
Ба ҳар ҷо диле хӯгири улфат аст,
Агар ҷумла дӯзах бувад, ҷаннат аст.
На огоҳӣ офат, на ғафлат балост,
Ба ҳар ранг афсуни ғафлат балост.
Зи бас шоҳи бедил дар он дашту дар
Ба хоби фусун бурд умре ба сар.
Хаёл оташи улфате барфурӯхт,
К-аз он ҷилва то чашм duздид, сӯхт.
Сар аз хоб бардошт, аммо чӣ суд?
Ки бедорияш доғи он хоб буд [11, 454].

Аз боргоҳ ба азми шикор сӯи саҳро рафтани шоҳ низ тадбирест, ки барои рафъи  ҳасрати гузашта андешида мешавад:

Чу най бар лабаш аз ғами ҳамдамон

Нафас буд мизроби чандин фиғон.
Зи шӯри димоғи биёбоннаворд
Ба дил барқу дар дида тӯфони дард.
Дар андуҳи он чашма махмуру бас,
Хаёлу ҳамон ҷилва манзуру бас.
Задӣ шуълаи ҳасрат аз сина ҷӯш,
Намешуд чароғи таманно хамӯш.
Зи ваҳшат шудаш тахт гирдоби хун,
Ба каф хотамаш гашт доғи ҷунун.
Зи бас к-аз ҳашам сози роҳат надид,
Илоҷе ба ғайр аз саёҳат надид [11, 455].

Дар ин ҳикоят носталжии қаҳрамон ҳарчанд афсурдакунанда ва табоҳиовар аст, бо ин ҳама холӣ аз манфиат нест, зеро маҳз он сабаб мегардад, ки шоҳ аз ҳақиқати кор огоҳ гардад.

Тавре ки зимни шарҳу баёни носталжӣ гуфтем, қисмате аз он мусбат ва қисмате манфист. Масалан, агар шахс бо пеш омадани мушкилот ё вазъи хатарбор дар бораи замони қабл фикр кунад ва барои аз даст рафтани чунон замоне афсӯс бихӯрад ва дар баробари ин барои рафъи мушкил ва вазъи хатарбор чорае наандешида илоҷи раҳоӣ аз вазъи пешомадаро танҳо дар гурез ба оғӯши ёдҳо бинад, ин носталжии манфист.

Қабл аз овардани намунаи ҳикоят дар мавриди носталжии манфӣ қайд кардан ба маврид аст, ки Бедил ба ғами қаҳрамонони асарҳояш аз даричаи ирфон ва тасаввуф назар меандозад. Ҳикояте, ки мо онро овардаем, дар «Ирфон» баъд аз тавсифи ваҳдати вуҷуд меояд. Мазмуни ҳикоят оканда аз ғами шинохти мақоми ризост ва ризо дар луғат ба маънои хушнудӣ бувад, яъне, банда бештар аз он чӣ Худо барояш қарор додааст, талаб накунад. Аҳли сулук қоидае доштанд, ки чун аз эшон «чӣ мехоҳӣ» пурсида мешуд, посухашон «мехоҳам, ки нахоҳам» буд. Ҳикояти мавриди назар бо унвони «Масали он ки таваҳҳум ҳолест, – Доғи андешаи истиқболест» оғоз гардида,

дар он аз як нафар аҳли Кошон нақл мешавад, ки барои дидани дӯстони худ бо ҷамоае роҳи Ҳиндустонро пеш мегирад. Кошонии сафарнадидаро машаққати роҳ сахт озурда мекунад. Ҳамроҳон барои зиёдшавии рағбаташ чанде аз обу ҳаво ва манзараҳои шигифтзои ин мулк сухан меронанд. Кошонӣ дар посух аз сафар изҳори таассуф менамояд ва иқрор мешавад, ки дилаш барои Кошон андуҳгин шудааст ва ҳеҷ ҳавсалае барои идомаи сафар надорад. Аз миёни ҷамъ орифе ба таънаш забон мекушояд, ки мард дар сафар набояд аз роҳати хона ҳарф занад.

Ҳарчанд дар ҳикоят сухан аз Кошону Ҳиндустон равад ҳам, асли мақсад накуҳиши адами ризо дар вуҷуди  солик аст, ки ба воситаи ғами ғурбат ва ё ҳамон ностальжӣ ифода меёбад.  Аз каломи ориф маълум мешавад, ки Кошон замони мозӣ, Ҳиндустон замони мустақбал буда, кошонӣ киноя аз мардест, ки тарки яқин кардаву ихтиёри худро ба дасти ваҳму гумон додааст. Суханҳои марди ориф, ки суханҳои Бедил низ ҳастанд, кошониро  ба шинохтани мақоми ризо ва парҳез аз ғами ғурбат даъват мекунанд:

Ҳар қадам оламест маъвоят,
Чун гузаштӣ, намонад он ҷоят.
Мақсади шамъ сайри хештан аст,
Ҳар куҷо чашм во шавад, ватан аст [12, 55].

Бо андак гурез аз мавзӯъ бояд шарҳ диҳем, ки тасаввуф дар замони муосир ҷонибдори зиёд надорад ва онро ба мабнои назаре накуҳиш мекунанд, ки гӯё дар инсон ноумедиро талқин менамояд. Аммо донишманди эронӣ Ризо Бароҳанӣ ирфонро озодии дарунӣ дар бадали саркӯб шудани озодии айнӣ медонад ва мегӯяд: «Гунохро ҳаргиз набояд ба гардани ирфон ва ориф андохт, гуноҳ бар гардани аносири иҷтимоӣ ва таърихӣ аст...ориф худро ба ҷаҳони тамсил ва истиора ва румуз ва коиноти дарун табъид кард, чаро ки агар он озодии дарунро дар бурун нишон медод ва ба он айният мебахшид, бидуни шак теша бар решаи худ мезад ва теғи ҷабборонро бар даври сараш ба ҷавлон дармеовард» [58, 238].

Тасаввуфро мешавад дунёи дигаре дар дохили дунё донист, ки намояндагонаш дар ҳама ҳолу авзоъ бар сари кори худ истодаанд ва мушкилоти миёншикани дигарон барои онҳо кушоди дари нав ба сӯи футуҳоти тоза аст. Ба гунаи мисол, байти охири абёти боло ностalжии манфиро аз ёд зудуда, шахсро далерона ба сӯи шинохти уфуқҳои оянда даъват месозад:

Мақсади шамъ сайри хештан аст,
Ҳар куҷо чашм во шавад, ватан аст [12, 55].

Бертонд Росал-файласуфи англис ҳам, ғам хӯрдан барои гузаштаро маҳкум мекунад ва мегӯяд: «Дунёи хуб ниёзманд ба илм, меҳрубонӣ ва шуҷоат буда, ниёзе ба ҳасрати гузашта ва ба занҷир кашидани ҳушу истеъдоди мардумон, ки ба таблиғоти ҷамъе нодон дар гузашта анҷом мешавад, надорад. Дунё муҳтоҷи умед ба оянда аст» [112, 3].

Аслан, сарчашмаи носталжии манфӣ метавонад ба бисёр чизҳо рабт дошта бошад. Масалан, наёфтани ҷои пойи муносиб дар ҷомеа, норозӣ будан аз қонунҳои ҷорӣ, созиш накардан ба муҳит ва мушкилоти дигари ба инҳо монанд шахсро ба ноумедии амиқе гирифтор менамоянд. Мутаассифона, гоҳе шахс ба ҷои мубориза бурдан амалеро зоҳир мекунад, ки натиҷааш ҳам барои худаш ва ҳам барои наздиконаш манфиатовар нест. Содиқ Ҳидоят – нависандаи машҳури Эрон баъд аз бори аввал қасди худкушӣ карданаш ба бародараш кӯтоҳ менависад: «Девонагӣ кардам, аммо ба хайр гузашт» [223].

Дар маснавии «Тилисми ҳайрат» бо намунаи носталжӣ дар боби «Ҳуҷуми Ҳусн ва Фараҳ» дучор меоем. Дар ин боб Фараҳ, ки аз дарбори шоҳ ба назди Ҳусн меравад, аз нашъаи тамошо ёрони худро фаромӯш мекунад. Ин фаромӯшӣ муҷиб мегардад, ки аз дили худ маломат шунавад:

На аз худ дошт огоҳӣ, на аз шоҳ,
Ки ногаҳ дил тапидан кардаш огоҳ,

Ки эй оворагард, охир куҷоӣ?
Ба тӯфонрафтаи ғафлат чароӣ?
Фиреби ҷоми ҳуснат бурд аз ҳуш,
Зи шаҳ якборагӣ кардӣ фаромӯш [11, 134].

Абёти зер бозӯи бетобии Фараҳ ба ҳангоми печиданаш дар ностalжист:

Чӣ зулм аст ин, ки дар ҷавлонгаҳи ноз
Умедам мекунад бо яъс парвоз.
Пару боли нафас шуд нолафарсуд,
Кафи хокистарам гардид бедуд…
Гузашт аз ҳад гуноҳи бевафоӣ,
Надорам тоби тазъири ҷудоӣ.
Тапидан бар дилам барқи бало шуд,
Нафас дар сина шамшерозмо шуд.
Ману оҳе, ки гар бикшояд оғӯш,
Кашад сад чоки дил чун субҳ бар дӯш [11, 135].

Тавре дар боло ёдовар шудем, донишмандон ғами ғурбати зеҳнӣ ва ғами ғурбати айниро мутааллиқ ба носталжӣ донистаанд.

Ғами ғурбати зеҳнӣ, ба қавли доктор Фотима Ғафурӣ, навъе аз носталжист, ки шоир дар он ба ёди асл мепечад ва дар ин ҷаҳони хокӣ худро ғариб эҳсос менамояд. Донишманди мазкур барои далел аз «Найнома»-и Мавлоно ном мебарад.

«Найнома»-и Мавлоно зоҳиран ишора ба оғози «Маснавии маънавӣ» аст, ки бо чунин байтҳо шурӯъ мешавад:

Бишнав аз най, чун ҳикоят мекунад,
В - аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.

К-аз найистон то маро бубридаанд,
Аз нафирам марду зан нолидаанд [7, 16].

Дар маснавии «Муҳити аъзам»-и Бедил ғамеро монанд ба ғами ғурбати зеҳнӣ дидан имкон дорад ва он дар қисмати «Ҷоми мӯсавӣ» мушоҳида мешавад. Ба қавли Бедил, бодаи аласт ё худ шароби азалӣ нашъае дорад, ки инсони комил ҳаргиз онро фаромӯш намекунад ва ҳамвора пайи дарёфти он мегардад. Ҳамин хумор аст, ки Мӯсоро ба кӯҳи Тӯр мебарад, то аз Парвардигори худ дидор дархост намояд:

Ба ҳиммат раҳи Тӯри маънӣ гирифт,
Қадаҳ аз ҳавои таҷаллӣ гирифт.
Дигар орзуҳо хаёл асту бас,
Таманнои мастон висол асту бас [11, 258].

Аз нигоҳи мо, тамоми маснавии «Ирфон» олуда бо ғами ғурбати зеҳнист ва андешаи моро дар ин самт анҷоми маснавӣ қувват мебахшад. Зеро муроди Бедил аз марди ориф ақли кулл ва мурод аз даҳ фарзанди ӯ уқули ашара аст. Ҳамин аст, ки рӯҳи онҳо дар иштиёқи ақли кулл ҷисмашонро раҳо карда, ба суроғи асли худ меравад:

Ин дам он сархушони ҷоми камол
Ақли кулланд дар ҷаҳони хаёл.
Яъне он даҳ бародари маълум
Ба уқуланд ин замон мавсум [12, 978].

Дар маснавии «Тилисми ҳайрат» ба гунаи маснавии «Ирфон» ғами ғурбати зеҳнӣ нақши меҳварӣ дорад. Қаҳрамони марказии асар, ки Рӯҳ ном дораду шоҳи мулки Бадан мебошад, барои дидани Ҳусн чандин водиҳоро паймуда, ба сарҳади худшиносӣ мерасад ва он ҷо Ишқ ба дасташ ойина

медиҳад. Шоҳ дар оина сурати худро мебинад, ки мисли мӯй борик гардидааст. Ишқ ба Шоҳ мегӯяд, ки мақсуд аз ин ҳама такопӯ туро бо ҳақиқати худ ошно кардан буд. Онеро, ки меҷустӣ, худи ту ҳастӣ ва ойина қалби мусаффоят мебошад.

Шоҳ бо дарки ҳақиқат ба олами беранг мепайвандад:

Мақоми аслии худ диду бишнохт,
Ҳама ҷавлон шуду аз худ бурун тохт…
Ба ҷое рафт, к –он ҷо ҷо нагунҷад,
Чи огоҳӣ, чи ваҳм – инҳо нагунҷад [11, 258].

Ғами ғурбати зеҳнӣ ба ҷуз маснавии «Тӯри маърифат» ба он хотир, ки асари тафреҳист ва Бедил нахостаст дар он андешаҳои ирфонии худро мукаррар ба силки назм кашад, дар се маснавии дигар бо обу ранги хос баён ёфтааст. Мазмуни тамоми истилоҳоти ирфонӣ аз қабили «худшиносӣ», «инсони комил», «сайқали дил» ва монанди инҳо фарогири ҳамин ғаманд. Он неруест, ки орифро таҳрик медиҳад, то аз касрат ба сӯи ваҳдат қадам бардорад. Ба қавли шоир:

Якӣ манзил, дуӣ роҳ аст ин ҷо,
Бифаҳмад, ҳар кӣ огоҳ аст ин ҷо.
Дуӣ ин ҷо кам аз теғи дудам нест,
Ба қатъи роҳат ин шамшер кам нест.
Дуӣ то ҳаст, мушкил боядат рафт,
Ки ҳар гоме ду манзил боядат рафт [11, 222].

Дар қиёс бо ғами ғурбати зеҳнӣ, ки инсон дар он майли гурез аз ҷаҳони хокӣ дорад, ғами ғурбати айнӣ аз он навъи носталжист, ки ҳангоми зуҳури он қаҳрамони қисса ба ёди ватан, зодгоҳ ва шахсони маҳбубаш меафтад.

Дар «Ирфон» ғами ғурбати айниро ҳангоми баёни ҳоли Мудани аз Комде ҷудогардида дидан мумкин аст:

Гоҳ гуфтӣ, зи олами воҳӣ
Комде, омадӣ, чӣ мехоҳӣ?
Нестам он қадар ҷудо аз ту,
Ки кашам хиҷлати «биё» аз ту.
Гоҳ гуфтӣ: Саломи ман бирасад,
Аз ту бар ту паёми ман бирасад.
Рафтаам, лек дар қабои туам,
Дурам, аммо ҳамон ба ҷои туам [12, 756].

Ғами ғурбати айнӣ дар қисмати «Ҷоми яъқубӣ»-и маснавии «Муҳити аъзам», он ҷо ки сӯзу дарди Яъқуб дар фироқи фарзандаш Юсуф баён мегардад, хеле равшан ифода меёбад:

Ба ишқи ҷигаргӯшаи хештан,
Чу лахти ҷигар кард дар хун ватан.
Ҷаҳон гашташ аз шом ториктар,
Ки аз дидааш рафт нури назар [11, 249].

Аз маснавии «Тилисми ҳайрат» ба гунаи мисол мешавад чанд байт аз боби «Ҳуҷуми Ишқ ва Муҳаббат»-ро овард, ки ба мавзӯъ мувофиқат менамоянд. Дар баёни он ки Муҳаббат дур аз шоҳ ба ёди ӯ меафтад ва бетоб мешавад, Бедил чунин мегӯяд:

Муҳаббат низ аз доғи ҷудоӣ,
Чароғе дошт дур аз рӯшноӣ.
Нафас дуздида дар дил оҳ мекард,
Ба таб он риштаро кӯтоҳ мекард.
Ба пеши Ишқ аз аҷзи забонаш,

Тапидан шуд пару боли фиғонаш.
Чӣ афсун рехт найранги ту дар дил,
Ки гардидам зи шоҳи хеш ғофил.
Дилам дар пардаи андеша хун аст,
Надонам он баҳори ноз чун аст? [11, 142].

Абулмаонӣ агарчи сӯзу гудоз дар фироқи ёрро як ранҷи таҳаммулнопазир медонад, бо диди ҳакимона онро ба мояи тасаллӣ табдил медиҳад. Аз нигоҳи ӯ фироқ ва ғами ғурбати айниро инсони огоҳ метавонад ҳамчун василаи шинохти ишқ бипазирад ва аз ин огоҳӣ бар худ биболад:

Ишқ моро зи мо ҷудоӣ дод,
То ба қурби худ ошноӣ дод.
Бояд аз васли Каъба ғайбат кард,
То ба эҳром рӯ тавон овард [12, 751].

Ба ҳамин тартиб, носталжӣ ҳамчун амрози қалбӣ ва зеҳнӣ дар бисёр мавридҳо сабабгори афсурдахотирӣ ва мушаввашҳолӣ мегардад, ки инро ҳикоятҳои овардашуда тасдиқ менамоянд. Барои гирифтор нашудан ба носталжии манфӣ инсон бояд ба кадом тадбирҳо даст занад? Аз дидгоҳи Бедил, равандаи роҳи ирфон бояд ҳол (имрӯз)-ро, ки он низ рафтанист, ғанимат шумарад:

Лайлии ҳол бенумуранг аст,
Маҳмилаш ваҳму ҷилва найранг аст…
Ҳол чун нақди туст, бохта гир,
Ношиносоие шинохта гир [12, 80-81].

Аз ҷумла, дар ҳикояте, ки оид ба ин мавзӯъ меоварад, мурид аз муршид суол мекунад, ки мозӣ ва мустақбал чӣ чизанд ва чаро соликон ҳолро муғтанам мешуморанд? Муршид дар ҷавоб мефармояд, ки маънии ин

мафҳумҳо дар хаёл намегунҷанд ва абаду азал ҷуз ду бенишон чизе нест. Бояд ба ҳол биандешӣ, ки дар миёни ин ду бенишон ба зуҳур омадааст:

Ҳол исми тамизи пешу пас аст,
Ин қадар имтиёзи ҳол бас аст [12, 81].

Соликро, ба андешаи ӯ, «чашми фурсатшинос» лозим меояд. Ин гуна шахс аз муҳлати барояш муайянгардида ба таври лозим истифода мекунад ва ин боис мегардад, ки аз оянда нигарон набошад ва хусусан, бар гузашта афсӯс нахӯрад:

Фурсат аз мост, гар ба худ бирасем,
Ки кадомин шайем? Ё чӣ касем?
Чашми фурсатшинос мебояд,
То аён бинад, он чи мешояд [12, 91].

Аз андешаҳои Бедил маълум мегардад, ки равандагони роҳи ирфон носталжиро як зуҳуроти номатлуб дониста, замони айниро, ки имкони иҷрои коре дар он мавҷуд аст, афзал ва муқаддам медонанд.

## 2.4. Ғамҳои гурезпазир ва гурезнопазир дар маснавиҳои Бедил

Тавре ки дар қисмати оғози диссертатсия овардем, ғаму ранҷро ба навъҳои гуногун тақсим намудаанд. Пас аз андешидан ба он ки оё ғами пешомада ногузир буд ё натиҷаи амалкарди худи мо ва ҳам тааммул кардан ба сари ин ки оё мешавад худро аз он канор бигирем ва ё не, ин ҳисҳоро ду қисмат намуда, ба яке ғамҳои гурезпазир ва ба дигаре ғамҳои гурезнопазир ном ниҳоданд. Ба гунаи мисол, ғамҳое аз қабили пирӣ, надоштани гузаштаи пурифтихор, марги хешони наздик ва монанди инҳо ғамҳои гурезнопазир ва дастаи дигари ғамҳо ба монанди сарвату шухрат, надоштани ёрони мувофиқ ва ғайра, ки бо талошу кӯшиш ё дигар кардани  афкор аз онҳо раҳо ёфтан

имкон дорад, ғамҳои гурезпазир мебошанд. Дар ин қисмат кӯшиш менамоем, ки бозтоби ин навъи ғамҳоро дар маснавиёти Бедил мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Ба гурӯҳи ғамҳои гурезнопазир ғамҳоеро мутааллиқ медонем, ки рӯбарӯйӣ бо онҳо амри ногузир аст. Барои мисол, аз биҳишт ронда шудани Одам, ба назари мо, ғами гурезнопазир аст.

Одам мувофиқи Қуръон аввалин намояндаи насли инсонҳо буда, дар адабиёти бадеӣ ва динӣ бо унвони Абулбашар маъруф аст. Зикри ӯ дар сураҳои «Бақара», «Аъроф», «Анбиё» ва ғайра мушоҳида мегардад. Абулмаонӣ дар сифоти «бодаи аласт» ва Одам чунин мегӯяд:

Табоеъ ҳама бетамизи асар,
Қадаҳ бар каф, аммо зи май бехабар.
Ки ногаҳ насибе ба Одам расид,
Зи ҷайби адам нашъае сар кашид [11, 238].

Шоир бо зикри номи Одам сиришти ӯро чунон ба қалам медиҳад, ки шахси дорои чунин хулқу хӯбуда ногузир побанди ғам ва ҳасрат мегардад:

Чӣ Одам? Ҳамон арзи рози ниҳон,
Сифатҳои кайфияти бенишон…
Қиёматфурӯши маниву туӣ,
Найистони баргу навои дуӣ.
Фиреби худу ҳайрати коинот,
Ҷунуннағмаи сози исму сифот [11, 239].

Дар нигоҳи аввал ғами ронда шудан аз биҳишт метавонист ғами гурезпазир бошад. Гурезпазир будани ғами Одамро мо ба ин андеша гуфтем, ки ӯ дар биҳишт то он даме боқӣ монд, ки гуноҳ дар хаёлаш роҳ наёфт. Яъне, агар Одам ба аҳди худ устувор мемонд ва ваъдаи додаи худро фаромӯш намекард, аз рӯи мантиқ имкон дошт, ки ҷовидона дар он ҷо бимонад. Дар

Қуръон оид ба устувор набудани Одам ба аҳди худ дар ояти 115-уми сураи «Тоҳо» чунин омадааст: «Ва лақад ъаҳидино ило Одама мин қаблу фа насия ва лам наҷид лаҳу ъазман». (Яъне: Мо ба Одам аҳд бастем ва дар он аҳд ӯро устувор ва собит наёфтем). Аммо набояд фаромӯш кард, ки амр ва иродаи Худованд чунин буд.

Дар идомаи қисса мо шоҳиди он мешавем, ки Абулмаонӣ бо нигоҳи ҳакимона ғами гурезнопазирро чунон тобиши шоирона медиҳад, ки гуноҳи мазкур на сазовори мазаммат, балки шоистаи таҳсин мегардад. Хулосаи зебои шоир аз гуноҳи Одам чунин аст: Чун шароби софӣ дар охири паймона дурди талхе ҳам дорад, ба Одам аз қазо чунин рафта буд, ки бояд гандумро мехӯрд, то муртакиби гуноҳ гашта, ба ин баҳона аз биҳишт ронда шавад ва хумор азияташ диҳад. Хумори бодаи аласт шахси муътодро маҷбур мекунад, ки ба ёди Соқӣ бияфтад ва дар азамату бузургии ӯ андеша кунад. Яъне, асли мақсуд аз рондани Одам он буд, ки он гумроҳии аввал дар охир сабабгори ҳидояташ ба сӯи Офаридгор бошад:

Агар гандумаш роҳзан шуд, чӣ бок?
Ки масти вафо аз хатоҳост пок.
Касеро, ки пири муғон баргузид,
Зи исён гуле ҷуз ҳидоят начид [11, 242].

Мисоли дигари ғамҳои гурезнопазир дар маснавии «Муҳити аъзам» ихтилоф дар равияҳои фикрӣ ва ҷаҳонбинӣ мебошад. Чӣ бисёр иттифоқ меафтад, ки инсонҳо бар асари ихтилоф дар ҷаҳонбинӣ ва гуногунии андешаҳо душмани ҳам мешаванд. Таърих бисёр ҷангҳои мазҳабӣ ва диниро дар ёд дорад. Идеологияҳои гуногуни ҷаҳонбинии дунявӣ ҳам аз ин қавонин истисно нестанд. Ба гунаи мисол ҷанги сарди миёни капитализму сотсиализм ва идеологияи фашизм (нозӣ)-ро овардан мумкин аст, ки яке ба рушди бесобиқаи силоҳи қатли ом оварда расонид ва дигаре ба харобии олам ва қурбонии бешумори одамҳо сабаб шуд.

Даври савуми маснавии «Муҳити аъзам», ки «Мавҷи анвори гуҳарҳои зуҳур» унвон дорад, масъалаи пайдоиши ақидаҳоро дар бар мегирад. Аз мутолиаи он бармеояд, ки он чи мардумро дар ин маврид аз ҳам дур менамояд, ихтилофи назар аст. Абулмаонӣ бархостгоҳи ақидаҳои гуногунро дар маҳдудияти завқ ва дониши инсонҳо мебинад, ки ҳангоми мутолиаи онҳо ба зеҳни хонандаи огоҳ қиссае аз «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно меояд. Қиссаи мазкур чунин аст, ки филро аз Ҳиндустон ба шаҳри нобиноён меоваранд. Чун овозаи омадани фил ба гӯши мардуми шаҳр мерасад, пайи диданаш ҷамъ меоянд ва ба воситаи палмосидани бадан дар бораи чигунагии шакли он хулоса мебароранд. Дар ниҳоят ҳар кӣ гӯшашро бо даст палмосид, онро бодбезан, ҳар кӣ пояшро даст кард, онро амуд ва ҳар кӣ хартумашро ламс кард, онро новадон донист:

Он якеро каф ба хартум уфтод,
Гуфт: ҳамчун новадон аст ин ниҳод.
Он якеро даст бар гӯшаш расид,
Он бар ӯ чун бодбезан шуд падид.
Он якеро каф чу бар пояш бисуд,
Гуфт: шакли пил дидам чун амуд.
Он яке бар пушти ӯ бинҳод даст,
Гуфт: ин пил ҳамчу тахте будааст…
Аз назаргаҳ гуфташон шуд мухталиф,
Он яке «дол»-аш лақаб дод, ин «алиф» [7, 247].

Ҳамин гуна ихтилофоти назар дар фаҳмиши ақоидро метавон аз даври савуми «Муҳити аъзам» пайдо кард:

Яке бодаро субҳи анвор хонд,
Яке токро мавҷи асрор хонд.
Якеро бар ин гуфтугӯ фаҳм на,
Маю ҷому минош дар ваҳм на,

Надонист, соқӣ киву ёр кист?
Муғаннӣ киву нағмаи тор чист? [11, 281].

Дар масъалаҳои иҷтимоӣ низ андешаи муаллиф ҳамон аст:

Яке бар ғано рехт ранги назар,
Ки фаръ аст сайри баҳори дигар…
Ки пастӣ далели нагунфитратист,
Ба аҷз ошноӣ зи дунҳиматист.
Яке соғари оҷизӣ дарзада,
Ҳавасро ба теғи адаб сар зада…
Ки гар ҳушро аз тааммул сарест,
Ба пастӣ ҳам ороиши афсарест [11, 279].

Албатта, гуногунии ақидаҳо то даме ки дар ҳолати муътадил қарор доранд, боис ба нигаронӣ нестанд, аммо замоне, ки ба таассуб мепечанд, сабаби ҷангу низоъ ва заминаи ранҷу ғами башар мегарданд. Дар ин маврид суолу посухи файласуф Бертанд Росулро аз китоби "Ҷаҳоне, ки ман мешиносам" овардан ба маврид аст:

"Суол: Оё шумо метавонед, барои мо хатарноктарин мавриди таассуб ва сахтгириро ном бибаред?

Ҷавоб: То дилатон бихоҳад. Масалан, зидди яҳудро дар назар бигирем. Қудрати Рум аз рӯзе, ки таҳти ливои масеҳият даромад, ба як неруи зидди яҳуд табдил гардид.

Савол: Чӣ гуна метавон ин матлабро тавзеҳ дод, ки ашхоси солим то бад ин поя таҳти таъсири таассуб қарор мегиранд?

Ҷавоб: Дар тамоми афроди башар зовияҳое барои ҷунун вуҷуд дорад. Боре дар рӯзи боронӣ дар утомобилам обиреро, ки хисси об шуда буд, паноҳ додам. Ин мард ба ақидаи бартарии нажод мухолифат меварзид. Зимни гуфту шунуд риштаи сухан ба Филипин кашид. Дар ин байн обир мавриди баҳс

гуфт: “Аҳолии Филипин мардумони нокасе ҳастанд”. Мулоҳиза мефармоед, ки билохира ӯ ҳам яке аз печҳои мағзаш шал буд” [112, 59-60].

Ҷустуҷӯи шуғл ва кори муносиб барои фароҳамсозии лузумоти зиндагӣ аз ҷумлаи ғамҳои гурезнопазир аст, ки ҳангоми машварат оростани бародарон пас аз марги марди ориф дар маснавии «Ирфон» дида мешавад:

Раҳнавардони водии адамем,
Хомӯшиманзили нафасқадамем,
То нафасро зи хоби по дурист,
Тарки ашғол сахт маҳҷурист.
Корвонем, ҷустуҷӯ дар бор,
Маҳмилу зоди мо тараддуди кор.
Беталаб роҳи умр тай кардан
Ноқаи ҳиммат аст пай кардан [12, 303].

Ногузирии шикасту рехт ва мулоқот бо шодиву ғам дар қисмати «Шӯриши Ахлоту ҳуҷуми Алам, – Воҳимаи бесабаби Хавфу Ғам» -и маснавии «Тилисми ҳайрат» чунин ба қалам омадааст:

Дар ин гулшан, ки рангаш бесабот аст,
Шукуфтанҳо шикасти ҳодисот аст.
Дамидан чун кушояд парда аз рӯ,
Ҷудо ёбӣ зи ҳам ранги гул аз бӯ.
Фусурданҳост дар табъи расидан,
Дуруданҳост дар ҷайби дамидан.
Ғараз, аз зарра то хуршеди имкон
Чу гул дорад парешонӣ ба домон.
Нифоқе дар камини ошноист,
Ба ҳам пайвастагӣ доми ҷудоист [11, 82-83].

Бар хилофи ғамҳои гурезнопазир ғамҳои дигаре ҳастанд, ки гурезпазиранд. Масалан, аз даст додани сармоя ва заволи неъмат барои бархе аз шахсон мояи ғам мегардад. Бедил  мавзӯи мазкурро дар қисмати «Масале ойинадор аст ин ҷо, – К-аз ту дар роҳи ту хор  аст ин ҷо»-и маснавии «Ирфон»  чунин баён мекунад:

Мардаке табъи ношикебе дошт,
Ҳавасомода боғи себе дошт.
Зоғ себе аз он миёна рабуд,
Ба мақоме баланд бол кушуд.
Он хасис аз қафои ӯ метохт,
То ба ҷое, ки нақди тоқат бохт.
Баски дудаш фурӯ гирифт димоғ,
Шуд ҷаҳонаш ба дида як пари зоғ [12, 336].

Бедил бо овардани ин масал шахсони мумсикро, ки бо аз даст додани андак сармоя ба ғам мепечанд, чунин танбеҳ медиҳад:

Ту ба ваҳмӣ, к-аз авҷи ҷоҳ афтӣ,
Нест аз ақл, агар ба чоҳ афтӣ.
Гашта бошад аз ин баҳори ситам
Себе аз боғи эътибори ту кам [12, 337].

Чунин ғам аз нигоҳи шоир набояд мояи афсурдагӣ гардад, зеро  гурез аз он имкони фаровон дорад:

Коре аз даст рафт, кори дигар,
Оламе дигар, эътибори дигар.
Бода дорӣ, зи дарди зарф манол,
Чинията гар ба ҳам шикаст, сафол.

Самари боғи шавқ бисёр аст,
Яъне, асбоби завқ бисёр аст [12, 337].

Дар маснавии «Муҳити аъзам» яъсу афсурдагӣ ғами гурезпазир донист мешавад. Мавзӯи мазкур дар як ҳикоят бо тасвири ҳоли шахсе, ки аз афсурдагиву бекорӣ гӯшагири манзиле шуда мехобид, чунин баён мешавад:

Зи накбатсириштон дилафсурдае,
Ба бекорӣи зиндагӣ мурдае.
Зи бистар ба тобути хобаш ватан,
Зи пӯшидани чашми хешаш кафан.
Зарифе бигардонд паҳлуи ӯ,
Гулобе зад аз ханда бар рӯи ӯ,
Ки: эй саргарони бисоти зуҳур,
Зи сар то қадам хоби пои шуур.
Раҳи асли мақсад нагирӣ чаро?
Зи хобе, ки дорӣ, намирӣ чаро? [11, 315-316].

Бедил афсурдагиву коҳилиро, ки ғами зиёни сиҳат ва фақр дар пай дорад, аз забони марди зариф ғами гурезпазир дониста, гирифторӣ ба онро намеписандад. Азбаски худи Бедил низ дар ҷавонӣ бар асари риёзати зиёд гирифтори афсурдагӣ буд, дар ин қисмати маснавӣ ба соқӣ рӯ меоварад ва талаби ҷоме менамояд, ки ӯро ба зиндагии пурҷӯшу хурӯш баргардонад:

Зи ман магзар, эй Хизри исолиқо,
Ба соғар бикун рамзи оби бақо,
Ки ҷоне диҳам қолаби мурдаро,
Дар об афканам хоки афсурдаро.
Шавам мавҷи асрори пояндагӣ,
Занам ғӯта дар чашмаи зиндагӣ [11, 316].

Ба монанди маснавии «Муҳити аъзам» дар маснавии «Тилисми ҳайрат» ғами заъфи бадан аз қабили ғамҳоест, ки гурезпазир аст ва хираду парҳезу тадорук даъвои онанд:

Хирад, к-аз доми Хавфу Ғам раҳо шуд,
Каминомодаи тадбирҳо шуд.
Суроғи Заъф дар мулки бадан ёфт,
Хазоне хуфта дар хоки чаман ёфт.
Тадорук қомати Парҳез орост,
Ба фикри рӯфтани он гард бархост.
Ғубори Заъф аз бас норасой
Зи сарсар дошт болу пар гадой,
Ба андак фурсате маъдум гардид,
Хати маъдумияш мафҳум гардид [11,129-130].

Ғами гурезпазир дар маснавии «Тӯри маърифат» боз ҳамон афсурдагии ҳол мебошад. Бедил онро дар оғози маснавӣ чунин ба қалам медиҳад:

Дар айёме, ки дил саброзмо буд,
Табиат навниёзи инзиво буд.
Чу шамъи кушта будам улфатоғӯш,
Ба он ҳастӣ, ки буд аз дил фаромӯш.
На фикри анҷуман, не фикри гулшан,
Қадам чун мавҷи гавҳар маҳви доман [11, 581].

Илоҷи дарди шоирро яке аз дӯстонаш, ки Бедил аз ӯ бо унвони «ҳақиқатмашрабе, ворастахӯе» ёд мекунад, дар сайру саёҳат ва дидори дӯстон мебинад.

Шавӣ то маҳрами худ, дил талаб кун,
Ба маҳмил то расӣ, маҳмил талаб кун.

Гирифтам, ботинат накшуд роҳе,
Ҷаҳон ҳам гарди дил дорад нигоҳе.
Сари фикрат нашуд маҳви гиребон,
Қадам боре барор аз банди домон.
Ба дарё гар надорӣ ошноӣ,
Кафи хоке зи соҳил кун гадоӣ.
Ғараз, бӯи навои ошно гир,
Зи ҳар гарде суроғи тӯтиё гир [11, 583].

Файласуф Вил Дуронт дар китоби «Лаззоти фалсафа» чунин андешаи ҷолибе пешорӯи хонанда мегузорад: «Мо дар назари худ комил менамоем ва навоқиси мо бароямон чунон хушоянд аст, ки ба нудрат ба фикри ислоҳи худ меафтем» [72, 79]. Аз баёни ваҷду ҳоли шоир зимни тасвири манзараҳои Байрот ба ин натиҷа мерасем, ки сайру саёҳат, воқеан, Бедилро аз ғами афсурдагӣ раҳо намуда, боис ба саршории завқу табъаш мешавад ва сабабгори таълифи маснавии бисёр зебои «Тӯри маърифат» мегардад. Бо такя бар ин, мешавад афсурдагиро бо бовари тамом ғами гурезпазир биномем.

Қаблан қайд карда будем, ки яке аз қаҳрамонони маснавии «Тилисми ҳайрат» Ғам ном дорад. Ба маврид аст, ки ин ҷо ӯро бо қалами худи Мирзо Бедил муаррифӣ кунем. Дар маснавии мазкур Ғам яке аз шаш нафар муқимони остони Дил аст:

Шашум, Ғам дар ҳарими Дил камин дошт,
Ки ҳамчун нола хун дар остин дошт.
Хароши чеҳраи умеди ишрат,
Кусуфи чеҳраи хуршеди ишрат.
Зи ёди ӯ насими субҳгоҳӣ
Ба тангӣ чун нафас зери сиёҳӣ…
Гули боғаш дили дарҳамшикаста,
Насимаш нолае аз сина ҷаста.

Ғубори ӯ ба ҳар маҳфил, ки ҷо кард,
Чу дуд эҷоди ашк аз дидаҳо кард.
Ба ҳар гулшан, ки во гардид роҳаш,
Зи абр омад ба сар рӯзи сиёҳаш…
Қади ҳар кас зи фикри ӯ хамида,
Ба фарёди сараш зону расида [11, 76].

Аз пораи мазкур, ки дар сифати Ғам омадааст, маълум мешавад, ки нависанда ба он назари нек надорад, балки онро хароши чеҳраи умеду кусуфи оразди хуршед медонад. Дар маснавии мазкур назари фалсафии шоир роҷеъ ба офариниши инсон, хайру шарри дар вуҷуди ӯ пинҳонбуда, рақобати қувваҳои неку бад, раҳи растагорӣ аз зиллату пастӣ ва даст ёфтан ба саодати абадӣ, ки дар таҳайюри аҳвол ва ҳусули яқин аст, ифода меёбад.

Мувофиқи хатти сужаи маснавӣ, вақте ки Рӯҳ мехоҳад дар маъмураи Дил мақом бигирад, бо Ғаму Фараҳ, Адовату Муҳаббат ва Хавфу Умед ба машварат менишинад. Нахустин касе, ки Рӯҳро аз рафтан ба кишвари Дил монеъ мешавад, ҳамин Ғам аст:

Ғам омад, к-эй ҳумои ишратанҷом,
Махӯр ҷоми фиреб аз ҳалқаи дом.
Макун бо улфати ин тангно соз,
Даруни байза натвон сохт парвоз…[11, 77].

Аз суханони Ғам бармеояд, ки ӯ намехоҳад, Дил иқоматгоҳи Рӯҳ интихоб гардида, барои ободияш саъй карда шавад. Дар ин кор ба ӯ персонажҳои дигари манфии асар, ба мисли Адоват ва Хавф ёрӣ мерасонанд. Аммо Рӯҳ ба маслиҳати Фараҳ, Муҳаббат ва Умед амал карда, Дилро мақоми хеш қарор медиҳад ва рафти минбаъдаи воқеаҳо нишон медиҳанд, ки қарораш дуруст будааст:

Яқин шуд, к-аз Ғаму Хавфу Адоват
Надорад зиндагӣ сози ҳаловат [11, 79].

Пас аз муқими Дил шудани Рӯҳ ва хушгузаронияш бо Фараҳу Муҳаббату Умед, ки чанд муддат давом мекунад, шоир қабл аз овардани давоми ҳодисот нигоҳи тааммулхироме ба зиндагӣ меафканад ва сабаби парешониву ихтилофотро, ки барои ҳар ҷамъияте иттифоқ афтоданаш имкон дорад, ҳакимона шарҳ медиҳад. Аз нигоҳи ӯ, ин иттифоқот амри табиӣ буда, сабабҳои он дар ҷавҳари офариниш пинҳонанд, яъне тазоде, ки миёни неку бад вуҷуд дорад, саранҷом ба ҷанги ошкорои онҳо табдил мешавад. Аз ин рӯ, ҳамеша огоҳ бояд буд, зеро иттилоъ надоштан аз кори душман ва дӯстӣ варзидан бо шахсони бад сабаби парешонӣ ва бадбахтиҳо мегардад:

Ҷаҳон чун ғунча як дафтар нифоқ аст,
Ки дар шероза банди иттифоқ аст.
Аз ин шероза гар ёбад ҷудоӣ,
Набинӣ ғайри аҷзои ҳавоӣ [11, 90].

Шоир робитаи мутақобилаи байни хайри шарро амри ногузир меҳисобад ва ин андеша шояд аз он ақида маншаъ мегирад, ки ҳич шайъ ё аҳаде дар танҳоии сирф комилиёр буда наметавонад, сарфи назар аз ин, ба хонанда тавсия медиҳад, то худро аз суҳбати шахсони нолоиқ дур гирад:

Ба теғи бекасӣ худро сипар кун,
Вале аз суҳбати дунон ҳазар кун [11, 91].

Дар маснавӣ нақши Ғам то охир фаъол нест. Ғам, Хавф ва Адоват чанде бар сипоҳи муҳофизи Дил ғалаба мекунанд, аммо вақте ки Ақл, Умед ва Ахлоқ ба имдоди шоҳ меоянд, ӯ ва ёронаш асир меафтанд ва бо ҳамин сарнавишти Ғам камранг гашта, баъди ҳуҷуми Ҳиммат Огоҳӣ бо ҳамроҳии Сиҳат ва ба ёрии эшон бархостани Мизоҷ ба нуқтаи таммати хеш

мепайвандад. Аз хилоли қисса бармеояд, ки ғами гурезпазир дар вуҷуди инсон замоне ғалаба ба даст меоварад, ки сифатҳои ҳамида ба мисли умеду ахлоқ, ақл, ҳиммат ва огоҳӣ рӯ ба таназзул ниҳода бошанд.

Маълум аст, ки тасаввуф дараҷаҳои рушду такомули худро дорад ва орифро барои расидан ба зинаи ниҳоии камолот ҳафт водӣ дар пеш аст. Ин ҳафт водӣ номҳои махсуси худро доранд ва дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Шайх Аттор, ки қиссаи бисёр ҷолиб аст, номи водиҳо ва сифати онҳо ҳангоми сафари мурғон барои расидан ба мулоқоти Симурғ баён гардидааст. Ҷои шакку шубҳа нест, ки ҳафт водии ишқи соликони роҳи ҳақиқат замина дар қиссаҳои қадимии мардуми Эронзамин, хусусан ривоёти «Шоҳнома», дорад ва «Ҳафт хони Рустам» ё «Ҳафт хони Исфандиёр» бозгӯи ин ҳақиқатанд. Ҳамин тариқ, агарчи дар маснавии «Тилисми ҳайрат» ишораи мустақиме ба тайи марҳилаҳои тасаввуф аз ҷониби солик нест, боз ҳам метавон тахмин зад, ки Ғам, Адоват ва Хавф ишора ба манзилҳоеянд, ки пешорӯи манзили маъшуқ ва мартабаи кашфу шуҳуд қарор доранд.

Аз мисолҳои овардашуда маълум мегардад, ки дар маснавиёти Бедил ғамҳои марбут ба сарнавишт, ғами таъмини маишати рӯзгор ва ихтилофоти ақидавӣ ғамҳои гурезнопазир мебошанд ва чораи кор дар рӯёрӯӣ бо онҳо сабру тамкин аст. Чораи дигар ин аст, ки файласуфона бар онҳо назар биандозем ва барои худ ҳикмате кашф намоем. Аз ғамҳои гурезпазир, ба монанди ғами сарват, заъфи бадан ва афсурдагии дил, ки намунаи онҳоро овардем, мешавад бо саъю кӯшиш ва дигар кардани роҳи афкору рафтор раҳоӣ ёфт.

# БОБИ III. ОМИЛҲОИ ҒАМБАРАНГЕЗ ВА ҒОЯТШИНОСИИ ОНҲО ДАР МАСНАВИҲОИ БЕДИЛ

## III.1. Ноадолатиҳои иҷтимоӣ ба ҳайси авомили ғамбарангез

Дар бораи мафҳуми «ғоятшиносии дарду ранҷ» муҳаққиқон Т. Мирзоӣ ва М. Гурҷӣ чунин маълумот додаанд: «Ғоятшиносӣ ба ин нукта мепардозад, ки натиҷа ё натиҷаҳо ва аҳёнан ҳадафи ниҳоии дард ва ранҷ чист ва инсони соҳибдил аз дард ва ранҷ чӣ меомӯзад?» [88, 22].

Ғоятшиносиро ба тарзи дигар натиҷагирӣ низ метавон гуфт. Бо дарназардошти таърифи овардашуда, натиҷагирӣ ё ғоятшиносии мо зимни баррасии мавзӯъ чунин аст, ки омилҳои ғам дар зиндагии инсон гуногун буда, қисмате аз онҳо азалӣ ва қисмате ҳосили амалкарди огоҳона ва ё ноогоҳона мебошанд. Баршумурдани тамоми омилҳои ғам дар маснавиёти Абулмаонӣ корест доманадору фурсатталаб, зеро андешаҳои Бедил ба гунае матраҳ шудаанд, ки зояндаи андешаҳои наву тоза мегарданд. Мо бо нишон додани чанд омил ва натиҷагирӣ аз онҳо иктифо намуда, умед дорем, ки хонанда аз заминаҳои пайдоиши ранҷу дард огоҳии бештареро соҳиб мегардад. Дар қисмати нахуст ноадолатиҳои иҷимоиро ба ҳайси омили ғамбарангез баррасӣ менамоем.

Дар маснавиёти Бедил, хусусан дар «Ирфон», ба ғаму дарди инсонҳо, ки ноадолатиҳои иҷтимоӣ сабабгори он мешаванд, таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Абулмаонӣ аз зумраи шоиронест, ки адолатро сababи бақои олам мешуморад ва ба ин маънӣ мегӯяд:

Чи хоку чи боду чи оташ, чи об
Зи адл аст сарриштадори ҳисоб.
К-аз ӯ гар табиат таҷовуз кунад,
Халал дар бинои камол афканад [11, 282].

Тавре дар маснавии «Ирфон» таъкид гардидааст, адл ҳамон қадаре, ки дар низоми офариниш зарур аст, бо ҳамон андоза бояд дар муомилаи миёни инсонҳо, хусусан дар муносибати давлатмардон бо мардуми одӣ риоя гардад. Дар боби «Арзи оҳанги навои сонӣ, Шӯхии замзамаи деҳқонӣ»-и маснавии «Ирфон» андешаҳои вобаста ба ин мавзӯъ дар суханони бародари дувум (қиссаи Орифу фарзандонаш), ки шуғли барзгариро ситоиш мекунад, бештар ба назар мерасанд. Шуғли барзгарӣ дар баёни ӯ аз ҳар пешаи дигаре муқаддамтар арзёбӣ мегардад:

Гарчи ҳар кас гуле ба сар дорад,
Барзгар нашъаи дигар дорад [12, 406].

Назар ба қавли бародари дувум Одамро аз биҳишт шӯхии гандум, ки рамзе аз нон аст, бурун овард ва дар замин ҳам ба андешаи худ побанд кард. Ба андешаи ӯ, ҳатто гиряи тифли навзод чошние аз ғами нон дорад:

Тифлро чун умеди зистан аст,
Аввалин пешааш гиристан аст.
К-аз чунин дастунои мондабагил
Ба чӣ тадбир нон кунам ҳосил? [12, 419].

Дар идома нақл мешавад, ки қисме аз мардум пайи рӯзӣ ба деҳқонӣ машғул шуданд ва қисми дигар дунболи корҳои мутафовит рафтанд. Аммо чун табиати инсонӣ ба ғизо эҳтиёҷ дорад, онҳо, ки зару симе ҳосил карда буданд, нақдашонро ба нон иваз карданд ва онҳо, ки чизе дар бисот надоштанд, бо дуову илтимос пораи ноне аз деҳқонон дарёфт намуданд. Аз ин миён гурӯҳе бекорон ба ҳам ҷамъ омаданд ва муттафиқ гардида, ба кишти деҳқонон ҳамла бурданд. Ҳар куҷо киштзореву анборе буд, ба ғорат рафт. Пас аз тавонманд шудан гурӯҳи ҳирспеша бо шарти додани хироҷ ба деҳқонон сулҳ карданд. Ҳамин тариқ, барои он ки деҳқонон аз шарти сулҳ

сар напечанд, гурӯҳи муфтхӯр силоҳу шамшер ба даст оварда, лашкар таъсис доданд.

Маълум аст, ки Абулмаонӣ дар сурати гурӯҳи муфтхӯр киро дар назар дорад:

Дастгоҳи ғурури султонӣ
Сар зад охир зи аҷзи деҳқонӣ [12, 426].

Худпарастӣ ва нозу ғурури аҳли ҷоҳро шоир дар неъматҳои муфте мебинад, ки онҳо бо роҳи ситам аз халқи заҳматкаш ба даст овардаанд. Мисле ки Фиръавну Намруд низ сози ҷоҳу ҳашамро ройгон ба даст оварданд ва нашъаи қудрат онҳоро ба сари даъвии Худоӣ овард:

Ройгон буд сози ҷоҳу ҳашам,
Муфт шуд даъвии Худоӣ ҳам [12, 426].

Аз ҳоли забуни деҳқонон сухан ронда, шоир ҳокимонро мазаммат мекунад, ки агарчи зоҳиран раҳме бар онон мекунанд, асли мақсадашон ғорати ҳар чӣ бештар аст:

Ҳирс ҷӯшиду адл шуд номаш,
Баст саъйи ҳиросат эҳромаш,
Ки ба деҳқон касе ситам накунад,
Яъне аз моли шоҳ кам накунад.
То ба ҷое расид саъйи ғурур,
К-аз мазореъ намонд ҷуз муздур [12, 427].

Ҳамин аст, ки - мегӯяд шоир - имрӯз ҳақуззаҳмати барзгарон ҷуз обилаи даст чизе нест. Агарчи бар сари хирмани гандуманд, мисли гови даҳонбаста чизе хӯрда наметавонанд ва агар барги коҳеро ба ҷайби худ ниҳанд, хӯшаи

сари худро ба дами теғ месупоранд. Соҳиби чашма аз ташнагӣ мемираду ғайр аз он об менӯшад.

Сурати адли хусравон ин аст,
Зулм дар олами ғараз дин аст [12, 428].

Ба тариқи масал Бедил ҳикояти гурбаеро ба назм мекашад, ки дар макони мушон рахти иқомат афкандааст. Яке аз ӯ мепурсад, ки сабаби саҳроро макони худ интихоб кардани ӯ дар чист? Гурба дар ҷавоб мегӯяд, ки ин ҷо мушҳои нотавону оҷиз умр ба сар мебаранд ва ман бар онам, ки ҳимояти онҳоро аз каргасон ба зиммаи худ бигирам. Ҳоло - омадааст дар идома - дар ҳама ҷо масали мушу гурба ҳукмрон аст ва сабабаш он аст, ки халқи ситамкаш аз хеш ҳимоят карда наметавонад:

Сел дасти тасарруфест расо,
Лек бар хонаҳои сустбино.
Гар ба кӯҳсор во кунанд дараш,
Ҳаст ҳар санг пешпои сараш [12, 430].

Бедил хомӯш истодан дар баробари зулмро маҳкум менамояд ва бо ишора ба масали сангу об мефармояд:

Обро аз чӣ мебаранд фурӯ?
Устухоне надидаанд дар ӯ.
Гар зи сахтӣ алам намебурданд,
Сангро ҳамчу об мехӯрданд [12, 431].

Дар фароянди ин мавзӯъ шоир ҳирсро хоси табиати инсонҳо медонад ва ба он ишора мекунад, ки тифл ҳанӯз дар батн аз хуни модар ғизо мегирад ва ҳамин ҳирс аст, ки баъд аз зода шудан низ ҳар чизеро, ки ба каф оварад, мемакад. Пас, хулоса мекунад ӯ, агар тифл дар нотавонӣ чунин аст, ҳангоми қудрат ёфтан чун бошад?

Одамӣ то ба ҳирс по афшурд,
Аввал аз ҳар кӣ зод, хунаш хӯрд.
Ҷазбаи ҳирс дошт ин таъсир,
Ки зи хун во кашид лаззати шир.
Пас ҷаҳон сайди ғораташ гардид,
Ки ба ҳар чиз даст ёфт, макид.
Он, ки қуташ ба аҷз хун бошад,
Чун тасаллут гирифт, чун бошад? [12, 431].

Бедил аз нафрати зиёд ба ҳирсу ғурур ба аҷз рӯ оварда, ғурур ва қудрати аслиро дар тарки ҳирсу озмандӣ мебинад:

Аҷзро мояи сурур кунем,
Бар шикасти ғурур зӯр кунем [12, 432].

Аҷзи Бедил аҷзи дармондагӣ ва бечоранолӣ нест, балки аҷзи созанда ва оварандаи хушҳоливу рифоҳ аст. Аҷзи ӯ аҷзи абрест, ки ба хотири об пошидан ба киштзор паҳнои худро афшурда мекунад, аҷзи шишаест, ки барои кайфияти ёрон худро аз бода тиҳӣ месозад, аҷзи мумиёест, ки барои мустаҳкам кардани устухони дигарон худро мешиканад, аҷзи сифрест, ки барои афзун шудани рақамҳо паҳлуи худро тиҳӣ менамояд ва ниҳоят аҷзи шамъест, ки барои афрӯхтани маҷлис дар равғани худ оташ мезанад.

Байти зерини шоир парда аз рӯи шавкату ҳашами дороён бармедорад:

Кисаи ҳич кас надид пурӣ,
То накард ихтиёр кисабурӣ [12, 431].

Дар «Ирфон» ғами иҷтимоиро дар ҳикояти дигаре низ метавон мушоҳида кард, ки зимни баёни суханони писари савуми марди ориф оварда мешавад. Фишурдаи қисса чунин аст: Дар домони кӯҳи баланде, ки сар аз

сақфи афлок берун мекард, шаҳре буд ва дар он шаҳр шоҳе ҳукумат мекард, ки дар зулм аз Заҳҳок пешдастӣ дошт:

Бар забонаш чу дашнаи қассоб
Ғайри куштан набуд ҳарфи савоб...
Гар ба бечорае назар мекард,
Мижа болу пари шарар мекард.
В - ар ба ҳоли касе тараҳҳум дошт,
Барқ зери лабаш табассум дошт [12, 509].

Марди беморе бо зани обистанаш дар мулки ӯ бо ҳолати нодорӣ умр ба сар мебурданд ва пешаашон гадоӣ буд. Рӯзе зану шавҳар дар саҳро роҳ мепаймуданд, ки ногоҳ борони шадиди ҳамроҳ бо жола меборад:

Барг дар пайкари дарахт намонд,
Ғайри урёнтанӣ зи рахт намонд.
Шаш ҷиҳат офати тагарг гирифт,
Оламеро ба боди марг гирифт [12, 512].

Ҳар ду аз офати борону жола ба сутӯҳ омада, ҷойи амн меҷӯстанд ва ниҳоят зери тахтасанге паноҳ бурданд. Аз ноомади кор занро дарди ҳамл мегирад:

Дар чунин ҳолате, ки чун борон
Назъ ҳам мегирист бар сарашон,
Зани бечора бохт ранги қарор,
Ноқаи ҳамли ӯ гусехт маҳор [12, 513].

Мард, то кумаке барои занаш карда бошад, барои ёфтани табиб сӯи шаҳр медавад ва чун медонад, ки табиб бидуни пул доруяш намедиҳад, аз гиёҳони саҳро қадре таранҷубин ҷамъ меорад. Дар бозори шаҳр гурӯҳи авбош ба ӯ ҳуҷум кардаву доманашро аз мева холӣ мегардонанд. Мард бо умеди

додхоҳӣ пеши шоҳ шикоят мебарад. Шоҳ мепурсад, ки таранҷубин аз куҷо ба даст овардӣ? Мард мегӯяд, ки аз саҳро.

Он ситамгар баҳонае мехост,
Гуфт: асли таранҷубин зи куҷост?
Охир он дашт дар замини ман аст,
Вақфи ороиши нигини ман аст [12, 516].

Пас амр намуд, ки мардро барои дуздӣ даст бибуранд.

Аз ҳикоёти овардашуда равшан мегардад, ки Абулмаонӣ бо дарди мардуми одӣ аз наздик ошно буда, мехоҳад сиришти шоҳону ҳокимони ситамгари даврро дар ойинаи назм ба чашми хонанда намоён кунад. Ҳарчанд золим баландҷоҳ асту дасти адолатҷӯ кӯтоҳ, ӯ дар муқобили ситамгарон хомӯш наменишинад ва эшонро аз оқибати кор огоҳ месозад:

Нолаи дил ғубори сарсар нест,
Гар ту нашнидӣ, осмон кар нест...
Пас ба ҳар кас ба зулм пеш ойӣ,
Ташнаи интиқоми хеш ойӣ [12, 520-521].

Бедил ғафлатро пунбае медонад, ки золимон барои нашнидани фарёди мазлумон бар гӯши хеш гузоштаанд. Сипас оҳи мазлумро ба оташ монанд мекунад ва ҳушдор медиҳад, ки ин оташи болораванда пунбаи гӯши ситамгоронро якҷоя бо коху салтанаташон хоҳад сӯхт. Барои тоҷдорон роҳи наҷот дар он аст, ки пунбаи ғафлатро аз гӯш берун кашида, аз он фатилаи чароғе дуруст кунанд ва кошонаи фақиронро равшан намоянд:

Рафъи ин пунба маҷлисафрӯз аст,
То ба гӯш аст, хонумонсӯз аст [12, 523].

Дар маснавии «Муҳити аъзам» ғами адолати иҷтимоӣ дар чандин маврид ёд шудааст. Шоир, ки дар рӯзгори хеш сарнагуншавии шоҳони

даврро дида буд, шояд нопойдории ҳокимияти онҳоро дар адами адл медонист. Ба андешаи ӯ, адолат хатти истивоест, ки шахси онро убуркарда эътидолро дар корҳояш хароб мегардонад. Дар қисмати «Ҷоми форуқӣ» назари шоир ба адл чунин матраҳ мегардад:

Умар ёфт ком аз майи адлу дод,
Ба офоқ чун истиво хат ниҳод,
Ки ҳар кӣ зи мазмуни ин хат гузашт,
Ба асрори таҳқиқ восил нагашт…
Зи тамкини адлаш ба чашми яқин
Гуҳар буд санги тарозуи дин [11, 268-269].

Дар маснавии мавриди таҳқиқ баёни нокомии муаллиф дар ба даст овардани хоҳишоташ хеле муассир аст:

Ба ҳар сӯ равам, бода ояд зи пеш,
Вале ман нагунсоғари бахти хеш.
Чаман дар гиребону ман хорчин,
Гулам бистару ман дароташнишин…
Тиҳидаст ҳасратбаён асту бас,
Майи ҷоми холӣ фиғон асту бас [11, 319].

Маснавии «Тӯри маърифат» ҳарчанд тафреҳист, боз ҳам дар он бо ғами ноадолатиҳои иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мешавем. Қисмати «Сифати маъдан» дар танбеҳи аҳли ҷоҳу сарват чунин байтҳо дорад:

Нагардад рафъ аз эшон сахтрӯӣ,
Зи симу зар наояд нармхӯӣ.
Раги санг аст он, чини ҷабин нест,
Далели сахтрӯиҳо ҷуз ин нест.
Зи бас доранд сози саргаронӣ,

Сазад гар мунъимонро санг хонӣ.
Ки дилҳошон бисоти заршуморист,
Нигаҳ оинадори симкорист.
Зад аз дил партави зар ин қадар ҷӯш,
Ки зоҳирҳо чу ботин гашт зарпӯш [11, 620].

Бедил зару симро ба сарватмандоне раво мебинад, ки дар ботинашон нармӣ ва эҳсон ҷо дошта бошад. Танҳо дар мавриди нармӣ ва эҳсонкорӣ аз санги дили онҳо ҷорӣ шудани чашмаи ҷонбахшеро чашмдор шудан мумин аст:

В -агар з-ин қавм нармӣ ҷилвагар буд,
Зи марҳам захми дилҳоро хабар буд.
Асал бошад, чу шуд бенеш занбӯр,
Даме, к-оташ насӯзад, нест ҷуз нур.
Ғараз, ҳарчанд сангинисифотанд,
Мулоим чун шаванд, оби ҳаётанд [11, 621].

**Натиҷагирӣ:** Бедил риояи адолатро шарти бақои олам дониста, зулм ва шиканҷаро маҳкум менамояд. Аз нигоҳи ӯ, зулм дарбаргирандаи кулли разолат, ғамҳо, ранҷҳо, ҳасратҳо, дардҳо ва зиштиҳои олам мебошад. Афроди тавонманд, ки хӯи золимӣ доранд, ба ҷои шукр варзидан аз қудрати худ истифода карда, зиндагии шоди дигаронро поймол менамоянд. Тавассути ҳикоёти худ ӯ шахсони золимро аз саранҷоми шуми корашон огоҳ менамояд ва аз устувор набудани кохи зулм ҳушдор медиҳад.

### 3.2. Ҳирсу тамаъ ва сарватпарастӣ чун омилҳои ғамзо

Ҳирсу тамаъ гунае аз бемориҳои ахлоқии барангезандаи дарду ғам мебошанд ва нишонаҳои ин бемориӣ дар мавриде ошкор мешавад, ки шахс ба

моли ниёзашро қонеъкунанда қаноат наварзад ва ҳамвора гирифтори ранҷи бештар ба даст овардани он бошад.

Ранҷҳое, ки аз ҳирсу тамаъ бар меоянд, дар  ҳикоёте рӯнамо мешаванд, ки онҳоро писари ҳафтуми марди ориф дар маснавии «Ирфон» ба бародарон нақл мекунад. Кимиё, ки манзур аз он ба даст овардани зар аз филизот бувад, аз назари ӯ беҳтарини илмҳост:

Пеши мунъим гадо равад ба ниёз,
Ки ба иксири ҳимматам бинавоз.
Ҳарфи толиб мухотаби устод,
К-эй нигоҳи ту кимиёи мурод.
Сифати файз то чаҳонгир аст,
Масалаш кимиёву иксир аст.
Агар иксиру кимиёст ҳиял,
Дар чунин мавқеъ аз чӣ гашт масал? [12, 794].

Мувофиқи яке аз ҳикоёт марде, ки ҳирси зар ранҷаш медод, аз вуҷуди илми кимиё дар сурати дарахт огоҳ буд, аммо ҳар қадар дар шаҳри худ онро ҷустуҷӯ кард, наёфт. Ночор рӯ ба сафар оварда, дар биёбон умри худро бо ҳасрат кӯтоҳ мекард. Ниҳоят пиру замингир шуд ва ин ҳангом ҷавоне бо ӯ вохӯрда, сабаби дардмандияшро ҷӯё гашт.  Пир фармуд, ки ғами бекасӣ маро ба ин ҷо овард, то аз раҳгузорон афсонае шунида, андуҳамро фаромӯш кунам. Ту низ агар ғароибе мушоҳида кардаӣ, бигӯ:

Дар таби иштиёқ нотобам,
Кош аз афсонаат барад хобам [12, 805].

Ҷавон бехабар аз асли муддао гуфт: Дар фалон гӯшаи ин биёбон дарахте мерӯяд, ки баргҳои онро субҳ то шом гӯсфандон бихӯранд. Чун шаб бирасад, аз назарҳо ғойиб гардад ва субҳ дубора бо ҳамон баргҳои қадимӣ падид ояд:

Сеҳркори баҳори асрор аст,

Шабу рӯзаш ба ин сифат кор аст [12, 807].

Пир бо шунидани ин сухан ранҷурияшро аз ёд бурда, хоҳиш мекунад, ки ҷавон ӯро ба зери ҳамон дарахт бибарад. Ҷавон дархосташро ба ҷо меоварад ва бо маслиҳати пир дарахтро аз беху бун баркандаву қитъа-қитъа карда, ҳамроҳи равғани зайтун ба деги оҳанине меандозад. Замони ба ба ҷӯш омадани дег пир маслиҳат дод, ки ӯро низ ба он дег афканад, вале то фардо ба касе ин розро ошкор насозад. Ҷавон чун фардо сарпӯши дегро бардошт, дид, ки пир ба тилло мубаддал гардидааст. Аз ҳирсу шавқ дасти ӯро ҷудо карда фурӯхт ва чун зари ҳосилшуда сарф гашт, ба талаби дасти дигар омад, аммо дасти аввалро дубора барқарор ёфт. Сипас, барои имтиҳон чанд узви дигарро қатъ карда, итминон ҳосил кард, ки онҳо аз нав месабзанд ва ӯ соҳиби ганҷе шудааст, ки ҳаргиз тамом нахоҳад шуд.

Пас аз муддате компрониҳо ҷавон хост кохе мувофиқи орзуи дил бисозад, вале муддати бунёди он тӯл кашид ва ҷавон солманд гардида, олами фониро бо ҳасрату дарди нарасидан ба орзу падруд гуфт:

Бо ҳавас дошт сад ҷунун савдо,
Лек нақди нафас накард вафо.
Умри вомонда кор пеш набурд,
Зиндагӣ бори кӯҳ беш набурд [12, 821].

Чунонки мебинем, дар ҳикоят на мард ва на ҷавон аз ранҷи кимиёгарӣ, ки намунае аз ғами ҳирсу тамаъ аст, ба мақсад намерасанд. Ҳамин аст, ки бародарони ҳаштуму нуҳум самари илми ҳирсу тамаъ, яъне кимиёро ғайри дарду ҳасрат чизе намедонанд:

Фикри эҷоди зар ҳаваскӯшист,
Саъйи беҳосили ҷунунҷӯшист…
Агар ин илм сурате мебаст,

Қадри симу зар аз ҷаҳон меҷаст [12, 836-837].

Кимиё чист? З-ин фусуни ҳавас,
Ғайри ҳангомаи фусуни нафас?

Натавон буд дар таваҳҳуми зар
Кӯратоби ҳусули хокистар…
Ғайрат оташфурӯзи ҳасрат нест,
Ин амал ғайри нанги ҳиммат нест [12, 898].

Дар маснавии «Муҳити аъзам» ҳикояти мушаххасе дар робита ба ҳирсу тамаъ ва ғамҳои он ёфт нагардид, вале байтҳои ҷудогонаи фарогири мавзӯъро пайдо кардан имкон дорад. Чунончи, байти зерин аз он ҳушдор медиҳад, ки тамаъ дар зиёдатии ҳар чизе ба ҳамон андоза ғаму ҳасрат оварданаш аз эҳтимол дур нест:

Ба қадри нумӯ офати хирман аст,
Хазон дархӯри сози гул кардан аст [11, 407].

Дар ҷои дигари ҳамин маснавӣ Бедил онҳоеро, ки бар асари ҳирсу тамаъ чанг дар неъматҳои ҳар ду олам задаанд, гирифтори дарди кӯрӣ дониста, чунин панд медиҳад:

Ду олам ба чанги дуо хостан,
Бисотест аз кӯрӣ оростан [11, 415].

Ӯ фурӯтаниву қаноатпешагиро сабаби растагорӣ аз дарду ғамҳое медонад, ки ҳирсу тамаъ дар дилҳо ҷой мекунад ва инсон ба андозаи раҳидан аз ин ғам миқдоре аз камолро соҳиб мешавад:

Дар ин базм коҳидан афзудан аст,
Ғурури нумӯ ҳеч нанмудан аст [11, 305].

Ҳирсу тамаъ хислатҳои нописандида буда, инсонро ба ҷустуҷӯи роҳҳои осони пайдо кардани молу ҷоҳ мебарад ва дар анҷоми он шахс ба ранҷу ғам мувоҷеҳ мегардад. Ин амал, ба қавли Бедил, «оташфурӯзи ҳасрат» ва «нанги ҳиммат» аст.

Файласуфи шаҳири англис Берторонд Росул мегӯяд: «Сарватмандтарин ашхос тамоми умрро дар ин тарс ва ваҳшат ба сар мебаранд, ки мабодо саранҷом корашон ба гадоӣ бикашад. Ин маврид бисёр иттифоқ меафтад» [112, 41].

Андуҳи аз даст додани сарват ва орзуи ҳар чи бештар ҷамъ овардани он дар маснавии «Ирфон» мавриде ба чашм мерасад, ки фарзандони марди ориф барои интихоби касбу пеша бо ҳам машварат мероянд ва бародаре аз миён андухтани зару симро аз дигар пешаҳо авлотар медонад:

Марди бедастгоҳ мурда хуш аст,
Гули берангу бӯ фусурда хуш аст [12, 363].

Офтоб аст, ҳар кӣ зар дорад,
Қатра дарёст, гар гуҳар дорад.
Симузарҳосилон ҷаҳонгиранд,
Ҳуснтасхиру ишқзанҷиранд [12, 365].

Фақр ҷуз гарди ноумедӣ нест,
Субҳаш оинаи сафедӣ нест.
Дасти холӣ ҳамин дуо дорад,
Он чӣ дорад нафас, ҳаво дорад [12, 366].

Гӯянда зоҳиран фақрро накуҳиш намояд ҳам, тааммул дар суханони ӯ моро ба чунин хулоса меоварад, ки асли матлаб бурузи ғами сарват ва ё худ

ҳасрати дороӣ дар вуҷуди гӯянда мебошад. Ҳамин иштиёқи равонсӯзи сарват аст, ки водораш мекунад, то дар таъни фақр кӯшиш ба харҷ диҳад.

Ҳикояте, ки ровӣ меоварад, чунин аст: Рӯзе як марди фақир ҳангоми сайругашт ба бозори шаҳр медарояд. Дар он ҷо канизеро мебинад, ки сахт зебочеҳра буд ва хоҷа барояш харидор металабид. Мискин ошиқи ҷамоли каниз шуд, вале бо сабаби дасти тиҳӣ ҷуз оҳ кашидану ғам хӯрдан коре аз дасташ барнамеомад:

Нест пинҳон зи ақли дурандеш,
Ҳар киро аҷз беш, офат беш...
Ҳар куҷо ишқ оташ афрӯзад,
Ҷуз дили бенаво намесӯзад [12, 373].

Барои сарзаниши марди фақир ровии қисса мисолҳои зиёде оварда, сабаби ғаму дарди ошиқонро дар нодории онҳо мебинад:

Магар, эй бехабар, надорӣ ёд
Моҷароҳои Хусраву Фарҳод?
Баҳри таҳсили ибрат аст тамом
Яъсу уммеди Қайсу Ибни Салом [12, 380].

Дар давоми ҳикоят як шаб марде бо садои гиряи марди ошиқ бедор гардида, ба наздаш меояд ва ӯро дар назъи ҷон дида мепурсад, ки оё васияте дорад? Мискин мегӯяд: «Бале, дорам ва он чунин аст, ки пас аз марг синаи маро бишкофӣ ва диламро бурун оварда, андаруни шишае ҷой диҳӣ. Муддати чил рӯз он шишаро дар ҷое ниҳон кун, чунонки назари касе бар он наафтад, сипас шишаро бишкан, то дар дохили он чи чизро бубинӣ». Мард тибқи васияти мискин амал кард ва баъд аз чил рӯз шишаро бурун оварду шикаст ва дид, ки дили ошиқ ба ёқути сурх мубаддал шудааст. Мард аз шодӣ ёқутро ба бозор овард ва чун ёқут дар зебоӣ беҳамто буд, нархаш ҳар дам

боло мерафт. Ниҳояти кор ҳамон хоҷае, ки канизро харида буд, баҳои ёқутро низ пардохт кард ва ба заргаре доду аз он барои ангуштар нигин фармоиш дод. Хоҷа шаби васли худ бо каниз он ангуштарро дар даст дошт. Ҳангоме ки ангушт ба рӯю мӯи каниз бурд, нохост ёқути нигин об гардид ва бо сурхии лаби каниз тавъам гардид.

Ровии қисса таъкид мекунад, ки ниҳоят ошиқ аз роҳи соҳиби ганҷ шудан, ки он низ файзи ишқ буд, ба маъшуқи худ пайваст, аммо ин саодат на ба ҳама, балки аз ҳазорон ба яке муяссар мешавад. Авлотар он бувад, ки касби маоше кунем, то дар хаму печи зиндагӣ дарнамонем:

Аз тиҳикиса зиндагист кабоб,
Нанги дарё бувад вуҷуди ҳубоб.
Гули афсурда кулфати чаман аст,
Шамъи хомӯш доғи анҷуман аст [12, 403].

Дар фароянд ровӣ аз дигар бародаронаш даъват мекунад, ки аз рӯзгори ду ошиқ – мискин ва хоҷа ибрат бояд омӯхт, зеро агарчи ҳар ду ошиқ ба матлаб расиданд, роҳи висол барояшон якдаст набуд ва ҳам аз висол баҳравар шудани мискин ба он мемонад, ки магасе ба косаи ангубини касе бинишинад, ё гадое аз хони кариме луқмаи нон ёбад. Охир, агар сар дорем, чаро кулоҳ надошта бошем ва ҷое, ки об ҳаст, чаро бо хок бояд таяммум кард?

Мақсад он аст к-аз ҷаҳони маош
Мансаби иззате кунем талош.
Фақр ҳарчанд офиятҷӯш аст,
Марг аз ӯ беш роҳатоғӯш аст.
Ҷоҳ агар ҷумла дарди сар дорад,
Файзи кайфияти дигар дорад [12, 403].

Сарватандузӣ, ки онро бародари аввал ситоиш ва ташвиқ менамояд, аз забони бародари дувум накуҳиш мегардад ва амале дониста мешавад, ки шахсро гирифтори ғамҳои нолозим мегардонад:

Лаълу ёқут то намоён шуд,
Ҷигари чок ҳосили кон шуд.
Нест гавҳар ба ғайри уқдаи бим,
Садаф ин ҷо ҳамон дилест ду ним…
Фатвии ҳирсу ғафлати худком,
Ба ҷаҳоне ҳалол кард ҳаром [12, 435].

Бедил дар қисмати «Ҷоми исавӣ»-и маснавии «Муҳити аъзам» андуҳи тааллуқоти дунявиро, ки ғами зару сим, ҷоҳу мол ва дороӣ намунае аз онҳоянд, бо ишорат кардан ба сууди Масеҳ мазаммат мефармояд:

Бурун ҷаст аз домгоҳи қусур,
Саропо чу хуршед шуд ҷоми нур.
Зи озодагӣ ҳар кӣ ёбад нишон,
Нагирад тааллуқ ба ин хокдон [11, 261].

Дар мурочиати ӯ ба соқӣ ғами дилбастагӣ ба ҷаҳон зери мафҳуми «тааллуқот», ки онро ғами ҷоҳу дороиву сарват фаҳмидан мумкин аст, дубора сарзаниш мешавад:

Биё, то дар ин дайри кулфатсавод
Ба қатъи тааллуқ бароем шод.
Бар оташ занему сипандӣ кунем,
Садоворе аз худ баландӣ кунем [11, 261].

Абулмаонӣ дар маснавии «Тӯри маърифат» сарзаниши ғами сарват ва ранҷу дарди ба даст овардани онро зимни тасвири чоҳи маъдан чунин ба қалам медиҳад:

Биё, эй бехуди афсонаи зар,
Ба чандин ҷустуҷӯ парвонаи зар,
Шунидӣ, мояи таҳсили зар чист?
Ба ғайр аз ҷонканӣ дигар ҳунар чист?
Агар дар фикри ҷоҳе рафта бошӣ,
Ту ҳам охир ба чоҳе рафта бошӣ [11, 628].

**Натиҷагирӣ:** Орзуи сарват дар нигоҳи аввал писандида намояд ҳам, раво нест, ки барои он рӯзгори худро нохуш ва пур аз азобу ранҷ намоем. Сарвате, ки ба дасти сарватмандон меафтад, ҳосили ҳазорон ранҷу азоб ва гирифторӣ ба ғаму азиятҳои тоқатнопазир мебошад. Шахс бояд дар зиндагӣ қаноатпеша ва дӯстдори ризқи ҳалол бошад. Аксари сарвати дороён натиҷаи ҳирсу тамаъ буда, зиёда аз ин, моликони он аз хавфи ба ногаҳ гум кардани он ҳамеша ранҷ мебаранд.

## 3.3. Кирдори ношоиста ҳамчун асбоби ғам

Аз ҷумлаи кирдорҳои ношоиста, ки сабаби ғам мегарданд, намоёнтаринаш адабношиносӣ мебошад. Агар вожаи «адаб» бозгӯи рафтори писандида ва равиши муносиб дар корҳоро дорад, пас адабношиносӣ махсуси шахсонест, ки худро инсони хос меҳисобанд. Онҳо тақозо доранд, ки мардум барояшон ба таври ҷудогона муносибат намояд. Чунин худхоҳӣ аз он ҷиҳат омили ғам мегардад, ки шахс аз ҷониби дигарон қадр намеёбад ва аз баровarда нагаштани интизориҳои муҳоли худ ранҷи рӯҳӣ мекашад.

Сифати мазкур аз ҷониби Абулмаонӣ зишт арзёбӣ мегардад. Бояд бар ин нукта таъкид шавад, ки Бедил адаби ошиқро дар муқобили ошиқ ҳатмиву зарурӣ медонад ва ин мавзӯъ чун хатти сурх дар тамоми осораш намоён аст.

Ӯ нохушнудии худро дар мавриди изҳори ном ва талоши худнамоӣ дар байте чунин ба қалам додааст:

Эй бехабар, ороиши марқад чӣ хаёл аст,
Номи ту ҳамон беҳ, ки лаби гӯр нагирад [109, 227].

Ҳангоми мутолиаи боби «Кайфияти баҳор»-и маснавии «Муҳити аъзам» шоир гӯш ба баҳси рангу бӯ медиҳад. Бӯ изҳори зебоӣ ва назокатро тавассути ранг намеписандад, зеро онро худнамоӣ мешуморад ва мехоҳад зебоӣ дар пардаи накҳат пинҳон бошад:

Дар ин боғи ҷамъияти ғунчаҳо
Димоғест бо нашъае ошно.
Диле сарфи шавқи ҳаёпарварӣ,
Саропо баҳори адабгустарӣ,
Ки ҳарчанд бо ранг ҷӯшидан аст,
Чу бӯи гул ин ранг пӯшидан аст.
Зи поси нафас нагзарӣ беадаб,
Ки бӯи майят барнаояд зи лаб [11, 328].

Дар маҷмӯъ, ниҳон доштани оҳу афғонро Бедил ойини муҳаббат мешуморад. Зеро оҳу афғонро ошиқе ба лаб меоварад, ки фикр мекунад ба висол ё таваҷҷуҳе аз ҷониби маъшуқ сазовор гардидааст ва маъшуқ амдан ӯро нодида мегирад. Ӯ баҳсҳои лафзие дар осори худ бо Мансури Ҳаллоҷ дорад, ки одоби бандагиву шоҳиро риоя намекард ва бонги «Аналҳақ» дармедод. Халилуллоҳи Халилӣ дар китоби «Файзи Қудс»  менигорад:

«Дар китоби «Ишорот» ҳикояте аст, ки Бедил рӯҳи Мансурро ба хоб дида ва пурсидааст, ки чӣ гуна мумкин метавонад даъвои вуҷуб кунад. Суолу посухро ба тариқи ихтисор дар ин ҷо иқтибос мекунем.

Бедил:

Шабе рӯҳи Мансурам омад ба хоб,
Таманно ба пурсиш намуд изтироб,
Ки дар хиҷлатободи арзи вуҷуд,
Нафас саркаши даъвии Ҳақ чӣ буд?
Муҳол аст дар дидаи эътибор,
Ки гардад зи имкон вуҷуб ошкор.

Мансур дар посух мегӯяд:

Ки эй пухтаи эътибороти хом,
Муқайяд чӣ ранг асту мутлақ кадом?
Зи Зоти аҳад исм чанде дамид,
Зи ҳар исм кайфияте шуд падид.
Сифоте к-аз асмо занад роҳи фаҳм,
Ту хоҳӣ яқин бишмару хоҳ ваҳм [134, 95].

Ҳикояте, ки онро устод Халилуллоҳи Халилӣ дар «Ишорот»-и Бедил дидааст, дар «Муҳити аъзам» низ дучор меояд. Байти зерин хулосаи посухи Мансурро дар худ инъикос менамояд:

Аз он маънии бенишон дуриям
Набудаст ҷуз номи мансуриям [11, 508].

Бедил зоҳиран бо Мансур розӣ нест ва эрод мегирад:

Агар шавқи мансурият нест беш,
Чӣ дарёбӣ аз шӯхии рози хеш? [11, 509].

Саранҷоми адабношиносии Мансур, ки бо ранҷи шиканҷаву қатл анҷом мешавад, дар ин байт намоён аст:

Ба таҳқиқ, ин ҷилваи бенишон
Нигоҳест дар чашми қурбониён [11, 509].

Дар даври панҷуми ҳамин маснавӣ ҳикоятеро мехонем, ки зуҳури дарду ғамро бар асари риоя накардани одоб хотиррасон менамояд. Шоир дар ҳикоят аз булбуле мисол меорад, ки маст аз бодаи ҳусни баҳор ногаҳон барги гулеро мешиканад:

Ба худ дошт аз бехудӣ ғулғуле,
Ки ногоҳ бишкаст барги гуле.
Чу тифле, ки дар шӯру ваҷди сабақ,
Ҷудо созад аз рӯи мусҳаф варақ [11, 364].

Боғбон аз ин сахт озурда гардида, забони таън ба булбул мекушояд. Он чӣ аз забони боғбон дар давоми ҳикоят мешунавем, монои чор мисраъ аз як ғазали Ҳофиз аст, ки мегӯяд:

Субҳдам мурғи чаман бо гули навхоста гуфт:
Ноз кам кун, ки дар ин боғ басе чун ту шукуфт.
Гул бихандид, ки аз рост наранҷем, вале
Ҳич ошиқ сухани сахт ба маъшуқ нагуфт [46, 108].

Фарқе, ки дар навиштаи Ҳофиз ба назар меояд, ин аст, ки булбул риндона ба гул таъна мезанад ва ӯро ҳушдор медиҳад, ки ту яккаву танҳо нестӣ ва чаман ба сони ту зеборухонро бисёр ёд дорад. Аммо булбули ҳикояти Бедил ҷуз дар санои гул чизе нагуфта ва узрхоҳӣ аз он дорад, ки дар ғояти мастӣ бо лағзише баргеро шикастааст. Бо ин ҳама, ӯро аз ранҷи маломат ва ғами таъни боғбон гурез нест:

Ба базми вафо ин чӣ бадмастӣ аст?
Ба хубон чӣ арзи забардастӣ аст?
Ба ғайр аз ту, к-аз ишқ лофат хатост,
Касе заҳмати нозанинон нахост.
Зи ушшоқ тарки адаб хуб нест,
Зи аҳли дил ин шева марғуб нест [11, 365].

Боғбон барои танбеҳи бештари булбул аз ошиқе ҳикоят мекунад, ки ба муғзодае дилбастагии тамом дошт ва пайваста орзуи висоли ӯро дар дил мепарварид. Шабе муғон оташ меафрӯзанд ва он муғзода низ ба расми ҳамкешон ба даври оташ тоб хӯрдаву мерақсад. Ошиқ маҳви тамошо дунболи ӯ медавад ва аз тамошои ҳаракоти ӯ ваҷду ҳоле дар хеш эҳсос мекунад. Аммо ногаҳон дарк мекунад, ки по бар сояи он муғзода ниҳодааст ва аз сари ҳаё худро бар оташ меандозаду месӯзад.

Боғбон нақли овардаашро чунин хулоса мекунад:

Касоне, ки дар ошиқӣ содиқанд,
Ба поси адаб ин қадар ошиқанд [11, 366].

Булбул бо шунидани қисса бо ғаму афсӯс минқор ба узрхоҳӣ мекушояд ва узри ноладораш бе нашъаи таъсир нест:

Ба мастӣ гулеро агар хастаам,
Зи лахти ҷигар дастаҳо бастаам.
Пушаймонам аз зиштии кори хеш,
Зи захми надомат чу гул синареш.
Зи ман гар шикастаст барги гуле,
Шикастӣ ту акнун дили булбуле [11, 367].

Қаблан зикр гардид, ки ҳикояти овардаи Абулмаонӣ дар боби риояи одоб ба он чӣ Ҳофиз дар ғазалаш овардааст, монанд аст, аммо бо як тафовути ҷиддӣ. Он иҷозатеро, ки Ҳофиз ҳангоми бо маъшуқ сухан гуфтан ба худ раво медонад, Бедил ҳамеша канор мегузорад ва аз ҳамин ҷост, ки саҳвро танҳо дар ҳолати бехудӣ, ки ошиқ ихтиёрдори ақлу ҳуш нест, мепазирад. Ба таҳқиқ, Абулмаонӣ аз зумраи шоиронест, ки одобро дар ишқ сахт риоят мекунад ва байти мазкурро метавон ойинаи тамомнамои ақидаи ӯ дар ин самт ба қалам дод:

Адабгоҳи муҳаббат нози шӯхе барнамедорад,
Чу шабнам сар ба муҳри ашк меболад нигоҳ он ҷо [10, 5].

Дар ҳикоёти боло натиҷаи беодобии Мансур ранҷи қатл ва аз булбул рӯёрӯӣ бо афсӯсу надомат мегардад.

Худбартарбинӣ низ аз набудани адаб аст. Абулмаонӣ дар «Ирфон» воқеаи офариниши замину осмонро бо забони сеҳркори қалами худ ба тасвир кашида, зимни баёни чигунагии хилқати табиати обу ҳаво ва хоку оташ рафъ кардани ин нуқсонро ба мо маслиҳат медиҳад. Ӯ дар қисмати «Олами ҷин, ки зи пастӣ барҷаст, – Ба тарабгоҳи латофат пайваст» оташро мағруру саркаш ва имтиёзхоҳ тасвир менамояд. Аз нигоҳи ӯ, чун оташ бо хок созиш накарда, гардани ғурур меафрозад, ҷину парӣ аз партави он офарида мешаванд, ки дар ҷаҳони латофат аз одам болотар, вале аз малоик пасттар қарор доранд. Ва ин латифии онҳо, хусусан париён, ба ҳаддест, ки ба чашм намудор намешаванд. Барои фарқ гузоштан миёни париву малак, ки ҳар ду ҳам латифу ноаёнанд, Бедил малоикро офаридае берун аз олами моддӣ медонад ва ҳеҷ унсуреро барояшон қоил нест:

З-он, ки норист хилқи ҷинсу парӣ,
Малак аз ҷинси унсур аст барӣ [12, 208].

Аммо ин имтиёзи баландию пастӣ боис ба он мегардад, ки қисме аз ҷину парӣ ба гурӯҳи шаётин пайваста, камар ба хидмати иблис банданд ва ба ранҷу ҳасрати оқибати кори худ гирифтор оянд. Абулмаонӣ нуқсони ҷину париро дар унсури хилқати онҳо, яъне дар табъи саркаши оташ, ки ғуруру манманӣ дорад, мебинад:

Оташ аз хок то баландӣ кард,
Ғафлат эҷоди худписандӣ кард...
Имтиёзи баландию пастӣ
Кард бар табъҳо забардастӣ [12, 209].

Хулосаи Абулмаонӣ аз накуҳиши ҳадношиносӣ дар мисоли оташ чунин аст:

Оҳ аз ин худсари ғурурбалид,
Ки зи мастӣ ба пеши пой надид.
Ҳайф аз он сар, ки ҷуз ҳаво нашкофт,
Хок гардиду завқи саҷда наёфт [12, 210].

Ҳикояти фавқ таъкид бар он мекунад, ки худбартарбинӣ метавонад шахсро аз имтиёзоти зиёд маҳрум гардонида, садди роҳи такмили бештари ӯ гардад ва барои ғаму дарду ҳасрат замина фароҳам биёварад.

Худбартарбинӣ ҳамчун кирдори ношоиста дар маснавии «Тӯри маърифат» низ ба чашм мерасад. Шоир дар қисмати «Сифати кӯҳистон» аз он нақл мекунад, ки дар кӯҳ пояш ба санге бармехӯрад ва ӯ қасди бардоштану ба канор афкандани онро мекунад. Қасди Бедил аз зикри ин маврид он аст, ки шахс набояд танҳо худро донои розу маҳрами асрор донад ва дигаронро санги сари роҳи худ ангорад:

Нидо омад, ки эй маҳруми асрор,
Хароботи назокатҳост кӯҳсор.

Мабод, ин ҷо занӣ бар санг дасте,
Ки мино дар бағал хуфтаст масте…
Дар он дам, к-ин дуруштиҳо шавад нарм,
Бидорад шишаат аз санг ҳам шарм.
Дуруштӣ чист? Мижгон нокушудан,
Зи ғафлат душмани таҳқиқ будан [11, 614-615].

Шоир сангро шишае медонад, ки ҳанӯз нармӣ ба табъаш коргар нашудааст. Сабаби ғаму ҳасрати санг ва ба чашми раҳравон зишт намуданаш он аст, ки аз одоб дурӣ меҷӯяд:

Мулоим шав, латофатошно бош,
Чу мино аз дуруштиҳо ҷудо бош.
Мулоим гаштан ин ҷо худгудозист,
Латофат коргоҳи шишасозист [11, 615].

Бедил ҳубобро бар хилофи санг, ки гирифтори ғами беэътиборист, намунаи шарму одобу тамкин ба қалам дода, ситоиш мекунад:

Чу соғар подшоҳи олами хоб,
Кулоҳорои ноз аз вазъи одоб.
Чу ӯ натвон сафои сина додан,
Нафасро сайқали оина додан…
Чароғаш дар камини поси номус,
Нафасдуздидатар аз вазъи фонус.
Чунон бар об дорад сайри тамкин,
Ки гӯӣ байзаи мурғобӣ аст ин [11, 598-599].

Чунонки мебинем, дар асари мазкур шоир ҳубобро ба хотири риояи адаб тахтнишини об ба қалам дода, сангро бар асари беодобияш масте медонад, ки шиша дар бағал канори роҳ ба андуҳу дарди беқадрӣ печидааст.

Аз ҷумлаи дигар кирдори ношоистае, ки метавонад сабабгори барангезиши ғаму ғусса гардад, шакку тардид аст. Дар сомонаи www.islamqyest.het зери унвони تردید چند نوع است؟ омадааст, ки вожаи «шак» аз решаи «шакак» ба маънои дохил намудани чизе дар чизе аст ва гӯё дар замири шахси шаккок ду чиз ба ҳам меояд. «Тардид» бошад, аз решаи «радад» берун меояд, ки маънояш баргардонидани чизе пас аз дарёфт мебошад.

Шояд дар нигоҳи нахуст андешае пеш биояд, ки шакку тардид унсури ғамсоз нест. Аммо ирфон шак ва тардидро барои марди солик ғулҳое медонад, ки ӯро ба бероҳа мебаранд ва Абулмаонӣ ба ҳайси як марди ориф ҳеҷ гоҳ ба онҳо назари нек надошт. Агар таҳқиқу тааммули бештар шавад, хоҳем дид, ки дар маснавиҳои Бедил инсон бар асари шакку тардид гирифтори ғаму дард ва пайомадҳои нохуб мегардад.

Дар тасаввуф шакку тардид дар муқобили мардони муваффақи рӯзгор ва аз рӯи тангназарӣ бо эшон сабқат намудан амале дониста мешавад, ки сабабгори аз даст рафтани обрӯ, ғаму ҳасрату надомат ва расвоӣ мегардад. Ирфон дар ин маврид шахси шаковарандаро сахт сарзаниш менамояд, зеро барои аҳли маърифат шубҳа кардан дар мавриди фармудаҳои Қуръон, суханони паямбар ва он чӣ дар мавриди каромоти авлиё нақл мешавад, ҳатто агар он амалу суханҳо ба фаҳм дарнаоянд, писандида нест. Ҳамин маъно дар ашъори Ҳофиз низ ба назар мерасад:

Ба май саҷҷода рангин кун, гарат пири муғон гӯяд,<br>
Ки солик бехабар набвад зи роҳу расми манзилҳо [46, 41].

Дар «Ирфон» гирифторӣ ба шакку гумон дар ду ҳикояти нисбатан давомдор мушоҳида мегардад. Қаҳрамони қиссаи аввал бараҳман ва шахси қиссаи дувум яҳудӣ мебошад. Аммо ин хислати мувофиқи таълимоти урафо нописандида, ба назари инҷониб, аз ҳама бештар дар ҳикояте равшан баён мешавад, ки марбут ба шахси яҳудист, бинобар ин, оварданашро дар ин ҷо

салоҳ донистем. Ҳикоят «Қиссаи мункири меъроҷи набӣ, – Ки чӣ пеш омадаш аз табъи ғабӣ» унвон дорад ва чунин аст:

Расулуллоҳ дар ҷамъи асҳоб аз шаби меъроҷ нақл мекунад. Пайғамбар изҳор медорад, ки то ба арш нуҳ поя аст ва фосила аз як поя то пояи дигар понсадсола роҳро дар бар мегирад. Ҳамчунин, шарҳ медиҳад, ки пеш аз расидан ба даргоҳи аҳадият нахуст биҳиштро тамошо кардам ва дар он ҳар як кушк даҳ баробари дунё вусъат дорад:

Дошт ҳар кушки ҷаннатулмаъво,
Вусъате даҳ баробари дунё [12, 934].

Пас аз он Худованд дари чандин ҳазор асрорро ба ман во кард ва чун ба ҷойи худ баргаштам, фаҳмидам, ки ин ҳама роҳро дар муддате паймудаам, ки ҳанӯз гармӣ аз бистарам нарафтааст.

Асҳоби паямбар бар сидқи гуфтаҳои ӯ бовар карданд, магар яҳудие, ки ин корро муҳол донист. Ӯ пеши яҳудиёни дигар рафта, ба маломати паямбар шурӯъ кард:

К-ин аҷаб даври бетамизиҳост,
Турфа айёми ҷаҳлхезиҳост.
Он яке дорад аз муҳол баён,
Оламе мешавад мусаддиқи он [12, 934].

Фардо субҳ яҳудӣ ба занаш хамири нон фармуда, худ сабуеро бардошта, ба лаби об меравад. Он ҷо дар дилаш хоҳише пайдо мешавад, ки ғусл кунад ва ба ин ният дар об ғӯта мезанад. Ҳангоме сар мебарорад, худро дар соҳили муқобил ва бо ҳоли дигар мебинад. Чун муоина мекунад, мебинад, ки аз мардияш чизе боқӣ намондаву ба зане мубаддал гардидааст:

Чашми таҳқиқ чу бар хеш кушуд,
Сози мардиш дар миёна набуд.
Як қалам номи он ғалатунвон
Шуста даҳр аз саҳифаи мардон [12, 937].

Дар ин ҷои ҳикоя мо бо аввалин падидаҳои ғаму ранҷ, ки натиҷаи шакку тардиданд, рӯ ба рӯ меоем:

Ҳар нафас дошт бо ҳазорон оҳ,
Сӯи он узви навдамида нигоҳ.
Гоҳ ангушт медавонидаш,
Аз раҳи кунҷков медидаш.
Монд сози талош бетавфиқ,
Саъйи ғаввос пуҷу баҳр амиқ [12, 937].

Дар давоми қисса яҳудӣ аз шарм дубора ба об медарояд, то табдили ҷинс карданашро касе набинад. Ин замон гозуре барои шустани рахт ба лаби дарё меояд ва ба гумони ин ки зан ғарқ шудааст, аз об берунаш мебарорад. Чун мебинад, ки бараҳна аст, рахти худро ба ӯ пӯшонида, сабаби ғарқшавияшро мепурсад. Яҳудӣ меандешад, ки агар ҳақиқатро бигӯяд, сабабгори ханда мешавад, бинобар ин, ба ҳиллат даст зада, худро зани бешавҳаре ба қалам медиҳад, ки ҳангоми убури роҳ аз гуруснагӣ сараш чарх зада дар об афтодааст. Гозур  шод шуда мегӯяд, ки туро Худо ба ман расонд, зеро зани ман низ чанде пеш фавтида буд. Ғам маҳӯру бо ман биё, ки шахси ман ва хонаву дари ман ба зане ҳамчу ту ниёз дорад. Яҳудӣ баъди чанд рӯзе аз гозур ҳомила мешавад ва ҳамин тариқ ҳар сол фарзанде таваллуд карда, модарвор дар тарбияти онҳо заҳмат ба харҷ медиҳад.

Бо гузашти ҳафт сол як рӯз зану шавҳар барои рахтшӯӣ ба канори об рафтанд ва нохост аз дасти зан собун ба об афтод. Зан барои гирифтани он худро ба дарё андохт ва чун сар боло кард, хешро дар канори муқобил, назди

сабуе дарёфт, ки ҳафт сол пеш барои обгирӣ оварда буд. Ҳайратзада соҳили муқобилро нигоҳ мекард, аммо на гозурро медид ва на рахту асбоби гозуриро. Ин ҳангом ба чашмаш расид, ки сози мардияш дубора барқарор гаштааст. Ношод аз ин ҳолгардонӣ, яҳудӣ сабуро ба санг задаву ҷомаашро дарида, гирёну нолон ҷониби хонаи қадимияш роҳ мегирад. Азбаски ин ҳама воқеот берун аз гузашти замон барои дигарон рух дода буд, зани яҳудӣ дар тааҷҷуб мемонад, ки чаро шавҳараш гиря мекунад ва ҳар замон «куҷоед, тифлаконам?» - гуфта ашк мерезад.

Зан фикр мекунад, ки шавҳараш паризада шудааст ва чанде бо азоимхонӣ табобаташ менамояд. Ниҳоят яҳудӣ гиряро беҳуда донista, хомӯш мемонад ва дубора майли суҳбати ёрони паямбар дар дилаш бедор мегардад. Рӯзе он ҷо нишаста буд, ки ҳамон марди гозур бо ҳафт ятим омада, саргузашти хешу зани ғарқшудаашро арз медорад.

Аз мутолиаи давоми қисса огоҳ мешавем, ки амали марди яҳудӣ на танҳо ӯро ба чунин ранҷҳо гирифтор сохта, балки шавҳар ва фарзандонашро ҳам мубтало ба ғам кардааст:

Ману ин тифлҳои бемодар,
Аз тапиш мекунем хок ба сар.
Зиндагонӣ ваболи мо шудааст,
Оби мо оташи бало шудааст [12, 946].

Гозур баъд аз баёни саргузашт хоҳиш менамояд, ки асҳоб парвариши ятимонро ба дӯши худ бигиранд, зеро ӯ ба танҳоӣ ин корро анҷом дода наметавонад. Яҳудиро бо дидани чунин манзара гиря меояд ва мехоҳад рози худро ошкор созад, аммо паямбар ишорат мекунад, ки хомӯш бошад ва мефаҳмонад, ки он чи мебинӣ, натиҷаи беадабии туст, ки ба ҳарфи мо сидқ накардӣ ва гумону шакро бар худ ғолиб гардондӣ:

Аз ҳадиси паямбар инкорат,
Кард бо ин адаб хабардорат [12, 949].

Аз анҷоми қисса чунин натиҷа ҳосил мешавад, ки марди яҳудӣ бар он чи эътимод надошт, зимни саргузашти талху ғамбори худ бовар ҳосил мекунад, зеро муддати ранҷу азобаш дар фосилаи кӯтоҳе тай шуда буд ва хурдии ин фосила ба қадрест, ки зан ва дӯстонаш онро пай набурда буданд. Ғами шакку тардид дар он зуҳур меёбад, ки яҳудӣ нахуст аз мард ба зан табдил мешавад, баъдан ҳамсари марди гозур шуда, ранҷи нигоҳубини шавҳару хона, дарди зодани фарзандон ва ғамҳои модариро таҳаммул мекунад. Дар иртибот бо шакку тардиди ӯ гозур ва фарзандонаш ҳам ба ранҷу ғам гирифтор мегарданд.

Шакку тардид ва боис ба ғаму ранҷу меҳнат гаштани он дар қисмати «Ҷоми одамӣ»-и маснавии «Муҳити аъзам» низ ба назар мерасад. Худованд ба Одам хӯрдани гандумро манъ мефармояд, аммо Одам фирефтаи ҳавову ҳавас ва гирифтори шакку тардид гардида, он меваи мамнуъро мечашад ва бар асари ин амалаш аз биҳишт ронда мегардад. Шак ва тардиди Одам дар «Муҳити аъзам» суоломезу ҳасратолуд ба қалам омадааст:

Зи бас ҷоми андешааш ранг зад,
Зулуму ҷуҳуле бар оҳанг зад…
Надонам, зи ҳастӣ чӣ соғар кашид,
Ки аз софаш ин дурдҳо сар кашид? [11, 241].

Шак ва тардид ҳисҳое ҳастанд, ки ба вуҷуд омадани онҳо ба ихтиёри мо вобаста нестанд. Пас бо чӣ тадбире аз ранҷу ғами онҳо шахс бояд худро раҳо намояд? Ба ин суол аз маснавии «Тилими ҳайрат» посух пайдо кардан мумкин аст. Дар «Тилисми ҳайрат» шак ва тардид ҳангоми мулоқоти Фараҳ бо Ҳусн зимни мутолиаи қисмати «Дар истиғнои Ҳусн» ба чашм мерасанд.

Фараҳ аз Ҳусн тавалло менамояд, ки ба ҳолпурсии Рӯҳ биравад. Аммо Ҳусн ба пазироии гарм аз ҷониби Рӯҳ шакку тардид дорад ва мегӯяд:

Чӣ донад Рӯҳ қадри ҷилваи ман,
Нигаҳ дар хобу он гаҳ сайри гулшан?
Гирифтам, рафтам, аммо ку ниёзе?
Ки бошад қобили изҳори нозе? [11, 101].

Ҳусн барои рафъи шакку тардиди худ шарт мегузорад, ки Рӯҳ бояд бо Ақл ва Ишқ канор биояд, зеро бе ин ду Рӯҳ адофаҳми Ҳусн буда наметавонад:

На аз Ишқ аст бӯе дар димоғаш,
На аз Ақл аст нуре бар чароғаш.
Куҷо Ишқе, ки бо ман шавқ бозад?
Куҷо Ақле, ки бар фаҳмам бинозад? [11, 101].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки барои сад гузоштан ба ғаме, ки аз роҳи шакку тардид меояд, фард бояд аз ишқ ва ақл кор бигирад.

Дар мисоли овардашуда аз маснавии «Ирфон» шак ва тардид мувофиқи таълимоти ирфон дар муқобили паямбарон ва авлиё писандида нест ва аз рӯи ҳасодат бо онҳо тангравӣ намудан сабабгори аз даст додани эътибор ва мояи хиҷолат мегардад. Илова бар ин, шак ва тардид на танҳо худи шахс, балки ҳамсар, дӯстон ва фарзандони шахси шаккокро ҳам гирифтори азияту ғам мегардонад. Дар мисоли овардашуда аз маснавии «Муҳити аъзам» шак ва тардид боис ба ронда шудани Одам аз биҳишт мегардад ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки шакку тардид на як омили сода, балки нахустомили ғамҳои башарист.

Аз дигар кирдори нописанде, ки сабабгори ғам буда метавонад, коҳилӣ ва афсурдагист. Коҳилӣ ва афсурдагӣ аз он ҷиҳат, ки инсонро гӯшагир ва

беҳавсала мегардонанд, навъе аз бемории ҷисмиву равонӣ дониста мешаванд ва агар ин ду омил густариш ёбанд, зиндагиро аз рангу мазмун холӣ намуда, шахсро ба ғаму андуҳ муқайяд месозанд. Ин ду омил хилофи талошу таҳқиқанд ва такмили зоҳиру ботин бо ҳузури онҳо имконнопазир аст.

Файласуфи амрикоӣ Дейл Корнегӣ бо истифода аз як нақли одӣ нақши афсурдагиро дар барҳам задани саломатии инсонҳо ва аз дасти ғам ба ҳалокат расидани онҳоро чунин ба қалам медиҳад:

«Як сарвари фирмаи машҳури сигор чанде пеш аз бемории дил вафот карда буд. Миллионҳо доллар дошт, вале дар синни шасту яксолагӣ аз дунё гузашт. Худ аз худ маълум аст, ки ӯ солҳои зиёди ҳаёташро аз даст дода, ба ивази он ҳама, агар ҳамин тавр гуфтан мумкин бошад, муваффақият ба даст овард. Ман бошам, чунин андеша дорам, ки ӯ  нисфи муваффақиятҳои падари маро, ки як доллар надошт, аммо ҳаштоду як сол умр дид, соҳиб нагашта буд. Миллионерро афсурдагӣ ва ғамҳояш кушта буданд» [82, 29].

Абулмаонӣ талош, таҳқиқ, огоҳӣ ва ҷустуҷӯро дар маснавии «Ирфон» аз забони писари савуми марди ориф ситоиш намуда, онҳоро василае медонад, ки инсонро аз дарду ранҷи афсурдагӣ ва коҳилию бехабарӣ берун меоранд. Қаҳрамони асар тоҷирӣ ва сайру саёҳатро ба бародарон тавсия намуда, дар мазаммати ғами гушанишинӣ мегӯяд:

Гавҳар аз тинати фусурданумӯ
Хок дорад ба сар, на об ба рӯ...
Осиёро агар қадамсоист,
Қадаме нест, кафбаҳамсоист [12, 463].

Тибқи сужабандии хоси асарҳои Бедил дар идома ҳикояте аз рӯзгори Ҷамшед оварда мешавад ва дар он аз ӯ суол мекунанд, ки чӣ гуна тавонист мулки худро хурраму ободон гардонад? Аз гуфтаҳои ровии қисса маълум мешавад, ки Ҷамшед гурӯҳи баргузидаеро ба ҳар канори олам фиристод, то ҳар куҷо донишеву пешае бубинанд, онро аз бар намуда, ба наздаш

баргарданд. Ин тадбир натиҷа дод ва дар мулки Ҷамшед тамоми пешаҳо ва донишҳо фароҳам омаданд.

Ҳикояти дигаре, ки аз забони писари савум дар ситоиши талош алайҳи ранҷу дарди афсурдагӣ ва коҳилӣ оварда мешавад, чунин аст: Гурӯҳе аз мусулмонон, ки аҳли таҳқиқ буданд, дар канори Ганг мақом доштанд. Ҳиндуҳо Гангро муқаддас шумурда, дар он ғусл карданро барои худ фарз медонистанд ва бовар доштанд, ки дар он дунё сиёҳӣ аз номаи аъмоли инсонҳо бо мавҷи он шуста хоҳад шуд. Аммо мусулмонон бо шубҳа дар кори эшон менигаристанд, то рӯзе дар китоби «Наҳҷ-ул-балоға» диданд, ки рӯди Ганг аз биҳишт ибтидо мегирад. Чун бар навиштаҳои «Наҳҷ-ул-балоға» бовар накарданро аҳли ислом намеписанданд, барои рафъи шубҳа қарор доданд, ки киштие сохта ба саргаҳи он бираванд. Пас аз таҳқиқи зиёд мусофирон ба қудсияти Ганг эътимод ҳосил менамоянд.

Мазаммати ранҷу шиканҷаи коҳилӣ дар қиссаи мазкур ба тариқи зайл дида мешавад:

Ҳайф бошад баҳор дар оғӯш,
Кулфати ғунчагӣ кашем ба дӯш.
Гар зи озодагӣ малоле нест,
Теша бар по задан камоле нест.
Дар шиканҷи қафас чӣ зистан аст?
Бар чунин зистан гиристан аст [12, 464].

Накуҳиши ранҷу шиканҷаи коҳилию афсурдагӣ ҳамчунин дар даври чоруми маснавии «Муҳити аъзам», ки «Ҷӯши сарҷӯши шароби беқусур» унвон дорад, мушоҳида мегардад. Дар ин қисмати маснавӣ Абулмаонӣ бо овардани ҳикояти кӯтоҳе дарди афсурдагиро дар вуҷуди шахс ба боди тамасхур мекашад ва фарди афсурдаро накбатсиришт мехонад:

Зи накбатсириштон дилафсурдае,

Ба бекории зиндагӣ мурдае.
Зи бистар ба тобути хобаш ватан,
Зи пӯшидани чашми хешаш кафан.
Чу нақши қадам лавҳи тасвири хоб,
Зи худ рафта, аммо замингири хоб…
Зарифе бигардонд паҳлуи ӯ,
Гулобе зад аз ханда бар рӯи ӯ,
Ки, эй саргарони бисоти зуҳур,
Зи сар то қадам хоби пои шуур,
Адамро абас мутаҳҳам кардаӣ,
Зи ҳастӣ ба мурдан ситам кардаӣ [11, 315-316].

Табиист, ки шахси аз коҳилӣ бахобрафта саъе дар беҳшавии зиндагии худ намекунад ва бар асари афсурдагии ботин ҳамеша дар яъс ва ноумедиву ғамҳо побанд мемонад.

Дар боби «Ҳусули яқин»-и маснавии «Тилисми ҳайрат»-и Бедил ҳангоми расидани шоҳ ба манзили маъшуқ аз он сухан меронад, ки барои дарёфти камоли маърифат ва нӯшидани шароби тавҳид риёзату таҳқиқ лозим аст. Риёзат ва таҳқиқ амалҳоеянд, ки дар натиҷаи парҳез кардани шахс аз ранҷи коҳилию афсурдагӣ ба даст меоянд. Шахс агар бихоҳад, ки риёзатеву таҳқиқе дошта бошад, нахуст бояд доманашро аз чанги шиканҷаи коҳилӣ раҳо намояд. Дар акси ҳол ӯро ҳасрат ва ғами бар абас рафтани умр гиребонгир хоҳанд шуд:

Риёзатро дар ин водӣ асарҳост,
Ки ҳар кас ришта шуд, доми гуҳарҳост.
Майи таҳқиқ бе ҷаҳд аст норас,
Гудози хеш дорад нашъаву бас [11, 213].

Дар оғози маснавиии «Тӯри маърифат» Бедил бар асари афсурдагӣ ғамнок будани худро чунин ба қалам додааст:

Чу шамъи кушта будам улфатоғӯш,
Ба он ҳастӣ, ки буд аз дил фаромӯш.
На фикри анҷуман, не завқи гулшан,
Қадам чун мавҷи гавҳар маҳви доман.
Чӣ хомӯшӣ? Ниқоби сози изҳор,
Чӣ вомондан? Далели аҷзи рафтор [11, 581].

Чунонки мебинем, дар ин чанд байт Абулмаонӣ ғами коҳиливу афсурдагиро сабабгори нобудии завқ донista, баён медорад, ки он сиришти шахсро ба ранҷу шиканҷаи оҷизӣ гирифтор менамояд.

Коҳилӣ ва афсурдагӣ дар ҳич мавриде шоиста нест. Ин омил агар дар инсон рушд кунад ва иродаи ӯро зери тасарруфи худ дароварад, сабаби таназзули ақлониву ҷисмонӣ ва ғаму ранҷу дард мегардад. Инсон бояд дар кори дунявӣ ва ухравии худ ба таҳқиқ, огоҳӣ ва ҷустуҷӯ бартарӣ диҳад ва аз беҳавсалагӣ парҳез намояд.

Тақлидкорӣ низ кирдори ношоиста буда, яке аз омилҳои гирифтор гардидани афрод ба ғаму нокомӣ мебошад, зеро он насанҷида ба коре даст задан аст. Дар ислом миёни мазҳабҳо дар бораи тақлид андешаҳои мухталиф вуҷуд дорад ва дар сайти форсии دانشنامهٔ آزاد чунин омадааст: “Дар бораи имомони чоргонаи мазҳаби тасаннун (Абӯҳанифа, Молик ибни Анас, Шофеӣ ва Аҳмад ибни Ҳанбал) нақл аст, ки ба тақлид назари нек надоштанд”.

Мардони олами тасаввуф, ки Бедил яке аз пешгомони онҳост, тақлидро зоҳирпарастӣ ва ғофил мондан аз моҳияти аслии ҳақоиқ меҳисобанд, ки меваи он ҳасрату таассуф мебошад. Албатта, шунидаҳо ва мутолиаҳояш низ дар афкори Абулмаонӣ бетаъсир нестанд. Чунончи, Мавлавӣ дар дафтари дувуми «Маснавии маънавӣ» аз забони сӯфие, ки бар асари тақлид гирифтори офату ғам гардидааст, чунин байт меоварад:

Мар маро тақлидашон барбод дод,
Ки дусад лаънат бар он тақлид бод [7, 133].

Пажӯҳишгар Муҳаммад Фӯлодӣ дар мақолаи худ бо номи «Таҳқиқ ва тақлид аз нигоҳи Мавлоно» менависад: «Роғиби Исфаҳонӣ дар «муфрадот» муътақид аст, ки тақлид аз «қилода» гирифта шудааст». Донишманди мазкур дар асоси омӯхтаҳояш аз «Маснавии маънавӣ» тақлидро офат дониста, як боби мақолаашро «Тақлид ва офатҳои он» номгузорӣ менамояд [131, 118].

Равоншиносӣ низ ба тақлид нигоҳи нек надорад ва олими шинохтаи соҳа Дейл Корнегӣ менависад: «Шумо ва ман тамоми имкониятро барои пешрафт дорем, аз ин сабаб бояд ягон сония ба ташвиш наоем, ки ба дигарон монанд нестем. Ҳар кадоми мо як навигарием дар ин олами пир» [82, 136].

Дар маснавии «Муҳити аъзам» Бедил бо овардани якчанд ҳикоят онҳоеро, ки барои шинохтани ҳақиқат аз қиёсу тақлид кор мегиранд ва дучори ғаму ҳасрат мешаванд, танзомез мазаммат мефармояд. Фишурдаи яке аз ҳикояҳо чунин аст: Аблаҳе ба бозор меравад ва пеши баққоле кадуҳои хушкро дида мепурсад, ки инҳо тухми филанд ё гург? Баққол аз сари шӯхӣ мегӯяд, ки тухми гургу фил пеши инҳо ҳеҷ мартабае надоранд, чаро ки инҳо тухми харанду аз дарунашон тӯтӣ берун хоҳад омад. Аблаҳ шӯхиро пай намебарад ва якеро харидорӣ карда, бар сари шохи дарахти хонааш овезон менамояд. Рӯзе бод мевазаду каду ба замин афтида мешиканад. Бар асари садои шикаст тӯтие аз сари шох ба ҳаво парвоз мекунад. Аблаҳ гумон мекунад, ки тӯтӣ аз тухми хар берун омадааст, аз ин рӯ, дунболааш давида, мехоҳад ӯро бигирад, аммо маълум аст, ки наметавонад. Абулмаонӣ қиёсу тақлидро ҳосил намудани ғаму ҳасрат дониста, мефармояд:

Даме к-имтиҳон ошкоро шавад,
Муқаллид ба таҳқиқ расво шавад.
Қиёсу гумон хасми доноӣ аст,
Саранҷоми тақлид расвоӣ аст [11, 521].

Назари Бедил ба шахсони тақлидкор, ки саранҷоми корашон ҳосил намудани ғами оганда бо ҳасрат аст, чунин баён мешавад:

Ба ваҳму гумон ҷамъе аз пайравон
Накарданд ҷуз касби тасдиқи он.
Надиданд аз ҳуши ҷаҳлиқтисоб,
Ки ҳаст аз чӣ раҳ ин сукуну шитоб?
Даме, к-аз маориф баён мекунанд,
Ҳаволат ба фаҳми касон мекунанд,
Ки арбоби маънӣ чунин гуфтаанд,
Гуҳарҳои роз инчунин суфтаанд.
Гар ин аст фаҳм, огаҳӣ ботил аст,
В -ар ин аст раҳ, гумраҳӣ манзил аст [11, 521].

Тақлид ва накуҳиши он дар маснавии «Ирфон» бо обу ранги нав дучор меояд. Дар он ҷо марди орифе дар ҳалқаи ёрон аз мурғи ҳумо ҳикоят менамояд ва дар бораи вижагиҳои шигифтангезаш суҳбат менамояд. Аз ҷумлаи шигифтиҳо яке он аст, ки ошёнаи ҳумо аз ойина буда, меҳмононаш ба ҷуз сурати худ чизеро намебинанд.

Абулмаонӣ суханони орифро шарҳ дода, хонаи ҳуморо кинояе аз дил медонад:

Он ишорат ба хонаи дил буд,
На иборат зи хонаи гил буд.
Яъне он кас, ки дар дилаш ҷо кард,
Хешро ҷумла ӯ тамошо кард.
Ғайри гул нест рангу бӯ дар гул,
Ҷузъ кулл аст дар табиати кул [12, 454].

Агар қисмате аз ёрон маънии ҳарфи сарбастаи орифро дарёфтаву ба ӯ аҳсант хонда бошанд, қисмати дигар дар зоҳири калимот дармонда, қасди сохтани чунин хонаро карданд, то магар шуҳрате ба даст оваранд. Аммо на хонаҳои аз зар сохта ва на коххои аз сим бунёд кардаашон чунин хосиятро надошт. Натиҷаи тақлид дар ин ҳикоя ғаму ҳасрати сарфи беҳудаи пулу мол ва хиҷолату шармсорист.

Хирс бар касби мутрибӣ зад даст,
Тор бигсехт, соз ҳам бишкаст…
Сози тақлид хиҷлатоҳанг аст,
Саъйи ҷавлон надомати ланг аст [12, 452].

Тақлид ва бидуни доштани донишу малакаи лозим ба бузургон пайравӣ кардан амали носавоб ба шумор меравад, ки саранҷом ба ғаму офот, нокомӣ ва расвоӣ гиреҳ хоҳад хӯрд. Зоҳирпарастӣ ва огаҳ набудан аз асл ва ботини корҳо на танҳо мояи нигаронӣ ва хиҷолати шахс мегардад, балки раҳгумӣ ва номуродиҳо низ дар пай дорад. Бинобар ин, надониста ба корҳое даст задан, ки оварандаи ғаму андуҳанд, кори шахси оқил нест. Хусусан, шахс дар ирфон набояд ба зоҳири калимот ва таълимот дода шавад.

Навъи дигари кирдори ношоиста, ки метавонад сабабгори ғамангезӣ шавад, ифроту тафрит аст. Ифрот ва тафрит калимоти арабиянд. «Ифрот» мазмуни «тундравӣ», «аз ҳад беш рафтан» ва «тафрит» маънои «кундравӣ» ва «аз ҳад қафо мондан»-ро дорад.

Ифрот ва тафрит, ки ҳар ду аз эътидол хориҷанд, сабабгори ҳама шӯру бенизомиҳо ва ранҷу дардҳои аҳли оламанд. Хусусан, дар замони ҳозира, ки ҷараёнҳои гуногуни фалсафиву мазҳабии тундрав ба мафкураи ҷавонон таъсиррасонӣ доранд, суханони Абулмаонӣ дар ин мавзӯъ аҳамияти бештаре касб менамоянд.

Агар инсон аз ғами нотавонӣ дар баёни эҳсосу андеша наҷот ёфтааст, сабабаш риояи эътидол дар офариниши ӯст. Дар маснавии «Ирфон» Бедил

қайд карда, ки инсон дар камоли эътидол офарида шудааст ва ба ин хотир «аҳсани тақвим» ном бурда мешавад. «Аҳсани тақвим», ки дар адабиёти хаттии исломӣ киноя аз одам мебошад, ишораест ба ояти чоруми сураи «Тин» ва дар он омадааст: «Лақад халақно-л-инсонӣ фӣ аҳсани тақвим», яъне инсонро дар беҳтарин сурат офаридем.

Дар банӣ башар ҳама ҷузъҳо ба монанди дасту по, гӯшу чашм ва монанди инҳо бо риояи эътидоли комил халқ шудаанд ва агар чунин намебуд, он худ ранҷу андуҳ ва балоҳои дигареро сабаб мегашт. Ҳатто нафасгирӣ низ бо риояи эътидол аст. Ҳамин риояи эътидол дар нафас имкон медиҳад, ки инсон соҳиби нутқ бошад ва аз ранҷу ғами нотавонӣ дар изҳори ҳиссу андеша раҳо ёбад. Абулмаонӣ миёни садо ва сухан фарқ гузошта мегӯяд, ки агарчи ин ду паранда муқими як қафас бошанд ҳам, вақти парвоз ҳаракатҳояшон гуногун аст. Ҳамин тафовут дар ҳаракат имкон медиҳад, ки ҳайвон танҳо соҳиби овоз, аммо инсон молики нутқ гардад, зеро садои ӯ тавассути кому лабу забону гулу ба низом даровarда мешавад. Пас, маълум мегардад, ки адами тафриту ифрот дар сохти пайкари одам ӯро аз ғами ҳасрати безабонӣ ва ранҷи нокомилӣ раҳо намудааст:

Он чӣ кому лабу забону гулу
Муттафиқ пар занад ба ҷилваи ӯ,
Сухан асту зуҳури кудрати он
Нест илло зи пардаи инсон [12, 215].

Дар маснавии «Муҳити аъзам» зимни баёни «Кайфияти нуқсу камол» шоир асли саодат ва ранҷҳои инсонро дар ду паймона, паймонаи эътидол ва паймонаи нуқс мебинад. Дар хусуси эътидол, ки василае барои раҳидан аз ранҷу ғамҳост, андешаҳои шоир чунинанд:

Чи хоку чи боду чи оташ, чи об
Зи адл аст сарриштадори ҳисоб…

К-аз ӯ гар табиат таҷовуз кунад,
Халал дар бинои камол афканад [11, 282].

Бар хилофи эътидол оид ба оварандаи дарду ғамҳо, яъне ифроту тафрит (аз ҳад зиёд ва аз ҳад кам) чунин мефармояд:

Назар ҳамчунон дар баҳори зуҳур,
Ба ифрот аҳвал, ба тафрит кӯр [11, 282].

Шоир барои тақвияти андешаи худ аз абр ва сифатҳои он ёрӣ ҷӯста мегӯяд, ки агар абр борони муътадил дошта бошад, боис ба шодобии киштзор мегардад. Дар сурати риоя нагаштани эътидол ё сел омада киштзорро мешӯяд ва ё борон ба қадри зарурат намеборад, ки дар натиҷаи он киштзор хушк гардида, инсон дарду ранҷи қаҳту вaборо таҷриба менамояд:

Саҳобе, ки сармояи киштҳост,
Чу дар бориш афзуд, барқи фаност.
Надорад ҳамон абри роҳатфизо
Ба гоҳи камӣ ғайри қаҳту вабо [11, 282].

Абулмаонӣ пешаву андешаи одамонро сабагори шодӣ ва ғаму андуҳашон дониста, талқин мекунад, ки соқии азал ҳар касеро мувофиқи тобу тавон бодаи маърифат нӯшондааст. Ва ин равиш ба қадре дақиқ аст, ки дар ҳаққи аҳаде сари мӯ халал нарафтааст, зеро Парвардигор худ намои эътидол ва камол аст. Агар инсон гирифтори ранҷу андуҳ аз вуҷуди нуқсон дар зиндагии худ аст, сабаби онро асари беэътидолӣ дар корҳои хеш бояд донад.

Ба ҳар ҷо зи нуқсон биёбӣ нишон,
Асарҳои беътидолист он [11, 281].

Ба ақидаи Мирзо Бедил, на танҳо одамони одӣ, ҳатто паямбарон ҳам наметавонанд сарҳади эътидолро убур намоянд ва агар карданд, чизе ҷуз ҳасрат ва андуҳу хиҷолат ҳосил насозанд. Барои эътимод ҳосил кардани хонанда шоир аз Мӯсои Калим ёд меёварад, ки эътидолро риоя накард ва аз Худо дар кӯҳи Тӯр дархости дидор карда, посухи «лантаронӣ»-ро шунид:

Агар бениёзӣ в-агар соилӣ,
Зи андоза гар нагзарӣ, одилӣ.
Зи баъзе талаб рехт хуни тараб,
Ки хоҳиш бувад инҳирофи адаб.
Таманно ҳама гар ба дил музмар аст,
Зи беэътидолӣ паёмовар аст.
Аз ин ҷост, к-аз шӯри мастӣ Калим,
Чу пои адаб баргирифт аз гилем,
Зи дайри муғон «лантаронӣ» шунид,
Ки ҳар ком натвонад ин май чашид [11, 284].

Дар ин ҷо ба чунин натиҷа мерасем, ки ифрот ва тафрит сабабгори дур шудани шахс аз сарҳади эътидол ва асир афтоданаш ба панҷаи ғаму дард мегардад. Бо баёни дигар, эътидол ҳамон адл аст ва эътидол бо адл ҳамрешаанд. Аз ҷониби Абулмаонӣ ҳар амале, ки дар доираи эътидол сурат мегирад, масарратбахш ва ҳар коре, ки дар доираи ифроту тафрит содир мешавад, дардовару ранҷзо ба қалам дода мешавад.

Ғами кирдори ношоиста на танҳо дар зиндагӣ, балки пас аз марг низ инсонро раҳо намекунад. Дар маснавии «Ирфон» ғами подоши амал пас аз марг, зимни баёни таносух, ки интиқоли рӯҳ аз ҷисме ба ҷисми дигар аст, дида мешавад. Абулмаонӣ дар такя ба ташаккули мавҷудот ёдовар аз мазҳаби бараҳманон мегардад, ки таносухро эътиқодманданд ва бовар доранд, ки рӯҳ пас аз интиқол шуданаш ба ҷисми дигар ҳатман подоши гуноҳҳои кардаи худро мебинад:

Ҳиндувонро ба олами эҷод
Табъ мағлуби ин хаёл афтод,
Ки пас аз интиқоли ин пайкар
Рӯҳ дорад ҳулули ҷисми дигар.
Хоҳ аз он интиқол бар ҳайвон
Моил афтод, хоҳ бар инсон,
Ҳам дар он ҷисм сурати ҳолаш
Мерасад бар ҷазои аъмолаш [12, 666].

Сипас қиссаи ибратомӯзе аз забони як дӯсти ҳиндуи худ меорад. Мувофиқи равиши қисса падари рафиқаш ҳар куҷое ба қазои ҳоҷат мерафт, зоғи сиёҳеро медид, ки пешоби мардро бо як ташнагии азим фурӯ мебурд ва агар мард пешобашро зери хок пинҳон мекард, зоғ хокро шикофта, минқорашро бо нами он олуда мекард. Аҷибаш он буд, ки агар ҷӯе дар он наздикӣ мебуд, зоғ гӯё онро намедид.

Мард аз ин ҳодиса мушавваш гардида, ба ҳакимон мурочиат мекунад. Ҳакимон низ аз ин мутаҳайир гардида, хеле фарзу тахминҳо мезананд ва ниҳоят ба хулосае меоянд, ки шояд он зоғ дар зиндагии қаблӣ фарде буда, ки аз ӯ қарзе ба гардан доштааст, зеро:

Ҳар кӣ мирад дар ин работи куҳан
Аз касе бори дайн дар гардан,
Даҳр ҳашраш кунад ба сурати зоғ,
Диҳадаш ғӯта дар сиёҳии доғ.
То нафас мояи бақо бошад,
Ташнакомиш дар қафо бошад [12, 669].

Мард баъд аз шунидани тафсири ҳакимон ва дигарбора дидани зоғ бо садои баланд барояш паём медиҳад, ки қарзатро бахшидам, бирав ва маро ба

ҳоли худам раҳо кун. Зоғ бо маҳзи шунидани суханони мард аз назар ғойиб мешавад.

Қиссаи мазкур ҳарчанд барои собит кардани ҳолати таносух аст, дорои мазмуни баланди тарбиявӣ буда, хонандаи ҳушманд онро ҳамчун панди судманд қабул медорад.

**Натиҷагирӣ:** Кирдори ношоиста омили ғаму андуҳ буда, дар ирфон сабабгори дур шудани ориф аз мақом ва дар зиндагии дунявӣ василаи афтодани шахс аз чашми ёрону наздикон мегардад. Абулмаонӣ кирдори ношоистаро, ки худбартарбиниву мағрурӣ ва адабношиносӣ намунаи он мебошанд, накуҳиш намуда, ҳатто Мансури Ҳаллоҷро, ки аз бузургони олами тасаввуф аст, барои риоя накардани одоб таън месозад. Ӯ муътақид аст, ки фарди адабношинос, бо вуҷуди дорои истеъдоди фавқулода буданаш, наметавонад аз хостаҳои худ натиҷаи муфид ба даст оварад ва анҷоми кораш печиш дар ғаму ҳасрат хоҳад буд.

Ҳеҷ амале, хоҳ солеҳ бошаду хоҳ носолеҳ, бидуни подош намемонад. Низоми кори дунё чунин аст, ки ҳар амале акси худро дорад ва агар дар зиндагии дунявӣ аз ҷазои корҳои зишти худ эмин мондем, мутмаин бошем, ки дар дунёи дигар ҳатман подоши он ба суроғамон меояд. Шахс бояд бар ин ақида устувор истад, ки агар нек кард, бар худ кард ва агар бадие аз ӯ содир шуд, боз ҳам ба худ бад кардааст.

## 3.4. Имтиҳонот ва нақши онҳо дар падидоии ғам

Рӯзгор мисли як омӯзгор барои ҳар гуна фард имтиҳоноте омода кардааст ва шахс ҳангоми рӯёрӯӣ бо онҳо миқдори муайяни ранҷу ғамро таҷриба мекунад. Донишманди эронӣ Алии Карбалоӣ, муаллифи мақолаи «Фалсафаи ибтилоъ ва имтиҳони Илоҳӣ дар оёт ва ривоёт», зимни баҳс дар атрофи мавзӯи имтиҳон чунин суолҳоро матраҳ мекунад:

«Агар Худованд хайри маҳз аст ва бадиву шар дар соҳати қудсияш роҳ надорад, пас барои чӣ ба инсонҳо имтиҳон ва балоҳоро мефиристад?

Оё нозил шудани бало ва имтиҳонот ҳам ба муъмин ва ҳам ғайримуъмин ба адли Илоҳӣ созгор аст?

Агар Худованд ба тавоноии ҳар фарде огоҳ аст, пас имтиҳон кардан чӣ маънӣ дорад?» [218,55].

Аз мутолиаи мақола маълум мегардад, ки инсон гирифтори имтиҳоноте назири сарват, факр ва амсоли инҳо ба он хотир мегардад, ки ҳангоми ошноӣ бо ин омили ғам тавоноӣ, нотавонӣ ва зарфияти табиати худро бишиносад. Агар инсон дорои ахлоқи писандида аст ва сарфи назар аз ин, гирифтори ғаму мусибат мегардад, ба он хотир аст, ки мардумон аз ӯ навҳаи рафторро дар мусибат ва ғамҳо ёд бигиранд. Дигар ин ки Худованд на ба он хотир мардумро гирифтори имтиҳон мекунад, то аз зарфияти тавоноии эшон бохабар шавад, балки мақсуд он аст, ки шахси мавриди имтиҳон ба ҳақиқати чизе пай бубарад ва бо он ошноӣ ҳосил намояд.

Ба мавзӯи ранҷу ғами имтиҳон дар қисмати «Ҷоми юнусӣ»-и маснавии «Муҳити аъзам» рӯ ба рӯ мешавем, ки он ҷо Бедил аз Юнуси паямбар сухан меронад. Мувофиқи ривоятҳои исломӣ Юнус чанд муддатро дар коми наҳанг гузаронид, аммо он ҳама ғаму ранҷро озмоиши Худованд дониста, ба тавбаву зикр машғул шуд ва нашъаи ишқи Илоҳӣ ҳамеша ҳамроҳаш буд:

Чу Юнус аз ин нашъа огоҳ шуд,  
Зи коми наҳангаш тарабгоҳ шуд.  
Димоғи хурӯшаш ба ҳайрат кашид,  
Ки дар пастӣ афтоду меъроҷ дид [11, 245].

Дар «Ҷоми иброҳимӣ»-и ҳамин маснавӣ боз мавзӯи ғам, ки инсон бар асари имтиҳон гирифтори он мегардад, дида мешавад. Бедил баъзе паҳлуҳои зиндагии ин паямбар, ба мисли бунёди Каъба, афканда шуданаш ба оташи Намруд ва аз он ба саломат берун омаданашро ба тариқи ишора ба риштаи назм кашидааст. Агар ба оташи Намруд афтодан худ ба худ як имтиҳони бузург бошад, дар идома имтиҳони бузургтареро шоҳид мешавем, ки он

ҳукми Худованд барои қурбонии писараш Исмоил аст. Албатта, мақсуд аз ин амр имтиҳони сидқ буд, ки дар байти зебое аз ҷониби шоир хулоса мешавад:

Ғараз имтиҳони яқин буду бас,
Дил ин ҷо таҳаққуққамин буду бас [11, 248].

Сахтии чунин имтиҳонот ба ҳайси ғами писандида аз ҷониби Бедил пазирой меёбад:

Ба авҳом то кай нафас сӯхтан?
Чароғем, мебояд афрӯхтан [11, 249].

Бар хилофи паямбарон инсонҳои одӣ, хусусан онон, ки озманданд, на ҳамеша аз имтиҳон муваффақ бурун меоянд ва дар натиҷа ғами номуродӣ барои ҳамеша домангирашон мегардад. Бо намунаи чунин афроди ноком зимни мутолиаи қиссаҳои маснавии «Ирфон», ки дар онҳо аз илми симиё (ҷоду) сухан меравад, ошно мегардем. Бародари ҳаштум симиёро чунин ситоиш менамояд:

Агар иқбол орзу доред,
Симиёро ғанимат ангоред.
К-ин бино аз тазалзул озод аст,
Нақши ин тоқ аз шикан сода-ст [12, 839].

Ҷолиб он аст, ки ҳарчанд бародари ҳаштум симиёро ситоиш мекунаду барои исботи дурустии гуфтаҳояш се ҳикоятро мисол меоварад, дар ин ҳикоятҳо анҷоми имтиҳони симиёгарӣ ба суди қаҳрамонони қиссаҳо нест. Онҳо аз имтиҳон бо сари хамида ва бо дили пур аз ҳасрату ғам берун меоянд.

Қаҳрамони яке аз қиссаҳо Ғанӣ ном дорад, ки нахуст муҳтоҷу фақир буду дар зери сояи дарахте умр ба сар мебурд. Пас аз як амали ҷодуӣ ба

мансабу ҷоҳ расида бошад ҳам, дар натиҷаи  дода шудан ба айшпарастӣ  ба ҳамон макону ҳоли қаблӣ бармегардад.

Рафт иқболи ҷоҳу равнақи бахт,
Хоки идбор монду пойи дарахт.
Ҷаст ранг аз баҳори боғи ҳавас,
Ошёни фусӯс шуд гулу бас [12, 871].

Дигар шахсе, ки ба воситаи имтиҳон кардани симиё мехоҳад, ганҷи беранҷ ба даст орад, марде аз Банғола аст. Ин мард ҳарчанд дар оғоз ҷоҳу ҳашаме дошт, бар асари нагун гаштани бахт фақиру нодор шуда, барои ёфтани пораи ноне ба гадоӣ машғул мешавад. Бедил ғами нонро бисёр муассир ба қалам додааст:

Одамиро ба олами имкон
Нест чизе зарууртар аз нон.
Шахси ҳастӣ агар дукон дорад,
Моя аз дастгоҳи нон дорад…
Ҳар куҷо симу зар ба сомон аст,
Дар ҳақиқат захираи нон аст…
Лек зар ҷои нон намегирад,
Ҳар кӣ нонаш намонд, мемирад…
Бо ҳама шавкату каруфари ганҷ,
Нон агар нест, хок бар сари ганҷ [12, 875].

Рӯзе мард дар талаби нон ба боғе меравад ва он ҷо пиреро мебинад. Пир, ки устоди илми симиё буд, барояш як мушт дирам ва фатилаи чароғе дода, ба хона гуселаш мекунад. Дар хона мард фатиларо равшан карда, зери нури он олами дигарро мушоҳида мекунад, ки садҳо ходим барояш омодаи хидматанд.  Пас аз айши зиёд мард хаста шуда, ба хоб меравад ва чун бедор

мешавад, худро дар ҳамон ҳоле дармеёбад, ки пеш аз вохӯрданаш бо устоди симиё дошт.

Гарчи афсуни он фатилаи роз
Додаш ойинаи ҳавас ба гудоз,
Муфти худ дид бо ҳама ҳасрат
Айши якрӯзамансаби шавкат [12, 892].

Чунонки мебинем, қаҳрамони ин қиссаҳо бар асари аз имтиҳонот бо сари хамида берун омадан гирифтори ғаму ҳасрат мегарданд. Бедил аз забони писари нуҳуми марди ориф имтиҳон кардани илми симиёро мазаммат фармуда, онро лоба (орзуи хом ва тамаи пуч) меҳисобад:

Аз камолоти симиё хондан
Вароқи лобаест гардондан.
Умр агар бемалол мегузарад,
Лек пур дар хаёл мегузарад [12, 898].

Абулмаонӣ бар ивази симиё ҳимматро, ки асли ҳама муваффақиятҳои инсон аст, ситоиш менамояд:

Мард бояд, ки дар ҷаҳони маош
Ҳимматаш норасо нагардад фош…
Ҳар киро пояи талаб олист,
Ғайри саъйи камол помолист…
То тавон ҷоми баҳр паймудан,
Нанги мавҷ аст мавҷу каф будан [12, 899].

Бо овардани ин далелҳо ба хулосаи Алии Карбалоӣ розӣ шудан мумкин аст, ки дар поёни мақолаи «Фалсафаи ибтилоъ ва имтиҳони Илоҳӣ дар оёт ва

ривоёт» меоварад: «Инсонро метавон дарахт тасаввур кард, ки ҷавҳараш қобилияти овардани меваро дорад, аммо то он мева бурун наояд, на худи ӯ ва на мардум аз чигунагии меваи он бехабар ҳастанд» [218,58].

Дар маснавии «Тилисми ҳайрат» ҷанги ёрони Рӯҳ бо сипоҳи Ғам намунае аз имтиҳонот ва андуҳу ранҷи он аст. Иттифоқи ёрони Рӯҳ, ки сабабгори аз имтиҳон бо сари боло баромадани онҳо мешавад, бо даъвати Мизоҷ -модари Сиҳҳат ба амал меояд:

Чӣ шуд он меҳрҳо? Ёди ниёзе,
Агар дил хун намегардад, гудозе.
Чӣ инсоф аст, эй мушти ҷафокӯш,
Ҳуқуки якдилӣ, в-он гаҳ фаромӯш? [11, 128].

Аз рафти воқеаҳои маснавиии «Тилисми ҳайрат» маълум мегардад, ки барои ғалаба аз болои душман иттифоқи ёрон зарур аст ва иттифоқи ёрон ба ҳангоми имтиҳонот дурусттарин роҳи пирӯзӣ бар ранҷҳову ғамҳо мебошад.

Дар маснавии «Тӯри маърифат» бо намунаи ғаме, ки ҳосили имтиҳон аст, ҳангоми баёни сифати кӯҳсор дучор меоем. Кӯҳи Байротро Бедил шахси бедасту пое медонад, ки аз рафтан ба ҷое маҳрум аст, бо вуҷуди ин навмед нест ва самараи ҳамин сабри зебост, ки замираш бо сабзаву гул, оби равон, чоҳи маъдан ва ҳазор гуна неъмати дигар оро меёбад:

Агар кӯҳ аз фусурдан шуд замингир,
Нашуд навмед аз имдоди тақдир.
Ба ранге кард аз вомондагӣ сабр,
Ки охир рехт ранги ваҳшат аз абр [11, 602].

**Натиҷагирӣ:** Инсон тавассути имтиҳонот ҷавҳари ботинии худро ба намоиш мегузорад ва дар натиҷа маълум мешавад, ки хушрӯзгору хушнуд будан ва ё бадбахту ғамгин гаштани ӯ бедалел нест. Имтиҳонот ба мисоли оинаеянд, ки чигунагии моро ба мо менамоёнанд ё санги маҳаке ҳастанд, ки

холис будану набудани моро ба тарзи дақиқ муайян месозанд. Бо такя ба таҳқиқе, ки дар ин самт сурат гирифт, ҳар як фардро лозим меояд, ки ҳангоми мусибату ғамҳо аз сабр ва дигар тадобири иҷмолан дар боло ёдгардида ёрӣ биҷӯяд.

### 3.5. Нодонӣ ва ғафлат ба ҳайси ду абзори ғамсоз

Донишмандон донишро маҳсули фароянди ёдгирӣ, истидлол дар бораи иттилооти ба ҳалли масъала ёрирасон ва ҷумлаҳое монанди ин маънидод кардаанд. Пажӯҳишгарони эронӣ Ноҳид Ҳошимиён ва Муҳаммад Боқир овардаанд: «Афлотун донишро боварҳои ҳақиқии донисташуда таъриф кардааст. Вай ақида дошт, инсонҳо дониши комил аз ҳама андешаҳое, ки ҷаҳонро месозанд, дар ихтиёр доранд. Ин дониш дар башар қарор дода шуда, вале ба далели олудагӣ бо ҳавос ошкор намешавад. Арасту ибтидо назариёти Афлотунро пазируфт, вале баъдан дар мухолифат бо ӯ пардохт. Мухолифати онҳо дар манбаъ ва моҳияти дониш аст. Ӯ зеҳн ва муҳтавои онро надида нагирифт, вале иттилооти ҳисро оғозгари дониш муаррифӣ кард.

Дар такя ба гуфтаҳои Арасту файласуфони дигар муътақиданд, ки дониш халқшудаи иттилооти ҳиссӣ ва таҷриба мебошад» [139, 17].

Нодонӣ ва дар пайомади он гирифтори заҳмату ранҷ гардидани шахс марбут ба ҳикоятест, ки аз забони писари чоруми ориф дар маснавии «Ирфон» оварда мешавад. Қабл аз оғози ҳикоят Абулмаонӣ дар сифоти илму фазл нуктаҳои ҷолибе оварда, одамиро нахле медонад, ки туҳфаи баҳори камолаш меваи илм аст:

Одамизод нахли илми нумӯст,
К-ин сувар эътибори илмии ӯст.
Он чи з-ин нахл мерасад ба самар,
Медиҳад аз баҳори илм хабар [12, 578].

Ҳикояте, ки иштиёқи илмро дар дили хонанда бедор мекунад ва гирифтори ранҷ гардидани шахсро бар асари бедонишӣ ба исбот мерасонад, чунин аст:

Сикандар баъд аз ҳукмрон шуданаш дар ҷаҳон ба фикр фурӯ рафт, ки агар умри ҷовидон надошта бошад, ин ҳама ҷаҳонгирияш чи суде хоҳад дошт?

Ҳар киро дар назар бувад мурдан,
Ҳайф бошад ғами ҷаҳон хӯрдан.
Чӣ қадар хиҷлат асту расвоӣ
Марг дар пешу ҳукмфармоӣ [12, 580].

Пас аз андешаи зиёд ӯ бо маслиҳати надимон ба назди дарвеши соҳибмаърифате рафта, барои бастани пеши роҳи марг ва раҳоӣ аз ғами он тадбир ҷӯё мешавад. Дарвеш нахуст изҳор медорад, ки чунин тадбире вуҷуд надорад, аммо чун Сикандар зиёд исрор меварзад, мегӯяд: Ман розеро бароят ифшо мекунам, агар маонии онро дарёфтӣ, хуб, агар не, ғами хиҷолати он ба гардани ман нест. Шунидаам, ки дар олами зулмот чашмаи оби ҳаёт ҷӯш мезанад ва ҳар кӣ аз он қатрае нӯш кунад, то ҷовидон намирад:

Ҳар кӣ з-он чашма ҷом мегирад,
Даври умраш давом мегирад...
Ин бигуфту забон ба ком кашид,
Ки ҳамин аст, агар тавон фаҳмид [12, 584].

Сикандар ба умқи маънии суханони дарвеш сарфаҳм нарафта, барои раҳидан аз хавфу ғами марг бо гурӯҳе озими олами зулмот мегардад:

Фаҳм нокарда маънии ирфон,
Чун қалам сарнагун шуданд равон [12, 584].

Дар ҳамин қисмати ҳикоят мо мебинем, ки натиҷаи надоштани дониши дуруст ва комил боис ба гирифторӣ, ғам ва ранҷ мешавад:

Бо хаёлот мезаданд қадам,
То расиданд дар саводи зилам.
Тирагӣ хӯрд нури тоқаташон,
Шом гардид субҳи ишраташон.
Нақши по он сӯи суроғ афтод,
Кор бо машъалу чароғ афтод...
Ҳамчу шамъ охир он талошоёт
Арақе чанд рехт дар зулмот.
Ҷаҳдаш аз чашма барнадошт ниқоб,
Арақе ҳам, ки дошт, дод ба об…
Бенасиб аз ҷунуни ҳарзаҷарас
Боз гардид, бод дар кафу бас [12, 585].

Дар зулмот Сикандару ҳамроҳонаш оби ҳаётро наёфта бармегарданд. Сипас надимонаш маслиҳат медиҳанд, ки бояд ба Арасту номае навишта, андешаҳои ӯро дар мавриди суханони дарвеш бифаҳманд, зеро эҳтимол меравад, ки суханони дарвеш мазмуни дигаре доранд:

Ин қадар шуд аён, ки бо ҳама ҳуш
Деги мо дошт ҷумла хомии ҷӯш.
Раҳ дигар буд, мо хато дидем,
Акси миръоти муддао дидем [12, 587].

Арасту баъд аз гирифтани номаи шоҳ як сол рухсат мепурсад, то дар танҳоӣ сари ин роз андеша кунад. Бо гузашти як сол Арасту дармеёбад, ки он чӣ дарвеш оби ҳаёт номидааст, чизе ба ҷуз илм нест ва аз ин маънӣ Сикандарро огоҳ менамояд:

Ҳар кӣ шамъаш зи илм даргирад,
То абад доғи марг напзирад.
Партави илм дурбоши фаност,
Субҳ то равшан аст, шом куҷост? [12, 601].

Дар анҷоми ҳикоят мартабаи илму фазл мавриди ситоиш қарор гирифта, гузашти умр бар инсоне ҳайф дониста мешавад, ки аз омӯзиши илму фазл дар канор мемонад ва дилаш ба ранҷу ҳасрати гумномӣ мепечад:

Гарчи ҳар пеша сеҳрпардозист,
Пешаи илму фазл эъҷозист.
Ҳайфи инсон, ки бо чунин ҷавҳар,
Сар кунад ғайри илм роҳи дигар [12, 602].

Абулмаонӣ дар қисмати «Ҷоми идрисӣ» - и маснавии «Муҳити аъзам» дар масълаи бақо ва фано изҳори назар намуда, ҳаёти ҷовидонро самараи илм медонад:

Яқин шуд, ки сози бақо илмрост,
Вагарна ҷаҳон нағмазори фаност.
Баҳори ҳақиқат хазонбарг нест,
Ки дар олами маърифат марг нест [11, 242].

Дар идомаи ҳамин қисмат Бедил бедониширо «фиреби назар» ва «ғубори кудурат» унвон медиҳад ва арз медорад, ки роҳи раҳоӣ аз ғами марг огоҳӣ ва дарёфти ҳақоиқ аст:

Биё, соқӣ, эй чашму дил соғарат,
Муҳити яқин софии гавҳарат.
Ки умре зи чашми таҳайюрасар,
Кашидем ҷоми фиреби назар…
Диле, к-аз ғубори кудурат тиҳист,

Дар ин базм ойинаи огаҳист.

Бақо лозими нашъаи огаҳист,

Сари ҷаҳл аз мағзи ҳастӣ тиҳист [11, 243].

Агар доноиро огоҳ будан ба қалам диҳем, пас нодон касе ҳаст, ки огоҳӣ надорад ва дар чунин маврид он бо ғафлат иртибот пайдо менамояд. Ғафлат умури хатарнокест, ки метавонад ба гиребони инсонҳо ва ҷамъиятҳо чанг занад ва онҳоро аз роҳи саодат ва иқбол берун биоварад. Ин сифати номатлуб ҳам дар корҳои дунявӣ ва ҳам ухравӣ метавонад оқибати нохуш дошта бошад. Чунонки як инсон бар асари ғафлат дар лаҳзае тамоми сармояашро ба бод медиҳад, ҳамон гуна имкони аз даст додани андухтаҳои маънавияшро ҳам дорад. Миллатҳо низ бар асари ғафлат метавонанд гирифтори сахтиҳо ва нокомиҳо гарданд. Бо он ки ғафлат маънои густардае дорад, афшурдааш ин аст, ки инсон барои раҳидан аз нокомиҳои дунявию ухравӣ бояд мувозиби худ бошад ва аз адами таваҷҷуҳ ва ё камтаваҷҷуҳӣ ба сарнавишти худ ҷилавгирӣ намояд.

Дар қисмати «Ҷоми нӯҳӣ»-и маснавии «Муҳити аъзам» Бедил бо ишора ба ҳодисаи тӯфон аз ғами ғафлат ҳарф мезанад. Ҳадиси Нӯҳ чунин аст, ки «баъд аз рӯзгори Одам башарият чанде фитрати инсонии худро раҳнамои зиндагӣ қарор дод ва дар роҳи дуруст гом бардошт. Аммо оҳиста-оҳиста дар сиришти инсонҳо ғафлат хона кард ва кибру зулм бар нафсашон чира гардид. Кор то он ҷо расид, ки зердастон забардастонро Худои худ медонистанд. Фосилаи табақотӣ пайваста бештар мешуд ва онҳо, ки доро ва қавӣ буданд, ҳуқуқи заифонро поймол мекарданд. Дар чунин ҳангом Худованд Нӯҳро бо китоб ва шариат ба назди онҳо фиристод, то аз роҳи тавҳид ва яктопарастӣ тарки ғафлат ва худоёни дурӯғин намуда, дар муомила бо ҳам адолатро риоя намоянд, аммо ҷуз гурӯҳи андак ба ӯ нагаравиданд». [232].

Дар ин қисмат одами хокӣ ба ғубор ва ғафлат ба баҳри фано монанд шудааст. Абулмаонӣ мегӯяд, ки инсон мушти ғубор аст ва чун ғубор аз

парафшонӣ, яъне саъй ва кӯшиш бозмонд, мавҷи тӯфони баҳри ғафлат онро ба коми худ мекашад:

Бар он қавм шуд мавҷи тӯфон савор,
Ки дар об ором гирад ғубор.
Ба фарёди ғафлат фано мерасад,
Ба ин хору хас шуъла вомерасад.
Зи ғафлатпарастӣ адам хуштар аст,
Аз ин сози афсурда рам хуштар аст [11, 244].

Тӯфони Нӯҳ, ба ақидаи Бедил, подоши ғафлати мардум аз адолат ва ҳақиқат аст ва таъкидгар бар он, ки инсонҳо на танҳо дар охират, балки бештар дар ҳамин дунё подоши ғафлати худро дармеёбанд ва ба ғаму ҳасрати неъматҳои аздастдодаи худ гирифтор мешаванд. Тибқи далели овардашуда аз маснавии «Муҳити аъзам», Бедил ғафлатро омиле медонад, ки дар андуҳи фано ва ғами шикасти салтанати ғурур хулоса мегардад.

«Ирфон» ба ҳайси як асари таълимӣ-ирфонӣ таъкиди ғофил набудани инсонро аз холиқи худ мукаррар баён намудааст. Чунончи дар бахши «Ҳар кӣ асрори ҳақиқат фаҳмид, – Ҳар чӣ фаҳмид, ғанимат фаҳмид» Абулмаонӣ мегӯяд, ки зарраҳои дар ҳаво парафшонро як рӯз андешае гиребонгир шуд, ки сабаби ин ҳама тапиш ва парафшонӣ чист ва агар онҳо парвоз доранд, ошёнашон кадом аст? Аз миён заррае ба онҳо мегӯяд, ки мо ҳама ҳосили нури офтоб ва партави илми бенишонем.

Бедил бо овардани ин масал хонандаро барои ғофил намондан аз ҳақиқати ҳастӣ ва ғанимат донистани вақт огоҳ менамояд, дар акси ҳол ғаму ҳасрати беҳуда гузаштани вақт моро дар камин хоҳад буд.

Эй таваҳҳумсиришти ҳеҷосор,
Нашавӣ ғофил аз ҳақиқати кор.
Омаду рафти халқ найранг аст,
Ҷазру мадди муҳит беранг аст.

Он чи имрӯз ҳаст, фардо нест,
З -ин адо турфатар тамошо нест [12, 72].

Ин таъкидоти Бедилро бояд ба чунин маъно фаҳмид, ки агар дар ғафлат бимонем, ҳатман ба ғами аз даст додани вақт, ки ҷубронноппазир аст, гирифтор мегардем.

Дар маснавии «Тилисми ҳайрат» ғафлат ва оқибатҳои ғамбарангези он дар чанд мавриди таъкид мегардад. Яке аз он мавриди ғофил мондани шоҳ аз Ҳусн мебошад, ки аз ин надимаш Ишқ пай мебарад ва ғафлат дар ин абёт нишонаи аз камолот ва рушд дур шудан аст:

Вале дарёфт Ишқи ҳуснмоил,
Ки шоҳ аз шӯхии Ҳусн аст ғофил.
Чароғашро ба нури худ назар нест,
Димоғашро зи шӯри худ хабар нест.
Майе дар соғари ирфон надорад,
Муҳит огоҳӣ аз тӯфон надорад [11, 148].

Дар қисмати хотимавии маснавӣ, вақте ки Ишқ ба дасти шоҳ ойинаро медиҳаду шоҳ ҷуз акси худ дар он чизеро надида, ғамгин мегардад, Ишқ боз ҳам сабаби ғамгин шудани ӯро дар ғафлат мебинад:

Ҳама дарёст, аз соҳил нишон нест,
Ҳама Лайлист, маҳмил дар миён нест.
Ғуборе нест, охир, чашм бикшо,
Тамошоворӣ, эй ғофил, тамошо [11, 207].

Ҳамчунин Тараҳҳум вақте ба сипоҳи шикастдидаву дарғампечидаи душманони шоҳ ҳарф мезанад, сабаби шӯриши ба ҳасрату дард мунҷар шудаи онҳоро дар ғафлат мебинад:

Дар ин даргоҳ ҳар касро гуноҳест,
Забони инфиолаш узрхоҳест.
Гуноҳи ғафлат аст ин, аз шумо нест,
Вале он низ ҷуз алтофи мо нест [11, 131].

**Натиҷагирӣ:** Абулмаонӣ дар ин намунаҳо, ки оварда шуд, нодонӣ ва ғофил буданро мазаммат менамояд. Ҳамчунон ки Худованд мазҳари доноӣ ва огоҳӣ аст, инсон низ, ки мартабаи халифаи Худоро дорад, бояд пайи ба даст овардани ин сифот кӯшиш намояд.

Нодонӣ ва ғафлат падидаи хатарнок буда, сабабгори бадбахтиянд ва на танҳо инсонро аз камоли маънавӣ боз медоранд, балки заминаи аз байн рафтани миллатҳо ва давлатҳо низ мегарданд.

### 3.6. Ишқ ва ғамҳои мансуб ба он

Ишқро муфассирон баргирифта аз номи гиёҳе донистаанд, ки арабҳо онро «ашақа» меноманд ва форсии он «печак» аст. Аммо Муҳаммад Ҳайдари Малоирӣ дар мақолаи «Решашиносии вожаи «ишқ» нигоҳи дигар дорад ва менависад: «Ишқ» метавонад бо вожаи авастоии «ис» (iš) ба маънои «хостан», «майл доштан», «орзу кардан» пайванд дошта бошад, ки дорои ифодаҳои зер аст:

- «аеса» (aēša)-«орзу», «хост», «ҷустуҷӯ»;
- «исаитӣ» (išaiti) –«мехоҳам», «орзу мекунам».

Дар такя ба пажӯҳиши худ муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки «ишқ» аз вожаи авастоии «иска» (iška) реша мегирад [225].

Ишқ ва ғамҳои мутааллиқ ба он мавзӯест, ки ба шарҳу тафсир ниёз надорад. Камоли ишқ ва пайомадҳояш дар «Қуръон» низ дарҷ шудааст, ки бо он дар сураи «Юсуф» рӯ ба рӯ меоем. Моҷарои ишқи Юсуф ва Зулайхо қиссаи машҳурест, ки ба ҷуз ривоёти исломӣ дар адабиёти бадеӣ ҳам мавқеи

хос дорад ва достонҳои зиёд аз ҷониби шуарои порсигӯ дар ин мавзӯъ офарида шудаанд.

Дар «Ҷоми юсуфӣ», ки қисмате аз даври дувуми маснавии «Муҳити аъзам»-ро ишғол мекунад, Абулмаонӣ аз ҳаҷру андуҳи Яъқуб, ранҷу дарди ишқи Зулайхо, камоли ҳусни Юсуф ва нигарониҳову ситамҳои кашидаи ӯ аз бародаронаш мухтасар ҳарф зада, хонандаро огоҳ менамояд, ки ин ҳисси пурзӯр метавонад сабабгори ғамҳои равову нораво гардад:

Асарҳои найранги ҳусн аст ин,
Ки шуд ҷилвааш муҷиби ҳусну кин.
Ба Яъқуб шуд соғари интизор,
Бар ихвон ҷунун, бар Зулайхо баҳор [11, 251].

Бедил ба ишқ ҳамчун ба нури Илоҳӣ нигариста, дарди иштиёқашро созанда ва ҳам сӯзанда мешуморад ва мункирони онро гирифторони ғаме медонад, ки хаффош аз душманияш бо хуршед асири он гаштааст:

Зиҳӣ, фаҳми ихвон, к-аз ӯ дур монд,
Ба хаффошии ҷовидон кӯр монд.
Аз ин ҷост равшан, ки он нури пок
Ба ҷое ҳаёт аст, ҷое ҳалок [11, 251].

Дар «Ирфон» аз дарду ғамҳои ишқ ҳикоят бисёр оварда мешавад ва намунаи олии он қиссаи «Комде ва Мудан» аст, ки онро Бедил зери унвонии «Ҳам дар ин қиссаи ҳайраттимсол, - Комдеву Мудан омад ба хаёл» манзум намудааст. Абулмаонӣ дар ин қисса онҳоеро, ки ба ошиқон озмоиш пеш меоваранд, маломат мефармояд:

Эй ҳалоки фузулии расво,
Накунӣ имтиҳони аҳли вафо,
Ки димоғи вафо ҷунункадаест,

Олами вахшати паризадаест [12, 782].

Дар маснавии «Тилисми ҳайрат» Ишқ яке аз персонажҳои меҳварист. Ӯ дар аввал аз рафтан ба назди Рӯҳ ва аз печидан ба ранҷу ғамҳои муҳаббат канораҷӯӣ мекунад:

Зи арзи мултамис Ишқи ҷафокор
Нашуд аз шеваи мастона ҳушёр.
Баҳористони истиғно гул афшонд,
Зи мавҷи бениёзӣ кокул афшонд [11, 103].

Баъдан, Ишқ ба хидмат меояд ва замоне, ки Рӯҳ аз ӯ дар бораи Ҳусн суол мекунад, ғаму ранҷҳои муҳаббат оғоз мешаванд:

Аҷаб шӯрест оҳанги муҳаббат,
Аҷаб боғест найранги муҳаббат.
Фиребаш ин қадар ранги ҷунун рехт,
Ки берангӣ ба чандин ранг хун рехт [11, 156].

Хулоса, ишқ ва ғаму ранҷи он дар маснавиёти Бедил аз тасвири комил бархӯрдор буда, подомонӣ ва сидқ аз асбобҳои лозими фарди ошиқ донista шудааст.

**Натиҷагирӣ:** Ғами ишқ поктарин ва муқаддастарин ҳисси инсонӣ буда, офариниши оламу одам ба хотири он аст. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» дар бораи ғами ишқ ҳадиси паямбарро меорад, ки чунин мебошад: «Ман ашақа ва аффа ва катама фа мота мота шаҳидан», яъне ҳар кӣ дар ҷозибаи ишқ овезад ва бо латоифи ишқ даромезад ва дар он тариқаи иффат ва китмон пеш гирад, чун бимирад, шаҳид мирад.

Мутаассифона, на ҳама тавони кашидани ранҷу дарди ишқро доранд ва назари нек надоштани баъзе ашхос ба ин атияи Илоҳӣ дар ҳамин аст. Танҳо

аз раҳи сидқ ва таҳаммули дарду ранҷ мешавад дар муҳаббат хушком гашт, зеро душвориҳои пешомада шахси аз рӯи ҳавову ҳавас ба ин роҳ рафтаро гирифтори ғаму андуҳи нокомӣ менамоянд.

### 3.7. Вобастагии ғам ба қисмат

Масъалаи таслим ба сарнавишт як масъалаи калидӣ дар ирфон аст. Фотима Мирзоӣ - донишманди эронӣ, таслим ба сарнавиштро чунин шарҳ додааст: «Таслим як малака ва сифати вуҷудӣ аст, ки ҷойгоҳи он қалб ва даруни инсон аст, агарчи осораш дар берун худро нишон медиҳад. Таслим, яъне рӯҳ он қадар вусъат мегирад, ки дар имтиҳонот ва балоҳо нооро нест ва бетобӣ намекунад, балки бо тамкин ва оромиш дунболаи вазифае мегардад, ки Худо бароӣ таъин карда, бе он ки дарунаш эътирозе ба хости Худо дошта бошад, ё заррае дилгир шавад. Аммо ин ки оё ба ҳар пешомаде қонеъ бошем, масъалаи дигар аст. Таслим формули яксон надорад, ки ҳама ҷо ба кор биояд» [227].

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки инсон бояд дар муқобили Худованд таслим пеш оварад ва ин таслим таслими писандида аст, зеро ҳар кӣ бо Худо ва фармудаҳои Ӯ ба ҷидол бармехезад, ҷуз ноороми ва ҷунунзадагӣ чизе ба даст намеорад. Фавоиди тарс аз Худованд дар он хулоса мешавад, ки инсон ба ҷуз он остони баланд дар пеши ҳеҷ мушкилот зону нахоҳад зад.

Абулмаонӣ, тавре ки аз мутолиаи муқаддимаи маснавии «Ирфон» бармеояд, Худовандро зот ва оламу мавҷудоти онро сифот медонад. Ба таъбири дигар Худованд холиқ ва мавҷудоти дигар махлуқанд ва махлуқ бояд тобеи холиқи худ бошад. Мусанниф барои исботи ҳарфҳояш дар байти 134-уми маснавӣ аз лафзи «ғолибун ъало амриҳ» истифода мекунад. Лафзи мазкур баргирифта аз ояти 21-уми сураи «Юсуф» аст: «Ва л-Лоҳу ғолибун ъало амриҳи ва локинна аксара н-носи мо яъламуна» (Худо бар амри худ ғолиб аст, валекин бештари мардум намедонанд»):

Ки фурӯ рехт бар дили кеҳу меҳ,

Маънии «ғолибун аъло амриҳ» [12, 31].

Ҳамин тариқ, агар эътимод ҳосил кунем, ки инсон маҳсули амри Худованд аст ва Худованд бар амри худ ғолиб, пас эътироф лозим меояд, ки одам пайи дарёфти камол бояд ба итоати Худованди худ майл дошта бошад. Шоир аз соя ва нур мисол меорад ва таслими сояро бар нур сабаби наҷот ёфтанаш аз сиёҳӣ, ки киноя аз мусибату ғаму дард аст, ба қалам медиҳад:

Ҳар куҷо меҳр ҷилва фармояд,
Соя аз нақши худ чӣ ороядʼ?
Соя нур аст, чун шавад мағлуб?
Фазл селест бар бинои уюб [12, 32].

Дар «Тилисми ҳайрат» таслим ба сарнавишт яке аз лузумоти ишқ шинохта шудааст. Дар ин ҷо Абулмаонӣ ҳама суду зиёни ҷаҳонро беҳуда дониста, таслимро ба сарнавишт ягона василаи расидан ба хушбахтӣ ва канор гузоштани ғаму дард медонад:

Дар ин савдо ғами суду зиён нест,
Ба ҷуз таслим ҷинсе дар миён нест.
Вуҷуди феъл мавҳум аст ин ҷо,
Ҳамин таслим мафҳум аст ин ҷо [11, 196].

Дар маснавии «Муҳити аъзам» таслим ба сарнавишт сабабгори рифоҳ ва саломат мондани дил аз газанди ғам арзёбӣ мегардад. Барои исботи иддао Бедил аз шуҳрати нақши нигин (Зи таслим шуд шуҳра нақши нигин) истифода мекунад. Маълум аст, ки ном дар нигини шоҳон воруна навишта мешавад ва ҳангоми ба сари нома ҳамчун муҳр гузошта шуданаш, ки дар нигоҳи шоир саҷда ва таслимро мемонад, шакли дурусти худро пайдо менамояд, яъне ҳамин саҷда ва таслим сабаби қадр ва эътибор мегардад:

Зи шамшери фармони пири муғон
Шудаш ҳалқаи ҷом хатти амон.

Саломат зи таслим омад ба даст,
Ризо бурд аз соя ранги шикаст.
Зи таслим шуд шуҳра нақши нигин,
Бувад саҷда авҷи камоли яқин [11, 249].

Таслим ва ризо соликро водор мекунад, ки ба таҳқиқи олами ботин кӯшиш намояд, ноорому ғамгин набошад ва бетобиву эътирозро канор бигзорад. Ҳар як шахс бояд донад, ки инсонҳо тақдир ё худ сарнавишти якранг надоранд ва агар қисмат моро ба мушкиле рӯ ба рӯ кардааст, шояд ба василаи он тавонмандӣ ва таҳаммалпазирии мо имтиҳон карда мешавад. Ба ақидаи Абулмаонӣ, агар инсон саропо бо гавҳари ҳунар ороста бошад ҳам, назди тақдир сари таслим пеш наорад, уқдае дар кораш ҳанӯз боқист. Аз ин лиҳоз, тақдирситезӣ кори нохуб буда, боис ба талошу саъйи беҳуда мегардад ва анҷомаш гирифторӣ ба ғаму мусибат хоҳад буд:

То зи таслими ишқ бехабарӣ,
Уқда бо туст, агар ҳама гуҳарӣ.
Чист таслим? Илтизоми ризо,
Эҳтироз аз фузулии ману мо [12, 46].

Донишманди эронӣ Ҳусайни Ансориён дар навиштаи худ бо номи «Оё бахту иқбол воқеият дорад?» дар такя ба оёти Қуръонӣ ва ривоёт мефармояд: «Вожаҳое ҳамчун «шонс» ва «бахту қисмат» ва ғайра ҳаргиз воқеияти хориҷӣ надошта ва аз назари фарҳанги ислом комилан мардуд ва ботил мебошанд. Ҳеҷ ақлу мантиқе низ онро таъйид намекунад ва фалосифа ва ҳукамо низ фармудаанд, ки ҳар падидае ва ҳодисае дар олами табиат ва ҷаҳони ҳастӣ иллат ва ё илали хос ба худашро дорад» [208]. Дар ин қисмат кӯшиш менамоем, ки робитае миёни мафҳуми «иқбол» ва ҳисҳои дарду ғам пайдо намоем.

Нобарорӣ ва тавфиқ дар корҳо дар андешаи мардум маъмулан ба сарнавишт рабт дода мешавад. Тавфиқро мардум иқбол медонанд, ки маънои

он рӯ овардани бахту давлат ба инсон аст ва «беиқбол» гуфта, шахсеро дар назар доранд, ки гирифтори ғами нокомӣ бошад. Дар маснавии «Ирфон» зикри иқбол дар ду маврид ёфт мегардад, ки яке достони машҳури Комдеву Мудан ва дигар қиссаи шоҳест, ки бо аз даст додани тахт ба мулки ғайр гуреза мешавад.

Дар қиссаи дуюм ҳарчанд шоҳ кӣ буданашро аз ҳама ниҳон медорад, бар асари садоқат ва хидмати содиқона, ки заминаи иқболаш мешаванд, боз тахтнишин гардида, ғаму ранҷи бекасии худро тарк мекунад:

Лек осори нашъаи иқбол
Мояи шуҳрат аст дар ҳама ҳол.
Ҳар кӣ чархаш нигини шоҳӣ дод,
Гар ҳама ғӯта дар сиёҳӣ дод,
Он сиёҳиш ноумедӣ нест,
Номи иқбол бе сапедӣ нест [12, 696].

Аз ин ҷо мантиқан метавон ба натиҷа расид, ки агар вуҷуди иқбол мояи шуҳрат, нигини шоҳӣ ва сапедӣ бошад, пас адами иқбол гумномӣ, бенавоӣ ва сиёҳбахтист. Шояд дар зеҳн суоле падид ояд, ки иқбол азалист ва ё натиҷаи саъю амал? Мушаххасан дар ин бора Абулмаонӣ ишорате надорад, аммо аз равиши ин ду қисса маълум мегардад, ки иқбол ба шахсоне ёр мегардад, ки дорои сифатҳои махсуси ахлоқӣ бошанд. Чунончи, дар қиссаи «Комде ва Мудан» Абулмаонӣ иқболро самараи фурӯтанӣ ва оқибатандешӣ медонад:

Чист иқбол? Пешбин будан,
Осмон доштан, замин будан [12, 745].

Саъю кӯшиш низ роҳест, ки ба воситаи он метавон ба иқбол даст ёфт:

Ҳиммат он ҷо, ки бастааст камар,
Мӯр бар шер бурдааст зафар.

Ҳам дар он ҷост аз ғубори ситез
Нола бар кӯҳсор зилзиларез.
Араќи саъйи мард дар ҳама ҳол
Нест бе обёрии иқбол [12, 748].

**Натиҷагирӣ:** Адами иқбол ва номуваффақ будан дар корҳоро, ки боис ба ғамнок шудани дили афроди гуногун мегарданд, бояд самараи сустӣ, камҳаракатӣ ва интихоби масири нодуруст дар зиндагӣ бидонем. Шахс тавассути амали солеҳ, оқибатандешӣ ва интихоби роҳи дуруст имкон дорад, ки тасаввуроти бепояи худро дар бораи азалӣ будани иқбол бартараф намояд, ғамро канор бизанад ва ё ба таъбири дигар «хушиқбол» шавад.

### 3.8. Ғамофаринии аҷз

Ғаме, ки ҳосили баён карда натавонистани мазмун аз тариқи лафз аст, хоси бузургони олами андеша мебошад ва ба ҷамъи мардум тааллуқ надорад. Мо ин ишколро, ки сабабгори мушавваш шудани хотири бузургон ва парешонии рӯҳияи онҳо мегардад, ба он хотир зикр менамоем, ки дар маснавиёти Бедил мушоҳида мегардад ва онро дар осори абармардони дигари олами ирфон ба мисли Саноӣ ва Мавлоно вохӯрдан мумкин аст. Доктор Алии Шариатӣ дар мавриди суолу ҷавоби Шамси Табрезӣ ва Мавлоно мегӯяд: «Чӣ гуна бифаҳмонад, ки ӯ худ медонист, ки он чӣ ӯ дар олам дидааст ва паёмҳое, ки аз лабони ваҳй мегирад, ба гуфтан намеояд. Дар қолаби ҳеҷ калимоте, каломе намегунҷад. Ҳеҷ забон бо он созгор нест. Ӯ худ медонист, ки он чӣ ӯ мебинад ва меандешад, не барои гуфтан аст, ки абзори пасти хокиён аст ва бардаву хидматкорони хок ва бо он чӣ гуна метавон аз осмон хабар овард? Ӯ худ медонист, ки наметавон гуфт ва намегуфт ва ин буд рози хомӯшии ӯ. Ҳикмати сукути сангин ва хафақоновари Шамси Табрезӣ буд, ки мегуфт чизе бигӯ ва ӯ мегуфт:

Ман гунги хобдидаву олам тамом кар,
Ман оҷизам зи гуфтану халқ аз шуниданаш [243].

Дар таҳқиқи ирфон донишмандон суханҳои зиёде гуфтаанд, аммо аз тасвири расидан ба висоли Ҳақ касе ҷуръати гуфтор накардааст. Сабаби нахуст он аст, ки касе ба висол нарасида бошад, наметавонад чизи надидаашро бозгӯ кунад ва сабаби дувум он бувад, ки ҳар кӣ Ҳақро дида бошад, сухани мувофиқе барои шарҳи ҳоли худ намеёбад. Дар «Муҳити аъзам» ҳамин мавзӯъ ба чашм мерасад:

Яке рафт дар хидмати орифе,
Зи асрори ҳарфи «магӯ» воқифе,
Ки эй бурда дар дарси ирфон сабақ,
Бигӯ нуктае аз камолоти Ҳақ…
Чунин гуфт донишвари тезҳуш,
К-аз ин гуфтугӯ беҳ, ки бошӣ хамӯш.
Гар аз васф пурсӣ, чӣ пурсидан аст?
Ки пурсидани рангҳо дидан аст [11, 309].

Мисраи «Ки пурсидани рангҳо дидан аст» фарогири мазмунест, ки агар инсон фарзан ранги сабзро надида бошад, бо шунидани ранги сабз чи гуна будани онро дарк карда наметавонад. Яъне, инсон ҳамон вақт дар борai рангҳо тасаввурот ҳосил мекунад, ки онҳоро дида ва дар бораи онҳо тасаввуроте дошта бошад. Ба таъбири Мавлоно, ориф пас аз мушоҳидаи ҳақоиқ ба гунги хобдида монанд мешавад, ки ҳаросон аз хоб бармехезад, аммо ба иллати надоштани забон наметавонад чизи хобдидаашро, ки шояд паёми муҳимме дар худ дошта бошад, ба мардум бирасонад ва ба ин сабаб малулу ғамгин мегардад. Бедил низ дар ин пораи маснавӣ, ки болотар овардаем, ғами оҷизӣ аз баёни мушоҳидоти орифро бо мисраи «Аз ин гуфтугӯ беҳ, ки бошӣ хамӯш» хулоса фармудааст.

